**ҲУШАНГ ИБТИҲОҶ СОЯ**

# ДЕВОН

**Таҳия ва тадвини Исмоил ЗАРИФӢ**

# ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ ПИРИ ПАРНИЁНАНДЕШ

Амир Ҳушанг Ибтиҳоҷ, ки бо тахаллуси Ҳ. Алиф Соя машҳур аст, 6-уми исфанди соли 1306, мутобиқ ба 25-уми феврали соли 1928-и мелодӣ дар шаҳристони Рашт (дар шимоли Эрон) таваллуд шудааст. Ӯ аввалин фарзанди Мирзо Оқохон Ибтиҳоҷ ва Фотима Рифъат мебошад, ки ин хонавода соҳиби чаҳор фарзанд буданд.

Падараш Оқохон Ибтиҳоҷ аз мардони саршиноси Рашт буд ва муддате чун садри бемористони «Пури Сино»-и ин шаҳри Рашт ифои вазифа намудааст.

Таҳсилоти дабистон ва дабиристонашро дар он шаҳр ба поён расонид ва ҳамроҳи хонаводааш ба Теҳрон омад. Теҳрон барои вай дари ҷаҳони дигареро боз намуд. Дар муҳити ин шаҳри адабпарвар ба камол расидан ба ӯ имкон муҳайё намуд, ки дар понздаҳсолагӣ ба шеъргӯӣ пардозад.

Чун ӯ фориғуттаҳсили донишгоҳ шуд дар андак муддат чун шоир шуҳрат ёфт.

Хеле ҷавон буд, ки ба духтари армание бо номи Голиё ошиқ шуд. Ин ишқи шӯрангез ӯро ба роҳи шоири раҳнамун шуд. Ашъори ошиқонаи шоир маҳсули ин давраинаи ҳаёти шоир аст, ки то имрӯз идома дорад.

Чун Эрон ба хоку хун кашида шуд ишора ба ҳамин ишқи шӯрангез шеъри машҳури «Корвон»-ро эҷод намуд.

Дер аст, Голиё,
Дар гӯши ман фасонаи дилдодагӣ махон!
Дигар зи ман таронаи шӯридагӣ махоҳ!
Дер аст, Голиё.
Ба раҳ афтод корвон...

Рӯзе, ки бозувони булӯрини субҳдам,
Бардошт теғу пардаи торики шаб шикофт.
Рӯзе, ки офтоб
Аз ҳар дарича тофт.
Рӯзе, ки гунаву лаби ёрони ҳамнабард,
Ранги нишоту хандаи гумгашта бозёфт.

Ман низ боз хоҳам гардид он замон,
Сӯи таронаҳову ғазалҳову бӯсаҳо,
Сӯи баҳорҳои дилангези гулфишон,
Сӯи ту, ишқи ман!

Соя баъдтар соли 1337 бо хонум Олмо Мойкёл хонадор шуд ва пас аз як сол соҳиби духтаре шуданд бо номи Ялдо. Фарзандони дигари хонадон Кайвон, Осиё ва Кова ном доранд.

Нахустин маҷмӯъаи ашъораш бо номи «Нахустин нағмаҳо» соли 1325 (1946) ба табъ расидааст, ки дар ин маҷмӯъа ӯ бештар ба Ҳофизи Шерозӣ пайравӣ кардааст.

Баъдтар китобҳои дигари ӯ «Сароб» (1951) Сиёҳмашқ» (1953), «Шабгир» (1953), «Замин» (1955), «Чанд барг аз ялдо» (1965), «Ёднома», тарҷумаҳо (1968), «То субҳи шаби ялдо» (1981), «Ёдгори хуни сарв» (1981), «Девон»-и Ҳофиз бо саъйи Соя, «Тосён» (2006) ва осори мунтахаби дуҷилдаи ӯ бо номҳои «Сиёҳмашқ», 300 саҳифа, «Тосён» 200 саҳифа (2016) ба табъ расидаанд.

Охирин китоби ӯ соли 2018 бо номи «Бонги най» ба табъ расидааст, ки фарогири маснавии ҳамноми китоб ва чанд маснавии дигар аст. Маснавии «Бонги най» қуллаи баланди эҷодиёти шоир аст. Ин маснавӣ аз 482 байт иборат аст.

Боз бонге аз найистон мерасад,
Ғам ба доди ғампарастон мерасад.
Бишнавед, ин шарҳи ҳиҷрон, бишнавед,
Бо найи ноланда ҳамдастон шавед.
Бе шумо ин нойи нолон бенавост,
Ин навоҳо аз нафасҳои шумост.
Он нафас, к-оташ барангезад зи об,
Он нафас, к-оташ аз ӯ омад ба тоб.

Ҳушанги Ибтиҳоҷ бештар ғазал мегӯяд ва дар сурудани ин навъи шеър соҳиби сабку салиқаи хос аст. Ба ғазал рӯй овардани Соя бепоя нест. Дар Эрони асри XX, бо вуҷуди он ки навъҳои нави шеър нашъунамо мекарданд, ҳамоно ғазал равнақ дошт ва василаи асосии баёни хостаҳои шоирон буд. Абулқосим Лоҳутӣ, Маликушшуаро Баҳор, Саъид Нафисӣ, Фаррухии Яздӣ, Деҳхудо, Таваллулӣ, Орифи Қазвинӣ, Мирзода Ишқӣ, Раҳии Муъайярӣ, Шаҳриёр, Соя ва шоирони зиёде дар ғазалгӯӣ шавқ доштанд ва ашъори эшон имрӯз нест хеле машҳур ва бар сари забонҳо ҷорианд.

Худи Ҳушанги Соя дар суҳбате мегӯяд: «Замоне буд, ки ман ҳанӯз душману дӯсти худро нашинохта будам, ҳанӯз ошиқи бузургамро наёфта будам, бо дигарон месӯхтам, аммо шеъри ман сароб буд ва дар поёни он рӯзгор навиштам: ба ҳангоме ки хурӯши хашму фарёди дард дар пардаи дили ту меовезад, ман барои дилам, барои ишқи беморам овоз хондаам, ҳангоме, ки чеҳраҳои зарду шикастаи ҳаммеҳанони ман бо ашку хун оғӯшта мешавад, ман барои гулҳои ёс, барои шабҳои маҳтобӣ, барои хобҳо ва руъёҳои худ шеър сурудаам. Шеъри ман ҳамчун нолаи шаб овози андӯҳу парешонӣ ва шикаст шудааст ва ман дигар намехоҳам, ки чунин бошад. Ман овози хешро дар ин дили танг сар хоҳам дод ва ин орзуро, ки саргузашти ранҷу разми пуршукӯҳи инсонҳост, аз миёни ҳисорҳои вайрони шаби хунолуд ба гӯши дуртарин ситораи бедори осмон хоҳам расонд ва чунин кардам».

Муҳаққиқони адаби Эрон ӯро шоири навгаро ва дар гуфтани ғазали модерн чирадаст медонанд ва ӯро дар қатори ғазалсароёни бузурги муосир ҳамчун Шаҳриёр, Имоди Хуросонӣ ва Симини Беҳбаҳонӣ арзёбӣ мекунанд.

Ғуломҳусайни Юсуфӣ дар бораи шеъри Соя мегӯяд: «Дар ғазали форсии муосир шеърҳои Соя дар шумори осори хуб ва хонданист. Мазомини гиро ва дилкаш, ташбеҳот, истиъорот ва сувари хаёли бадеъ, забони равону мавзуну хуштаркибу ҳамоҳанг бо ғазал, аз вижагиҳои шеъри ӯст ва низ ранги иҷтимоии зарифи он ёдовари шеваи дилпазири Ҳофиз аст. Аз ҷумла ғазалҳои дилпазири ӯ: «Дӯзахи рӯҳ», «Шабехун», «Хунбаҳо», «Гиряи Лайлӣ», «Чашме канори панҷараи интизор» ва «Нақши дигар».

Ашъори нави ӯ низ дорони дарунмояи тозааст. Фасоҳати забон ва қуввати баён ба Соя имкон додааст, ки ӯро ошиқони шеър дар шеъри пас аз Нимо дар қатори Нодири Нодирпур, Манучеҳри Найистонӣ, Ҳусайни Мунзавӣ, Муҳаммадалии Баҳманӣ, Фурӯғи Фаррухзод, Симини Бебаҳонӣ, Қайсари Аинпур ҷой гирад.

Шоир алъон дар синни 94-солагӣ дар шаҳри Клёни Олмон умр ба сар мебарад.

Ин ҷониб кӯшиш намуд, ки дар китобе, ки бо номи «Девон»-и Ҳушанг Ибтиҳоҷ Соя омодаи чоп шудааст, ҳамаи ашъори чопшуда, қисматҳое аз маснавии «Бонги най» ва як қатор ашъори тозаи шоирро ҷой диҳад ва умедвор аст, ки туҳфаи хубест ба дӯстдорон ва мухлисони ашъори шоир.

***Исмоил Зарифӣ, шоир***

## БА НОМИ ШУМО

Замона қуръаи нав мезанад ба номи шумо,
Хушо, шумо, ки ҷаҳон меравад ба коми шумо.

Дар ин ҳаво чӣ нафасҳо пуроташ асту хуш аст,
Ки бӯи хуни дили мост дар машоми шумо.

Танӯри синаи сӯзони мо ба ёд оред,
К-аз оташи дили мо пухта гашт хоми шумо.

Фурӯғе гавҳаре аз ганҷи хонаи дили мост,
Чароғи субҳ, ки бармедамад зи боми шумо.

Зи сидқ ойина кирдори субҳхезон буд,
Ки нақши талъати хуршед ёфт шоми шумо.

Замон ба дасти шумо медиҳад зимоми мурод,
Аз он ки ҳаст ба дасти хирад зимоми шумо.

Ҳумои авҷи саодат, ки мегурехт зи хок,
Шуд аз амони замин доначини доми шумо.

Ба зери рони талаб зин кунед асби мурод,
Ки чун саманди замин шуд сипеҳр роми шумо.

Ба шеъри Соя дар он базмгоҳи озодӣ,
Тараб кунед, ки пурнӯш бод ҷоми шумо.

## НИЁЗ

Мавҷи рақсангези пироҳан чу лағзад бар танаш,
Ҷон ба рақс ояд маро аз лағзиши пироҳанаш.

Ҳасрати гесӯ ба гирди гарданаш ҳасратнамост,
Эй дареғо, гар расидӣ дасти ман дар гарданаш.

Ҳар дамам пеш ояду бо сад забон хонад ба чашм
В-инчунин бигрезаду парҳез бошад аз манаш.

Метаровад бӯи ҷон имрӯз аз тарфи чаман,
Бӯсае додӣ магар, эй боди гулбӯ, бар танаш?

Ҳамраҳи дил дар паяш афтону хезон меравам,
Ваҳ, ки рӯзе гар ба чанги ман биафтад доманаш.

Дар саропои вуҷудаш ҳеч нуқсоне набуд,
Гар набудӣ ин ҳама номеҳрубонӣ карданаш.

Соя, кай бошад шабе, к-он рашки моҳу офтоб,
Дар шабистони ту тобад шамъи рӯи равшанаш?

## РАҲИЛ

Фарёд, ки аз умри ҷаҳон ҳар нафасе рафт,
Дидем, к- аз ин ҷамъи пароканда касе рафт.

Шодӣ макун аз зодану шеван макун аз марг,
З - ин гуна басе омаду з - ин гуна басе рафт.

Он тифл, ки чун пир дар ин қофила дармонд,
В - он пир, ки чун тифл ба бонги ҷарасе рафт.

Аз пешу паси қофилаи умр маяндеш,
Гаҳ пешраве пай шуду гаҳ бозпасе рафт.

Мо ҳамчу хасе бар сари дарёи вуҷудем,
Дарёст чӣ санҷад, ки бар ин мавҷ хасе рафт?

Рафтию фаромуш шудӣ аз дили дунё,
Чун нолаи мурғе, ки зи ёди қафасе рафт.

Рафтию ғам омад ба сари ҷои ту, эй дод,
Бедодгаре омаду фарёдрасе рафт.

Ин умри сабук Сояи мо баста ба оҳест,
Дуде зи сари шамъ париду нафасе рафт.

## САРВИ РАВОН

Боз имшаб аз хаёли ту ғавғост дар дилам,
Ошӯби ишқи он қаду болост дар дилам.

Хобам шикасту мардуми чашмам ба хун нишаст,
То фитнаи хаёли ту бархост дар дилам.

Хомӯшии лабам на зи бедардию ризост,
Аз чашми ман бибин, ки чӣ ғавғост дар дилам.

Ман нои хушнавояму хомӯш, эй дареғ,
Лаб бар лабам бинеҳ, ки навоҳост дар дилам.

Дасте ба синаи мани шӯридасар гузор,
Бингар чӣ оташе зи ту барпост дар дилам.

З-ин мавҷи ашки тафтаву тӯфони оҳи сард,
Эй дида, хуш дор, ки дарёст дар дилам.

Боре умеди хеш ба дилдориям фирист,
Донӣ, ки орзуи ту танҳост дар дилам.

Гум шуд зи чашми Соя нишони туву ҳанӯз,
Сад гуна доғи ишқи ту пайдост дар дилам.

## НАИ ШИКАСТА

Бо ин дили мотамзада овоз чӣ созам?
Бишкастанаям бе лаби дамсоз чӣ созам?

Дар кунҷи қафас мекушадам ҳасрати парвоз,
Бо болу пари сӯхта парвоз чӣ созам?

Гуфтам, ки дил аз меҳри ту баргираму ҳайҳот,
Бо ин ҳама афсунгарию ноз чӣ созам?

Хуноба шуд он дил, ки ниҳонгоҳи ғамат буд,
Аз парда дарафтад агар ин роз чӣ созам?

Гирам, ки ниҳон баркашам ин оҳи ҷигарсӯз,
Бо ашки ту, эй дидаи ғаммоз, чӣ созам?

Тори дили ман чашмаи илҳони худоист,
Аз дасти ту, эй захмаи нософ, чӣ созам?

Сози ғазали Соя ба домони ту хуш буд,
Дур аз ту мани дилшуда овоз чӣ созам?

## ВАФО

Биё, ки бар сари онам, ки пеши пои ту мирам,
Аз ин чӣ хуштарам, эй ҷон, ки ман барои ту мирам.

Зи дасти ҳаҷри ту ҷон мебарам ба ҳасрати рӯзе,
Ки ту зи роҳ биёиву ман ба пои ту мирам.

Бисӯхт мардуми бегонаро ба ҳолати ман дил,
Чунин ки пеши дили дерошнои ту мирам.

Зи по фитодаму дар сар ҳавои рӯи ту дорам,
Маро бикуштию ман даст бар дуои ту мирам.

Бикун ҳар он чӣ тавонӣ ба Сояи бедил,
Маро зи ишқи ту ин бас, ки дар вафои ту мирам.

## НОЛА

Зи доғи ишқи ту хун шуд дили чу лолаи ман,
Фиғон, ки дар дили ту раҳ наёфт нолаи ман.

Маро чу абри баҳорӣ ба гиря ору биханд,
Ки обрӯи ту, эй гул, бувад зи жолаи ман.

Шароби хуни дилам мехӯрию нӯшат бод,
Дигар ба санг чаро мезанӣ пиёлаи ман?

Чу бишнавӣ ғазали Соя чангу най бишкан,
Ки нест чанги туро захра сӯзи нолаи ман.

**ДОМИ БАЛО**

З-ин беш аз пасу пеш зулфи дуто магустар,
Дар пеши пои дилҳо доми бало магустар.

То кай кунӣ парешон дилҳои мубталоро?
Он хирмани балоро пеши сабо магустар.

Бар пои мурғи маълуф кас ришта менабандад,
Доми фусун, Худоро, бар ошно магустар.

Ман худ ба хоҳиши хеш сар дар паят ниҳодам,
Дастон масозу домам дар пеши по магустар.

Чун шаб сиёҳ кардӣ бар Соя рӯзи равшан,
Бар он маҳи дуҳафта зулфи дуто магустар.

**НОЛАЕ БАР ҲИҶРОН**

Гул меравад аз бӯстон булбул зи чӣ хомӯшӣ?
Вақт аст, ки дил з-ин ғам бихрошию бихрӯшӣ.

Эй мурғ, бинол, эй мурғ, омад гаҳи нолидан,
Гул месупурад моро дигар ба фаромӯшӣ.

Оҳ, эй дили нохурсанд, дар ҳасрати як лабханд,
Хуни ҷигарам то чанд менӯшиву менӯшӣ?

Месӯзаму механдам, хушнудаму хурсандам,
То сӯхтанам чун шамъ мехоҳиву мекӯшӣ.

Ту обию ман оташ, васли ту намехоҳам,
Ин сӯхтанам хуштар аз сардию хомӯшӣ.

**АШКИ ВОПАСИН**

Ба кӯят бо дили шод омадам, бо чашми тар рафтам,
Ба дил уммеди дармон доштам, дармондатар рафтам.

Ту кӯтаҳдастиям мехостӣ в-арна мани мискин,
Ба роҳи ишқ агар аз по дарафтодам, ба сар рафтам.

Наёмад домани васлат ба дастам ҳар чӣ кӯшидам,
Зи кӯят оқибат бо домане хуни ҷигар рафтам.

Ҳарифон ҳар як оварданд аз савдои худ суде,
Зиёноварда ман будам, ки дунболи ҳунар рафтам.

Надонистам, ки ту кай омадӣ, эй дӯст, кай рафтӣ?
Ба ман то мужда оварданд, ман аз худ бадар рафтам.

Маро озурдию гуфтам, ки хоҳам рафт аз кӯят,
Бале, рафтам, вале ҳар ҷо, ки рафтам, дар ба дар рафтам.

Ба поят рехтам ашкею рафтам, даргузар аз ман
Аз ин раҳ барнамегардам, ки чун шамъи саҳар рафтам.

Ту рашки офтобӣ, кай ба дасти Соя меоӣ?
Дареғо, охир аз кӯи ту бо ғам ҳамсафар рафтам.

## ҚИССАИ ДАРД

Рафтаму заҳмати бегонагӣ аз кӯи ту бурдам,
Ошнои ту дилам буду ба дасти ту супурдам.

Ашк домони маро гираду дар пои ман афтад,
Ки дили хуншударо ҳам зи чӣ ҳамроҳ набурдам.

Шармам аз ойинаи рӯи ту меояд, агар на
Оташи оҳ ба дил ҳаст, нагӯй, ки фусурдам.

Ту чу парвонаам оташ бизан, эй шамъу бисӯзон,
Мани бедил натавонам, ки ба гирди ту нагардам.

Мебарандат дигарон даст ба даст, эй гули раъно,
Ҳайфи ман, булбули хушхон, ки ҳама хори ту хӯрдам.

Ту ғизолам нашудӣ ром, ки шеъри хушат орам,
Ғазалам қиссаи дард аст, ки парвардаи дардам.

Хуни ман рехт ба афсунгарию қотили ҷон шуд,
Соя, онро, ки табиби дили бемор шумурдам.

## ХОКИСТАР

Чун хоби ноз буд, ки боз аз сарам гузашт,
Номеҳрубони ман, ки ба ноз аз барам гузашт.

Чун абри навбаҳор бигирям дар ин чаман,
Аз ҳасрати гуле, ки зи чашми тарам гузашт.

Манзури ман, ки манзараафрӯзи оламест,
Чун барқ хандае заду аз манзарам гузашт.

Охир ба азми пурсиши парвона шамъи базм,
Омад, вале чу бод ба хокистарам гузашт.

Дарёи лутф будию ман монда бо сароб,
Дил он гаҳат шинохт, ки об аз сарам гузашт.

Миннаткаши хаёли туям, к-аз сари карам
Ҳамхобаи шабам шуду бар бистарам гузашт.

Ҷонпарвар аст лутфи ту, эй ашки жола, лек
Дер омадиву кори гули парпарам гузашт.

Хуноби дард гашту зи чашмам фурӯ чакид,
Ҳар орзу, ки аз дили хушбоварам гузашт.

Сад чашма ашки ғам шуду сад боғ лола доғ,
Ҳар дам ки хотироти ту аз хотирам гузашт.

Хуш Соя равшанист тамошои ёрро,
Ин дуди оҳу шуъла, ки бар дафтарам гузашт.

## МУРҒИ ПАРИДА

Ҳанӯз чашми муродам рухи ту сер надида,
Ҳаво гирифтию рафтӣ зи каф чу мурғ парида.

Туро ба рӯи замин дидаму шукуфтаму гуфтам:
Ки ин фаришта барои ман аз биҳишт расида.

Биё, ки чашму чароғам ту будӣ аз ҳама олам,
Худойро, ба куҷо рафтӣ, эй фурӯғи ду дида?

Ҳазор бор гузаштӣ ба нозу ҳеч нагуфтӣ,
Ки чунӣ, эй ба сари роҳ интизор кашида?

Чӣ хоҳӣ аз сари ман, эй сиёҳии шаби ҳиҷрон,
Сапед кардӣ чашмам дар интизори сапеда?

Ба дасти кӯтаҳи ман домани ту кай расад, эй гул,
Ки пои хастаи ман умре аз паи ту давида?

Таронаи ғазали дилкашам магар нашунуфтӣ,
Ки роми ман нашудӣ, охир, эй ғизоли рамида?

Хамӯш, Соя, ки шеъри туро дигар написандам,
Ки дӯш гӯши дилам шеъри Шаҳриёр шунида.

## АШКИ НАДОМАТ

Эй фиристода саломам, ба саломат бошӣ,
Ғамам он нест, ки қодир ба ғиромат бошӣ.

Гул, ки дил зинда кунад, бӯи вафое дорад,
Ту магар соҳиби эъҷозу каромат бошӣ?

Хонаи дил на чунон рехта дарҳам, ки дар ӯ
Сар фуруд орию моил ба иқомат бошӣ.

Дигарам ваъдаи дидор вафое накунад,
Магар, эй ваъда, ба дидори қиёмат бошӣ?

Шабнам овехт ба гулбарг, ки эй домани пок,
Сазадат гар ҳама бо ашки надомат бошӣ.

Мекунам бахти бади хеш шарики гунаҳат,
То на танҳо ту сазовори маломат бошӣ.

Эй ки ҳаргиз накунад, Соя, фаромӯш туро,
Ёд кардӣ ба саломам ба саломат бошӣ.

## ХАНДАИ ҒАМОЛУД

Чун бод меравию ба хокам фикандаӣ,
Оре, бирав, ки хона зи бунёд кандаӣ.

Ҳису ҳунар ба ҳеч зи ишқи биҳиштиам,
Шарме наёмадат, ки зи чашмам фикандаӣ?

Ашкам давад ба доману чун ашки субҳдам,
Маргам ба лаб ниҳода, ғамолуди хандаӣ.

Бахт аз манат гирифту диламончунон гирист,
К-аз дасти кӯдаке бирабоӣ парандае.

Бигзаштию зи хирмани дил шуъла сар кашид,
Он гаҳ шинохтам, ки ту барқи ҷаҳандаӣ.

Бе ӯ чӣ бар ту мегузарад, Соя, эй шигифт,
Ҷонат зи даст рафту ту бечора зиндаӣ?

## ФАСОНАИ ШАҲР

Сабо ба ларзиши тан сими торро монӣ,
Ба бӯи нофа сари зулфи ёррро монӣ.

Ба гӯши ёр расон шарҳи беқарории дил,
Ба зулфи ӯ, ки дили беқароррро монӣ.

Дар интизори саҳар чун ман, эй фалак, ҳама чашм,
Бимон, ки мардуми чашминтизорро монӣ.

Саре ба сахраи зонуи ғам бизан, эй ашк,
Ки дар сукути шабам обшорро монӣ.

Ба пои шамъи маҳ аз ашки ахтарон, эй чарх,
Канори ошиқи шабзиндадорро монӣ.

Зи сели ашки ман, эй хоби ман, надида ҳанӯз,
Чӣ бистарӣ ту, ки дарёканорро монӣ?

Гузаштӣ, эй маҳи носозгори зудгузар,
Ки рӯзҳои хуши рӯзгорро монӣ.

Маноз  ин ҳама, эй муддаъӣ ба суҳбати ёр,
Ки пеши он гули навраста хорро монӣ.

Амон намедиҳӣ, эй сӯзи ғам, ба сози дилам,
Биё, ки гиряи беихтиёрро монӣ.

Ғизоли ман ту ба афсун фасона дар ҳама шаҳр,
Таронаи ғазали Шаҳриёрро монӣ.

Навиди номаат, эй сарви Сояпарвари ман,
Бигӯ, биё, ки насими баҳорро монӣ.

## ПАЁМИ ПАРАСТУ

Биё, ки бори дигар гул ба бор меояд,
Биёр бода, ки бӯи баҳор меояд.

Ҳазор ғам зи ту дорам ба дил, биё, эй гул,
Ки гул шукуфтаю бонги ҳазор меояд.

Тараб миёнае хуш нест бо манаш, чӣ кунам,
Хушо, ғами ту, ки бо мо канор меояд?

На ман ба доғи ту, эй гул, ба хун нишастаму бас,
Ки лола ҳам ба чаман доғдор меояд.

Дили чу ғунчаи ман нашкуфад ба бӯи баҳор,
Баҳори ман бувад он гаҳ, ки ёр меояд.

Насими зулфи ту то нагзарад ба гулшани дил,
Куҷо ниҳоли умедам ба бор меояд?

Бад-ин умед шуд ашкам равон зи чашмаи чашм,
Ки сарви ман ба лаби ҷӯйбор меояд.

Магар зи пайки парасту паёми ӯ пурсам
В-агарна кист, ки аз он диёр меояд?

Дилам ба бодаву гул во намешавад, чӣ кунам,
Ки бе ту бодаву гул ногувор меояд.

Баҳори Соя туӣ, эй бунафшамӯ, боз ой,
Ки гул ба дидаи ман бе ту хор меояд.

## ҲАМЕШАБАҲОР

Гузаштам аз ту, ки эй гул, чу умри ман гузаронӣ,
Чӣ гӯямат, ки ба боғи биҳишти гумшуда монӣ?

Ба даври чашми ту ҳарчанд доди дил настондам,
Бирав, ки коми дил аз даври осмон бистонӣ.

Гузоштам ба ҷигар доғи ишқу аз ту гузаштам,
Ба коми ман, ки намондӣ, ба коми хеш бимонӣ.

Баҳори умри маро гар хазон расид, ту хуш бош,
Ки чун ҳамешабаҳор эман аз газанди хазонӣ.

Туро чӣ ғам, ки саре поймоли ишқи ту гардад,
Ки бар азои азизон саманди шавқ биронӣ?

Чӣ гуна хор гузорӣ маро, ки ҷони азизӣ,
Чӣ гуна пир писандӣ маро, ки бахти ҷавонӣ?

Кунун ғубори ғам барафшон зи чеҳра, ки фардо,
Чӣ суд ашки надомат, ки бар сарам бифишонӣ?

Чӣ солҳо, ки ба пои ту шохи гул binишастам,
Ки бишкуфию гуле пеши рӯи ман бинишонӣ.

Ту ғунча будию ман андалеби боғи ту будам,
Кунун ба хориам, эй гулбуни шукуфта, чӣ ронӣ?

Ба поси ишқ зи бадаҳдият гузаштаму донам,
Ҳанӯз завқи гузашту сафои ишқ надонӣ.

Чӣ хорҳо, ки ҳасрат шикаст дар дили решам,
Чу дидамат, ки чу гул сар ба синаи дигаронӣ.

Хушо, ба пои ту сар суданам чу шоҳиди маҳтоб,
Вале ту Соя биронӣ зихуд, ки сарви равонӣ.

## ОХИР ДИЛ АСТ ИН

Дил чун тавон буридан аз ӯ, мушкил аст ин,
Оҳан, ки нест ҷони ман, охир дил аст ин?

Ман мешиносам ин дили Маҷнуни хешро,
Пандаш дигар магӯй, ки беҳосил аст ин.

Ҷуз банд нест чораи девонаву ҳаким,
Пандаш диҳад ҳанӯз, аҷаб оқил аст ин.

Гуфтам: Табиби ин дили бемор омадаст,
Эй вой, бар ману дили ман қотил аст ин.

Миннат чаро ниҳем, ки бар хоки пои ёр,
Ҷоне нисор кардаму ноқобил аст ин.

Ашки маро бидиду бихандид муддаъӣ,
Айбаш макун, ки аз дили мо ғофил аст ин.

Пандам диҳад, ки Соя дар ин ғам сабур бош,
Дар баҳр ғарқаам ману дар соҳил аст ин.

## СОЯИ ГУЛ

Зи парда гар ба дарояд нигори парданишинам,
Чу ашк аз назар афтад нигорхонаи Чинам.

Бисозам аз сари зулфи ту чун насим ба бӯе,
Гарам зи даст наёбад, ки гул зи боғи ту чинам.

Марав ба нози ҷавонӣ гирaҳ фиканда бар абрӯ,
Ки пири ишқаму зулфи ту дода чин ба ҷабинам.

Зи ҷон надошт дилам тоқати ҷудоиву аз ашк,
Кашид парда ба чашмам, ки рафтани ту набинам.

Зи тоби он ки дилам боз сар кашад зи камандаш,
Камон кашида нишастаст  чашми ӯ ба каминам.

Агар насими умеде набуду шабнами шавқе,
Гуле надошт хазондида боғи табъи ҳазинам.

Ба ноз сар макаш аз ман, ки Сояи туам, эй сарв,
Чу шохи гул бинишин то ба сояи ту нишинам.

## ЁРИ ГУМШУДА

Гар чашми дил ба он маҳи ойинарӯ кунӣ,
Сайри ҷаҳон дар ойинаи рӯйи ӯ кунӣ.

Хоки сиях мабош, ки кас барнагирадат,
Ойина шав, ки хидмати он моҳрӯ кунӣ.

Ҷони ту ҷилвагоҳи ҷамол он гаҳе шавад,
К-ойинааш ба ашки сафо шустушӯ кунӣ.

Хобу хаёли ман ҳама бо ёди рӯи туст,
То кай ба ман чу давлати бедор рӯ кунӣ?

Дармони дарди ишқ сабурӣ бувад, вале
Бо ман чаро ҳикояти сангу сабӯ кунӣ?

Хун мечакад зи нолаи булбул дар ин чаман,
Фарёд аз ту гул, ки ба ҳар хор хӯ кунӣ.

Дил бастаам ба бод, ба бӯи шабе, ки зулф
Бикшоиву машоми маро мушкбӯ кунӣ.

Ин ҷост ёри гумшуда, гирди ҷаҳон магард,
Худро биҷӯй, Соя, агар ҷустуҷӯ кунӣ.

### ЗАБОНИ НИГОҲ

Нашавад фоши касе он чӣ миёни ману туст,
То ишороти назар номарасони ману туст.

Гӯш кун, бо лаби хомӯш сухан мегӯяд,
Посухам деҳ, ба нигоҳе, ки забони ману туст.

Рӯзгоре шуду кас марди раҳи ишқ надид,
Ҳолиё, чашми ҷаҳоне нигарони ману туст.

Гарчи дар халвати рози дили мо кас нарасид,
Ҳама ҷо замзамаи ишқи ниҳони ману туст.

Гӯ, баҳори дилу ҷон бошу хазон бош, арна
Эй басо, боғу баҳорон, ки хазони ману туст.

Ин ҳама қиссаи фирдавсу таманнои биҳишт,
Гуфтугӯеву хаёле зи ҷаҳони ману туст.

Нақши мо, гӯ, нанигоранд ба дебочаи ақл,
Ҳар куҷо номаи ишқ аст, нишони ману туст.

Соя, з-оташкадаи мост фурӯғи маҳу меҳр,
Ваҳ, аз ин оташи равшан, ки ба ҷони ману туст.

### СИРИШКИ НИЁЗ

Диле, ки пеши ту раҳ ёфт, бозпас наравад,
Ҳавогирифтаи ишқ аз паи ҳавас наравад.

Ба бӯи зулфи ту дам мезанам дар ин шаби тор
В-агарна чун саҳарам бе ту як нафас наравад.

Чунон ба доми ғамат хӯ гирифт мурғи дилам,
Ки ёди боғи биҳишташ дар ин қафас наравад.

Нисори оҳи саҳар мекунам сиришки ниёз,
Ки домани туам, эй гул, зи дастрас наравад.

Дило, бисӯзу ба ҷон барфурӯз оташи ишқ,
К-аз ин чароғи ту дуде ба чашми кас наравад.

Фиғони булбули табъам ба гулшани ту хуш аст,
Ки кори дилбарии гул зи хору хас наравад.

Диле, ки нағмаи ноқуси маъбади ту шунид,
Чу кӯдакон зи паи бонги ҳар ҷарас наравад.

Ба остони ту чун Соя сар ниҳам ҳама умр,
Ки ҳар кӣ пеши ту раҳ ёфт, бозпас наравад.

## СОЯИ ҲУМО

Ба ман зи бӯи ту боди сабо дареғ накард,
Зи ошно нафаси ошно дареғ накард.

Чу ғунча тангдилӣ ҳаргизаш мабод, он гул,
Ки бӯи хуш зи насими сабо дареғ накард.

Сафои ойинаи рӯи он париваш бод,
Ки бо шикастадилон аз сафо дареғ накард.

Ҷафо зи бахти бади хеш мекашам мани зор,
В-агана ёр ба ман аз вафо дареғ накард.

Ҳабиби ман, чӣ биҳиштӣ, табиби мушфиқ буд,
Ки дид дарди марову даво дареғ накард.

Ҳамеша бар сари ӯ соябони давлат бод,
Ки соя аз сари мо чун ҳумо дареғ накард.

Чӣ бахт буд, ки он саркашида сарви баланд,
Зи оби дидаи ман хоки по дареғ накард?

Бар остони назар ашк пардадори дил аст,
Биё, ки дидаи ман аз ту ҷо дареғ накард.

Аз он лаби шакаринам ба бӯсае бинвоз,
Ки Соя бо ту чу най аз наво дареғ накард.

## БЕНИШОН

З-ин гунаам, ки дар ғами ғурбат шикеб нест,
Гар сар кунам шикояти ҳиҷрон ғариб нест.

Ҷонам бигиру суҳбати ҷононаам бибахш,
К-аз ҷон шикеб ҳасту зи ҷонон шикеб нест.

Гумгаштаи диёри муҳаббат куҷо равад,
Номи ҳабиб ҳасту нишони ҳабиб нест?

Ошиқ манам, ки ёр ба ҳолам назар накард,
Эй хоҷа, дард ҳаст, валекин табиб нест.

Дар кори ишқи ӯ, ки ҷаҳонеш муддаъист,
Ин шукр чун кунем, ки моро рақиб нест?

Ҷоно, нисоби ҳусни ту ҳадди камол ёфт
В-ин бахт бин, ки аз ту ҳанӯзам насиб нест.

Гулбонги Соя гӯш кун, эй сарви хушхиром,
К-ин сӯзи дил ба нолаи ҳар андалеб нест.

## ШАРМ ВА ШАВҚ

Дил меситонад аз ману ҷон медиҳад ба ман,
Ороми ҷону коми ҷаҳон медиҳад ба ман.

Дидори ӯ талиъаи субҳи саодат аст,
То кай ба меҳр толеи он медиҳад ба ман?

Дилдодаи ғарибаму гумноми ин диёр,
З-он ёри дилнишин кӣ нишон медиҳад ба ман?

Ҷоно, муроди бахту ҷавонӣ висоли туст,
К-ӯ ҷовидона бахти ҷавон медиҳад ба ман.

Ман омадам, ки ҳоли дили зор гӯямат,
Аммо магар сиришк амон медиҳад ба ман?

Чашмат ба шарму ноз бибандад лаби ниёз,
Шавқат агар ҳазор забон медиҳад ба ман.

Оре, сухан ба шеваи чашми ту хуштар аст,
Мастӣ бубин, ки сеҳри баён медиҳад ба ман.

Афсурда буд, Соя, дилам бе ҳавои ишқ,
Ин бӯи зулфи кист, ки ҷон медиҳад ба ман?

## СОЯИ САРГАРДОН

Пойбанди қафасам бозу пари бозам нест,
Сари гул дораму парвонаи парвозам нест.

Гул ба лабханду маро гиря гирифтаст гулӯ,
Чун дилам танг  набошад, ки пари бозам нест?

Гоҳам аз нои дили хеш навое бирасон,
Ки ҷуз ин нолаи ҷонсӯзи ту дамсозам нест.

Дар гулӯ мешиканад нолаам аз риққати дил,
Қиссаҳо ҳаст, вале тоқати иброзам нест.

Соз ҳам бо нафаси гарми ту овозе дошт,
Бе ту дигар сари созу дили овозам нест.

Оҳ, агар ашки манат боз нагӯяд ғами дил,
Ки дар ин парда ҷуз ин ҳамдаму ҳамрозам нест.

Дилам аз меҳри ту дар тоб шуд, эй моҳ, вале
Чӣ кунам шеваи ойинаи ғаммозам нест?

Ба гиреҳбандии он абрӯи борикандеш,
Ки ба ҷуз рӯи ту дар чашми назарбозам нест.

Соя, чун боди сабо хастаи саргардонам,
То ба сар сояи он сарви сарафрозам нест.

## АФСОНАИ ХОМӮШӢ

Чӣ хуш афсона мегӯӣ ба афсунҳои хомӯшӣ,
Маро аз ёди худ бистон бад-ин хоби фаромӯшӣ.

Зи мавҷи чашми мастат чун дили саргашта баргирам,
Ки ман худ ғарқа хоҳам шуд дар ин дарёи мадхушӣ?

Май аз ҷоми муваддат нӯшу дар кори муҳаббат кӯш,
Ба мастӣ бе хумор аст ин маи нӯшин, агар нӯшӣ.

Суханҳо доштам дур аз фиреби чашми ғаммозат,
Чу зулфат гар маро будӣ маҷоли ҳарфдаргӯшӣ.

Намесанҷанду меранҷанд аз ин зебосухан, Соя,
Биё, то гум кунам худро ба хилватҳои хомӯшӣ.

## ДЕР

Сад раҳ ба рухи ту дар кушудам ман,
Бар ту дили хешро намудам ман.

Ҷон— мояи он умеди ларзонро,
Чандон ки ту костӣ, фузудам ман.

Месӯхтаму маро намедидӣ,
Имрӯз нигоҳ кун, ки дудам ман.

То ман будам,  наёмадӣ, афсӯс
В-он гаҳ ки ту омадӣ, набудам ман.

## ТАРОНА

То ту бо манӣ, замона бо ман аст,
Бахту коми ҷовидона бо ман аст.

Ту баҳори дилкашию ман чу боғ,
Шӯру шавқи сад ҷавона бо ман аст.

Ёди дилнишинат, эй умеди ҷон,
Ҳар куҷо равам равона бо ман аст.

Нозу нӯшханди субҳ агар турост,
Шӯру гиряи шабона бо ман аст.

Барги айшу ҷому чанг агарчи нест,
Рақсу мастию тарона бо ман аст.

Гуфтамаш: Муроди ман. Ба ханда гуфт:
Лоба аз туву баҳона бо ман аст.

Гуфтамаш: Ман он саманди саркашам,
Ханда зад, ки тозиёна бо ман аст.

Ҳар касаш гирифта домани ниёз,
Нози чашмаш ин миёна бо ман аст.

Хоби нозат, эй парӣ, зи сар парид,
Шаб хушат, ки шаб фасона бо ман аст.

## ТУНГИ ҒУРУБ

Ёрӣ кун, эй нафас, ки дар ин гӯшаи қафас,
Бонге баровараи зи дили хаста як нафас.

Тунги ғурубу ҳавли биёбону роҳи дур,
На партави ситораву на нолаи ҷарас.

Хуноба гашт дидаи Коруну Зиндарӯд,
Эй пайки ошно, бирас, аз соҳили Арас.

Сабри паямбаронаам охир тамом шуд,
Эй ояти умед, ба фарёди ман бирас.

Аз биме муҳтасиб машикан соғар, эй ҳариф,
Майхорaро дареғ бувад хидмати асас.

Ҷуз марг дигарам чӣ кас ояд ба пешвоз?
Рафтему ҳамчунон нигарони ту бозпас.

Моро ҳавои чашмаи хуршед дар сар аст,
Саҳл аст, Соя, гар биравад сар дар ин ҳавас.

## БАҲОНА

Эй ишқ ҳама баҳона аз туст,
Ман хомӯшам, ин тарона аз туст.

Он бонги баланди субҳгоҳӣ
В-ин замзамаи шабона аз туст.

Ман андуҳи хешро надонам,
Ин гиряи бебаҳона аз туст.

Эй оташи ҷони покбозон,
Дар хирмани ман забона аз туст.

Афсуншудаи туро забон нест
В-ар ҳаст, ҳама фасона аз туст.

Киштии маро чӣ биме дарё?
Тӯфон зи туву карона аз туст.

Гар бода диҳиву гар на, ғам нест,
Маст аз ту, шаробхона аз туст.

Майро чӣ асар ба пеши чашмат?
К-ин мастии шодмона аз туст.

Пеши ту чӣ тавсанӣ кунад ақл?
Ром аст, ки тозиёна аз туст.

Ман мегузарам хамӯшу гумном,
Овозаи ҷовидона аз туст.

Чун Соя маро зи хок баргир,
К-ин ҷо сару остона аз туст.

## ДАР КӮЧАСОРИ ШАБ

Дар ин сарои бекасӣ, касе ба дар намезанад,
Ба дашти пурмалоли мо паранда пар намезанад.

Яке зи шаб гирифтагон чароғ бар намекунад,
Касе ба кӯчасори шаб дари саҳар намезанад.

Нишастаам дар интизори ин ғубори бе савор,
Дареғ к-аз шабе чунин сапеда сар намезанад.

Гузаргаҳест пурситам, ки андар ӯ ба ғайри ғам,
Яке салои ошно ба раҳгузар намезанад.

Дили хароби ман дигар хароблар намешавад,
Ки ханҷари ғамат аз ин хароблар намезанад.

Чӣ чашми посух аст аз ин даричаҳои бастаат?
Бирав, ки ҳеҷ кас нидо ба гӯши кар намезанад.

На Соя дораму на бар, бияфканандаму сазост,
В-агарна бар дарахти тар касе табар намезанад.

## ЛАБИ ХОМӮШ

Имшаб ба қиссаи дили ман гӯш мекунӣ,
Фардо маро чу қисса фаромӯш мекунӣ.

Ин зар ҳамеша дар садафи рӯзгор нест,
Мегӯямат, вале ту куҷо гӯш мекунӣ?

Дастам намерасад, ки дар оғӯш гирамат,
Эй моҳ, бо кӣ даст дар оғӯш мекунӣ?

Дар соғари ту чист, ки бо ҷуръаи нахуст
Ҳушёру мастро ҳама мадҳуш мекунӣ?

Май ҷӯш мезанад ба дили хум, биё бубин,
Ёде агар зи хуни Сиёвуш мекунӣ.

Гар гӯш мекунӣ, сухане хуш бигӯямат,
Беҳтар зи гавҳаре, ки ту дар гӯш мекунӣ.

Ҷоми ҷаҳон зи хуни дили ошиқон пур аст,
Ҳурмат нигоҳ дор, агар нӯш мекунӣ.

Соя, чу шамъ шуъла дарафгандаӣ ба ҷамъ,
З-ин достон, ки бо лаби хомӯш мекунӣ.

## БАЪД АЗ НИМО

Бо мани бекаси танҳошуда, ёро, ту бимон,
Ҳама рафтанд аз ин хона, Худоро, ту бимон.

Мани бебарги хазондида дигар рафтаниам,
Ту ҳама бору барӣ, тозабаҳоро, ту бимон.

Доғу дард аст ҳама нақшу нигори дили ман,
Бингар ин нақши ба хун шуста, нигоро, ту бимон.

З-ин биёбон гузаре нест саворонро, лек
Дили мо хуш ба фиребест, ғуборо, ту бимон.

Ҳар дам аз ҳалқаи ушшоқ парешоне рафт,
Ба сари зулфи бутон, силсиладоро, ту бимон.

Шаҳриёро, ту бимон бар сари ин хайли ятим,
Падаро, ёро, андуҳгусоро, ту бимон.

Соя дар пои ту чун мавҷ чи хуш зор гирист,
Ки сари сабзи ту хуш бод, каноро, ту бимон.

**ГИРЯИ ШАБОНА**

Шаб омаду дили тангам ҳавои хона гирифт,
Дубора гиряи бетоқатам баҳона гирифт.

Шикеби дарди хамӯшонаам дубора шикаст,
Дубора хирмани хокистарам забона гирифт.

Нишоти замзама зорӣ шуду ба шеър нишаст,
Садои ханда фиғон гашту дар тарона гирифт.

Зиҳӣ, писанди камондори фитна, к-аз буни тир,
Нигоҳ карду ду чашми маро нишона гирифт.

Умеди офиятам буд, рӯзгор нахост,
Қарори айшу амон доштам, замона гирифт.

Зиҳӣ, бахилу ситамгар, ки ҳар чӣ дод ба ман,
Ба теғ боз ситонду ба тозиёна гирифт.

Чу дуди бесару сомон шудам, ки барқи бало,
Ба хирманам заду оташ дар ошёна гирифт.

Чӣ ҷои гул, ки дарахти куҳан зи реша бисӯхт,
Аз ин самуми нафаскуш, ки дар ҷавона гирифт.

Дили гирифтаи ман ҳамчу абри боронӣ,
Кушоише магар аз гиряи шабона гирифт?

## ҚАДРИ МАРД

Бигзар шабе ба хилвати ин ҳамнишини дард,
То шарҳи он диҳам, ки ғамат бо дилам чӣ кард?

Хун меравад нуҳуфта аз ин захми андарун,
Мондам хамӯшу оҳ, ки фарёд дошт дард.

Ин турфа бин, ки бо ҳама сели бало, ки рехт
Доғи муҳаббати ту ба дилҳо нагашт сард.

Ман барнахезам аз сари роҳи вафои ту,
Аз ҳастиям агарчи барангехтанд гард.

Рӯзе, ки ҷон фидо кунамат боварат шавад,
Дардо, ки ҷуз ба марг насанҷанд қадри мард.

Соқӣ, биёр ҷоми сабӯҳӣ, ки шаб намонд,
Он лаълфом ханда зад аз ҷоми лоҷуворд.

Боз ояд он баҳору гули сурх бишкуфад,
Чандин мисол аз нафаси сарду рӯи зард.

Дар кӯи ӯ, ки ҷуз дили бедор раҳ наёфт,
Кай мерасанд хонапарастони хобгард?

Хуне, ки рехт аз дили мо, Соя, ҳайф нест,
Гар з-ин миёна об хӯрад теғи ҳамнабард.

## СИЛА

Бо ту як шаб бинишинему шаробе бихӯрем,
Оташолуду ҷигарсӯхта обе бихӯрем.

Дар канори ту биафтем чу гесӯи ту маст,
Даст дар гарданат овехта тобе бихӯрем.

Бӯса бо васвасаи васли дилором хуш аст,
Бода бо замзамаи чангу рубобе бихӯрем.

Сипар аз сояи хуршед қадаҳ кун, з-он пеш,
К-аз камондори фалак тири шаҳобе бихӯрем.

Пеши чашми ту бимирем, ки маст аст, биё,
То ба хушбошии мастон маи нобе бихӯрем.

Силаи Соя ҳамин ҷоми шароби лаби туст,
Ғазале нағз бихонему шаробе бихӯрем.

## БЕДОДИ ҲУМОЮН

Фитнаи чашми ту чандон раҳи бедод гирифт,
Ки шикеби дили ман домани фарёд гирифт.

Он ки ойинаи субҳу қадаҳи лола шикаст,
Хоки шаб дар даҳани савсани озод гирифт.

Оҳ, аз шӯхии чашми ту, ки хунрез фалак,
Дид ин шеваи мардумкушию ёд гирифт.

Манаму шамъи дили сӯхта, ё Раб, мададе,
Ки дигарбора шаб ошуфта шуду бод гирифт.

Шеърам аз нолаи ушшоқ ғамангезтар аст,
Дод аз он захма, ки дигар раҳи бедод гирифт.

Соя, мо куштаи ишқем, ки ин ширинкор,
Маслиҳатро мадад аз тешаи Фарҳод гирифт.

## АЗАЛӢ

Чу шаб ба роҳи ту мондам, ки моҳи ман бошӣ,
Чароғи хилвати ин ошиқи куҳан бошӣ.

Ба сони сабза парешони саргузашти шабам,
Наёмадӣ ту, ки маҳтоби ин чаман бошӣ.

Ту ёри Хоҷа нагаштӣ ба сад ҳунар, ҳайҳот,
Ки бар муроди дили беқарори ман бошӣ.

Туро ба ойинадорон чӣ илтифот бувад?
Чунин ки шефтаи ҳусни хештан бошӣ.

Дилам зи нозукии худ шикаст дар ғами ишқ
В-агарна аз ту наёяд, ки дилшикан бошӣ.

Висоли он лаби Ширин ба Хусравон доданд,
Туро насиб ҳамин бас, ки Кӯҳкан бошӣ.

Зи чоҳи ғусса раҳоӣ набошадат ҳарчанд,
Ба ҳусни Юсуфу тадбири Таҳмтан бошӣ.

Хамӯш, Соя, ки фарёди булбул аз хомист,
Чу шамъи сӯхта он беҳ, ки бесухан бошӣ.

## ДОСТОНЕ ДИГАР

Рӯи ту гуле зи бӯстоне дигар аст,
Лаъли лабат аз гавҳари коне дигар аст.

Дил додани орифон чунин саҳл магир,
Аз ҳусни диловези ту оне дигар аст.

Эй дӯст, ҳадиси васлу ҳиҷрон бигзор,
К-ин ишқи ману ту достоне дигар аст.

Чун най нафаси ту дар ман афтоду маро,
Ҳар дам зи дили хаста фиғоне дигар аст.

Тири ғами дунё ба дили мо нарасад,
Захми дили ошиқ аз камоне дигар аст.

Ин раҳ ту ба зуҳду илм натвонӣ ёфт,
Ганҷи ғами ишқро нишоне дигар аст.

Аз қавлу ғазал ,Соя, чӣ хоҳӣ донист?
Хомӯш, ки ишқро забоне дигар аст.

## ПАРВОЗИ ХОКИСТАР

Ба ҷуз боди саҳаргоҳӣ кӣ шуд дамсози хокистар?
Кӣ ҳар дам мекушояд пардае аз рози хокистар?

Ба пои шуъла рақсидаанду хуш доманкашон рафтанд,
Касе з-он ҷамъи дастафшон нашуд дамсози хокистар.

Ту пиндорӣ ҳазорон най дар оташ кардаанд ин ҷо,
Чӣ хуш пурсӯз менолад, зиҳӣ, овози хокистар!?

Самандарҳо дар оташ дидию чун бод бигзаштӣ,
Кунун дар растахези ишқ бин парвози хокистар.

Ҳанӯз ин кундаро руъёи рангини баҳорон аст,
Хаёли гул нарафт аз табъи оташбози хокистар.

Ману парвонаро дигар ба шарҳу қисса ҳоҷат нест,
Ҳадиси мастии мо бишнав аз эъҷози хокистар.

Ҳанӯзам хоби ширини ҷавонӣ сар гарон дорад,
Хаёли шуъла мерақсад ҳанӯз аз сози хокистар.

Чи бас афсонаҳои оташинам ҳасту хомӯшам,
Ки бонге барнаёяд аз даҳони бози хокистар.

## ОВОЗИ БАЛАНД

Вақт аст, ки биншинию гесӯ бикушоӣ,
То бо ту бигӯям ғами шабҳои ҷудоӣ.

Базми ту маро металабад, омадам, эй ҷон,
Ман ӯдаму аз сӯхтанам нест раҳоӣ.

То дар қафаси болу пари хеш асир аст,
Бегонаи парвоз бувад мурғи ҳавоӣ.

Бо шавқи сарангушти ту лабрез навоҳост,
То худ ба канорат чӣ кунад чанг навое?

Умрест, ки мо мунтазири боди сабоем,
То бӯ, ки чӣ пайғом диҳад боди сабое?

Эй вой, бар он гӯш, ки бас нағмаи ин ной,
Бишниду нашуд огаҳ аз андешаи ное.

Афсӯс, бар он чашм, ки бо партави сад шамъ,
Дар ойинаат диду надонист куҷоӣ?

Овози баландӣ тую кас нашнавадат боз,
Берунӣ аз ин пардаи танги шунавоӣ.

Дар ойинабандони парихонаи чашмам,
Биншин, ки ба меҳмонии дидори худ оӣ.

Бинӣ, ки даре аз ту ба рӯи ту кушоянд,
Ҳар дар, ки бар ин хонаи ойина кушоӣ.

Чун Соя маро танг дар оғӯш гирифтаст,
Хуш бод маро суҳбати ин ёри саройӣ.

## ОЙИНАИ ШИКАСТА

Биёед, биёед, ки ҷони дили мо рафт,
Бигирйед, бигирйед, ки он хандакушо рафт.

Бар ин хок бияфтед, ки он лола фурӯ рехт,
Бар ин боғ бигирйед, ки он сарв фаро рафт.

Дар ин ғам бинишинед, ки ғамхор сафар кард,
Дар ин дард бимонед, ки умеди даво рафт.

Дигар шамъ маёред, ки ин ҷамъ пароканд,
Дигар уд масӯзед, к-аз ин базм сафо рафт.

Лаби ҷом мабӯсед, ки он соқии мо хуфт,
Раги чанг бибурред, ки он нағмасаро рафт.

Рухи ҳусн маҷӯед, ки он ойина бишкаст,
Гули ишқ мабӯед, ки он бӯи вафо рафт.

Навои найи ӯ буд, ки сӯзи ғазалам дод,
Ғазал боз махонед, ки най сӯхт, наво рафт.

Аз ин чашма манӯшед, ки пурхуни ҷигар гашт,
Бад-ин ташна бигӯед, ки он оби баҷо рафт.

Сари роҳ нишастему  нишастему шаб афтод,
Бипурсед, бипурсед, ки он моҳ куҷо рафт?

Зиҳӣ, Сояи иқбол, к-аз ӯ бар сари мо буд,
Сару Соя махоҳед, ки он фарри ҳумо рафт.

## ОЙИНА ДАР ОЙИНА

Мужда бидеҳ, мужда бидеҳ, ёр писандид маро,
Сояи ту бигаштаму бурд ба хуршед маро.

Ҷону дилу дида манам, гиряи хандида манам,
Ёри писандида манам, ёр писандид маро.

Каъба манам, қибла манам, сӯи ман оред намоз,
К-он санами қибланамо хам шуду бӯсид маро.

Партави дидори хушаш тофта дар дидаи ман,
Ойина дар ойина шуд дидамашу дид маро.

Ойина хуршед шавад пеши рухи равшани ӯ,
Тоби назар хоҳу бубин,  к-ойина тобид маро.

Гавҳари гум буда нигар тофта бар фарқи малак,
Гавҳарии хуби назар омаду санҷид маро.

Нур чу фаввора занад, бӯса бар ин бора занад,
Рашки Сулаймон нигару ғайрати Ҷамшед маро.

Ҳар саҳар аз кохи карам, чунки фурӯ менигарам,
Бонги «лакалҳамд» расад аз маҳу Ноҳид маро.

Чун сари зулфаш накашам сар зи ҳавои рухи ӯ,
Бош, ки сад субҳ дамад з-ин шаби умед маро.

Партави бе пираҳанам, ҷон раҳо карда танам,
То нашавам Сояи худ боз набинед маро.

## НОЗ ВА НӮШ

То хаёли дилкашат гул рехт дар оғӯши чашм,
Сад баҳорам нақш зад бар пардаи гулпӯши чашм.

Мардуми бегонаро ёрои дидори ту нест,
Хуфтаӣ чун рӯшноӣ гарчи дар оғӯши чашм.

Вақти он омад, ки соғар пур кунем аз хуни дил,
К-аз маи лаълат тиҳӣ шуд ҷоми ҳасратнӯши чашм.

Чашму дил нодида бар он ҷисми пинҳон ошиқанд,
Офарин бар биниши дил, офарин бар ҳӯши чашм.

Оташи рухсора равшан кун шабе, эй барқи ишқ,
То чароғе барканам дар хонаи хомӯши чашм.

Муждаи дидор меоранд, ё пайғоми дӯст?
Ашки шавқ имшаб чӣ мегӯяд ниҳон дар гӯши чашм?

Мерасад ҳар субҳ бонги дилнавозат, нози гӯш,
Мекашам ҳар шаб шароби чашми мастат, нӯши чашм.

Дар ғубори роҳи ӯ, эй Соя, бино шав, ки ман
Миннати сад тӯтиё дорам аз ӯ бар дӯши чашм.

## ГИРЯИ ЛАЙЛӢ

Чашми гирёни ту нозам, ҳол дигаргун бубин,
Гиряи Лайлӣ канори бистари Маҷнун бубин.

Барнатобид ин дили нозук ғами ҳиҷрони дӯст,
Ё Раб, ин сабри каму он меҳнати афзун бубин.

Мондаам бо оби чашму оташи дил, соқиё,
Чораи кори маро дар оби оташгун бубин.

Рашкат омад нозу нӯши гул дар оғӯши баҳор,
Эй кушуда дасти яғмои хазон, акнун бубин.

Соя, дигар кори чашму дил гузашт аз ашку оҳ,
Теғи ҳиҷрон аст ин ҷо мавҷ-мавҷи хун бубин.

## ЛАЗЗАТИ ДАРЁ

Диле, ки дар ду ҷаҳон ҷуз ту ҳеч ёраш нест,
Гараш ту ёр набошӣ, ҷаҳон ба кораш нест.

Чунон зи лаззати дарё пур аст киштии мо,
Ки бими вартаву андешаи канораш нест.

Касе ба сони садаф во кунад даҳони ниёз,
Ки нозанин гуҳаре чун ту дар канораш нест.

Хаёли дӯст гулафшони ашки ман дидаст,
Ҳазор шукр, ки ин дида шармсораш нест.

На ман зи ҳалқаи девонагони ишқаму бас,
Кадом силсила дидӣ, ки беқарораш нест?

Савори ман, ки азал то абад гузаргаҳи ӯст,
Саре намонд, ки бар хоки раҳгузораш нест.

Зи ташнакомии худ об мехӯрад дили ман,
Кавири сӯхтаҷони манат баҳораш нест.

Арӯси табъи ман, эй Соя, ҳар чӣ дил бибарад,
Ҳанӯз далерии шеъри Шаҳриёраш нест.

## ДАР ФИТНАИ РАСТОХЕЗ

Канори амн куҷо, киштии шикаста куҷо?
Куҷо гурезам аз ин ҷо, ба пои баста куҷо?

Зи бому дар ҳама ҷо санги фитна меборад,
Куҷо ба дар барамат, эй дили шикаста, куҷо?

Фурӯ гузошт дил он бодбон, ки меафрошт,
Хаёли баҳр куҷо, ин ба гил нишаста куҷо?

Чунин ки ҳар қадаме ҳамраҳе фурӯ афтод,
Ба манзиле расад ин корвони хаста куҷо?

Дило, ҳикояти хокистару шарора мапурс,
Ба бод рафта куҷову чу барқ ҷаста куҷо?

Хуш он замон, ки сарам дар паноҳи боли ту буд,
Куҷо биҷӯямат, эй тоири хуҷаста, куҷо?

Чӣ айши хуш зи дили пора-пора меҷӯӣ,
Нишоти нағма куҷо, чанги заҳгусаста куҷо?

Бипурс, Соя, зи мурғони ошёнбарбод,
Ки мераванд аз ин боғ даста-даста куҷо?

## БАҲОРИ СӮГВОР

На лаб кушоядам аз гул, на дил кашад ба набид,
Чӣ бе нишот баҳоре, ки бе рухи ту расид?

Нишони доғи дили мост лолае, ки шукуфт,
Ба сӯгвории зулфи ту ин бунафша дамид.

Биё, ки хоки раҳат лолазор хоҳад шуд,
Зибаски хуни дил аз чашми интизор чакид.

Ба ёди зулфи нагунсори шоҳидони чаман,
Бубин дар ойинаи ҷӯйбори гиряи бед.

Ба даври мо, ки ҳама хуни дил ба соғарҳост,
Зи чашми соқии ғамгин кӣ бӯса хоҳад чид?

Чӣ ҷои ман, ки дар ин рӯзгори бефарёд,
Зи дасти ҷаври ту Ноҳид бар фалак нолид.

Аз ин чароғи туам чашми рӯшноӣ нест,
Ки кас зи оташи бедод ғайри дуд надид.

Гузашт умру ба дил ишва мехарем ҳанӯз,
Ки ҳаст дар паи шоми сиёҳ субҳи сапед.

Кирост Соя дар ин фитнаҳо умеди амон?
Шуд он замон, ки диле буд дар амони умед.

Сафои ойинаи Хоҷа бин, к-аз ин дами сард,
Нашуд мукаддару бар оҳи ошиқон бахшид.

## ИН ИШҚ ЧӢ ИШҚ АСТ?

Ин ишқ чӣ ишқ аст, надонем, ки чун аст?
Ақл асту ҷунун асту на ақл асту ҷунун аст.

Фарзона чӣ дарёбаду девона чӣ донад,
Аз мастии ин бода, ки ҳар рӯз фузун аст?

Моҳест ниҳон бар сари ин баҳри парешон,
К-ин мавҷи саросема баланд асту нагун аст.

Ҳолею хаёлест, ки бар ақл ниҳад банд,
Ин турфа чӣ оҳуст, к-аз ӯ шер забун аст?

Он теғ куҷо буд, ки ногаҳ раги ҷон зад,
Пинҳон натавон дошт, ки ин ҷо ҳама хун аст?

Бо матлаъи абрӯи ту ҳуш аз сари ман рафт,
Пайдост, ки байтулғазали чашми ту чун аст.

Бо зулфи ту корам ба куҷо мекашад охир,
Ҳоло, ки зи дастам сари ин ришта бурун аст,

Соя, сухан аз нозукию хушбаданӣ нест,
Ӯ худ ҳама ҷон аст, ки дар ҷома дарун аст.

Бархез ба шайдоиву дар зулфи вай овез,
Он бахт, ки мехостӣ аз вақт, кунун аст.

Бо хилъати хокӣ талабӣ талъати хуршед,
Рухсора барафрӯз, ки ӯ ойинагун аст.

## ДӮЗАХИ РӮҲ

Ман чӣ гӯям, ки касеро ба сухан ҳоҷат нест,
Хуфтагонро ба саҳархонии ман ҳоҷат нест.

Ин шабовехтагонро чӣ самар муждаи субҳ,
Мурдаро арбадаи хобшикан ҳоҷат нест?

Эй сабо, магзар аз ин ҷо, ки дар ин дӯзахи рӯҳ,
Хоки моро ба гулу сарву суман ҳоҷат нест.

Дар баҳоре, ки бар ӯ чашми хазон мегиряд,
Ба ғазалхонии мурғони чаман ҳоҷат нест.

Лоларо бас бувад ин пираҳани ғарқа ба хун,
Ки шаҳидони балоро ба кафан ҳоҷат нест.

Қисса пайдост зи хокистари хомӯшии мо,
Хирмани сӯхтагонро ба сухан ҳоҷат нест.

Соячон, меҳри Ватан кори вафодорон аст,
Бодсорони ҳаворо ба Ватан ҳоҷат нест.

## ҲАМЕША ДАР МИЁН

Н-омадагону рафтагон аз ду каронаи замон,
Сӯи ту медаванд, ҳон, эй ту ҳамеша дар миён.

Дар чамани ту мечарад оҳуи дашти осмон,
Гирди сари ту мепарад бози сапеди Каҳкашон.

Ҳар чӣ ба гирди хештан менигарам дар ин чаман,
Ойинаи замири ман ҷуз ту намедиҳад нишон.

Эй гули бӯстонсаро, аз паси пардаҳо даро,
Бӯи ту мекашад маро вақти саҳар ба бӯстон.

Эй ки ниҳон нишастаӣ, боғи даруни ҳастаӣ,
Ҳаста фурӯ шикастаӣ, к-ин ҳама боғ шуд равон.

Масти ниёз мешудӣ, пардаи ноз пас задӣ,
Аз дили худ баромадӣ, омадани ту шуд ҷаҳон.

Оҳ, ки мезанад бурун, аз сару сина мавҷи хун,
Ман чӣ кунам, ки аз дарун дасти ту мекашад камон?

Пеши вуҷудат аз адам, зиндаву мурдаро чӣ ғам?
К-аз нафаси ту дам ба дам мешунавем бӯи ҷон.

Пеши ту ҷома дар барам, наъра занад, ки дар барам,
Омадамат, ки бингарам, гиря намедиҳад амон.

## НАҚШИ ДИГАР

Худовандо, диле дарё ба ман деҳ!
Дар ӯ ишқе наҳангосо ба ман деҳ!

Ҳарифонро бас омад қатрае чанд,
Бигардон ҷому он дарё ба ман деҳ!

Нигоро, нақши дигар бояд орост,
Яке он килки нақшоро ба ман деҳ!

Зи Маҷнунони дашти ошноӣ,
Манам имрӯз, он Лайло ба ман деҳ!

Ба чашми оҳувони чашми ғурбат,
Ки сӯзи синаи найҳо ба ман деҳ!

Таносоён  балояш барнатобанд,
Бале, ман гуфтам, он боло ба ман деҳ!

Чу бо дарёдилон афтӣ, қадаҳ чист?
Ба ҷоми осмон дарё ба ман деҳ!

Гадоён ҳиммати шоҳона доранд,
Ту бе он зевари зебо ба ман деҳ!

Ғами дунё чӣ санҷад бо дили ман?
Аз он ғамҳои бе дунё ба ман деҳ!

Чӣ дилтанганд ин ойинарӯён?
Диле дар сина бесимо ба ман деҳ!

Ба ҷони Сояю дидори хуршед,
Ки сабре дар шаби ялдо ба ман деҳ!

## ҲИСОР

Эй ошиқон, эй ошиқон, паймонаҳо пурхун кунед
В-аз хуни дил чун лолаҳо рухсораҳо гулгун кунед.

Омад яке оташсавор,  берун ҷаҳид аз ин ҳисор,
То бардамад хуршеди нав шабро зи худ берун кунед.

Он Юсуфи чун моҳро аз чоҳи ғам берун кашед,
Дар кулбаи эҳзон чаро ин нолаи маҳзун кунед?

Аз чашми мо ойинае дар пеши он маҳрӯ ниҳед,
Он фитнаи фаттонаро бар хештан мафтун кунед.

Девона чун туғён кунад занҷиру зиндон бишканад,
Аз зулфи Лайлӣ ҳалқае дар гардани Маҷнун кунед.

Дидам ба хоби нимашаб, хуршеду маҳро лаб ба лаб,
Таъбири ин хоби аҷаб, эй субҳхезон, чун кунед?

Нуре барои дӯстон, дуде ба чашми душманон,
Ман дил ба оташ мениҳам, ин ҳимаро афзун кунед.

З-ин тахту тоҷи сарнагун, то кай равад селоби хун?
Ин тахтро вайрон кунед, ин тоҷро ворун кунед.

Чандин ки аз хум дар сабӯ хуни дили мо меравад,
Эй шоҳидони базми кин, паймонаҳо пурхун кунед.

## ИНТИЗОР

Хаёли омаданат дишабам ба сар мезад,
Наёмадӣ, ки бинӣ дилам чӣ пар мезад?

Ба хоб рафтаму нилуфаре бар об шукуфт,
Хаёли рӯи ту нақше ба чашми тар мезад.

Шароби лаъли ту медидаму дилам мехост,
Ҳазор васвасаам чанг дар ҷигар мезад.

Зиҳӣ, умед, ки коме аз он даҳон меҷуст,
Зиҳӣ, хаёл, ки дасте дар он камар мезад.

Даричае ба тамошои боғ во мешуд,
Дилам чу мурғи гирифтор болу пар мезад.

Тамоми шаб ба хаёли ту рафту медидам,
Ки пушти пардаи ашкам сапеда сар мезад.

## ЗИНДОНИ ШАБИ ЯЛДО

Чанд ин шабу хомӯшӣ?  Вақт аст, ки бархезам
В-ин оташи хандонро бо субҳ барангезам.

Гар сӯхтанам бояд, афрӯхтанам бояд,
Эй ишқ, бизан дар ман, к-аз шуъла напарҳезам.

Сад дашти шақоиқ чашм дар хуни дилам дорад,
То худ ба куҷо охир бо хок даромезам.

Чун кӯҳ нишастам ман бо тобу таби пинҳон,
Сад зилзила бархезад, он гоҳ ки бархезам.

Бархезаму бикшоям банд аз дили пуроташ
В-ин сели гудозонро аз сина фурӯ резам.

Чун гиря гулӯ гирад аз абр фурӯ борам,
Чун хашм рух афзояд дар соиқа овезам.

Эй Соя, саҳархезон дилвопаси хуршеданд,
Зиндони шаби ялдо бикшояму бигрезам.

## ДИЛЕ ДАР ОТАШ

Чӣ ғам дорад зи хомӯшӣ даруни шуълапарвардам,
Ки сад хуршед оташбурда аз хокистари сардам?

Ба бодам додию шодӣ, биё, эй шаб тамошо кун,
Ки дашти осмон дарёи оташ гашта аз гардам.

Шарорангезу тӯфонӣ ҳавое дар ман афтодаст,
Ки ҳамчун ҳалқаи оташ дар ин гирдоб мегардам.

Ба шавқи лаъли ҷонбахше, ки дармони ҷаҳон бо ӯст,
Чӣ тӯфон мекунад ин мавҷи хун дар ҷони пурдардам?

Вафодорӣ тариқи ишқи мардон асту ҷонбозон,
Чӣ номардам агар з-ин роҳи хунолуд баргардам?

Дар он шабҳои туфонӣ, ки олам зеру рӯ мешуд,
Ниҳонӣ шабчароғи ишқро дар сина парвардам.

Барор, эй базри пинҳонӣ, сар аз хоби зимистонӣ,
Ки аз ҳар зарраи дил офтобе бар ту густурдам.

Зи хубӣ оби поке рехтам бар дасти бадхоҳон,
Диле бар оташ афкандам,  Сиёвуше баровардам.

Чароғи дида равшан кун, ки ман чун Соя шаб то рӯз,
Зи хокистарнишини сина оташ вом мекардам.

## МУЖДАИ ОЗОДӢ

Боғбон муждаи гул мешунавам аз чаманат,
Қосидак ку, ки саломе бирасонад зи манат?

Вақти он аст, ки бо нағмаи мурғони саҳар,
Пару боле бикушоӣ ба ҳавои Ватанат.

Хуни дил хӯрдану дилтанг нишастан то чанд?
Дигар, эй ғунча, бурун ор сар аз пираҳанат.

Обат аз чашмаи дил додаам, эй боғи умед,
Ки ба сад ишва биханданд гулу ёсуманат.

Бӯи пироҳани Юсуф зи сабо мешунавам,
Мужда, эй дил, ки гулистон шуда байтулҳазанат.

Бар лабат муждаи озодии мо мегузарад,
Ҷони сад мурғи гирифтор фидои даҳанат.

Дӯстон, бар сари паймони дурустанд, биё,
Ки нагун бод сари душмани паймоншиканат.

Худ ба захми табари халқ даромад аз пой,
Он кӣ мехост аз ин хок кунад решаканат.

Бишнав аз сабза, ки дар гӯши гули тоза чӣ гуфт:
Бо баҳор омадӣ, эй беҳ зи баҳор омаданат.

Бинишин дар ғазали Соя, ки чун ояти ишқ,
Аз сари сидқ бихонанд ба ҳар анҷуманат.

## ХУНБАҲО

Эй дӯст,  шод бош, ки шодӣ сазои туст,
Ин ганҷ музди тоқати ранҷозмои туст.

Субҳи умеду партави дидору базми меҳр,
Эй дил, биё, ки ин ҳама аҷри вафои туст.

Ин боди хушнафас ба муроди ту мевазад,
Рақси дарахту ишваи гул дар ҳавои туст.

Шабро чӣ заҳра, к-аз сари кӯи ту бигзарад,
К-он офтоби сояшикан дар сарои туст?

Хуш мебарад туро ба сари чашмаи мурод,
Ин ҷустуҷӯ, ки дар қадами раҳкушои туст.

Эй булбули ҳазин, ки тапидӣ ба хуни хеш,
Ёди ту хуш, ки хандаи гул хунбаҳои туст.

Дидӣ, дило, ки хуни ту охир ҳадар нашуд,
К-ин рангу бӯи гул ҳама аз нофаҳои туст.

Пинҳон шудӣ чу ханда дар ин кӯҳсору боз,
Ҳар сӯ гузори қофилаҳои садои туст.

Аз офтоби гармии дасти ту мечашам,
Бархез, к-ин баҳори гулафшон барои туст.

Бо ҷони Соя, гарчи даромехтӣ чу ғам,
Эй дӯст, шод бош, ки шодӣ сазои туст.

**ШАБЕХУН**

Бирасон бода, ки ғам рӯй намуд, эй соқӣ!
Ин шабехуни бало боз чӣ буд, эй соқӣ?!

Ҳолиё, нақши дили мост дар ойинаи ҷом,
То чӣ ранг оварад ин чархи кабуд, эй соқӣ!?

Дидӣ, он ёр, ки бастем сад умед дар ӯ,
Чун ба хуни дили мо даст кушуд, эй соқӣ!?

Тира шуд оташи яздонии мо аз дами дев,
Гарчи дар чашми худ андохта дуд, эй соқӣ!

Ташнаи хуни замин аст фалак в-ин маҳи нав.
Куҳнадосест, ки бас кишта дуруд, эй соқӣ!

Миннате нест, агар рӯзу шабе бешам дод,
Чӣ аз ӯ косту бар ман чӣ фузуд, эй соқӣ!?

Баски шустем ба хуноби ҷигар ҷомаи ҷон,
На аз ӯ тор ба ҷо монду на пуд, эй соқӣ!

Ҳақ ба дасти дили ман буд, ки дар маъбади ишқ,
Сар ба ғайри ту наёвард фуруд, эй соқӣ!

Ин лабу ҷом паи гардиши май сохтаанд,
В-арна бе ин маю лаб ҷом чӣ суд, эй соқӣ!?

Дар фурӯ банд, ки чун Соя дар ин хилвати ғам,
Бо касам нест сари гуфтушунуд, эй соқӣ!

**ЗИНДАВОР**

Чӣ ғариб мондӣ, эй дил? На ғаме, на ғамгусоре,
На ба интизори ёре, на ба ёри интизоре.

Ғам агар ба кӯҳ гӯям бигурезаду бирезад,
Ки дигар ба ин гаронӣ натавон кашид боре.

Чӣ чароғ чашм дорад дилам аз шабону рӯзон,
Ки ба ҳафт осмонаш на ситораест боре.

Дили ман, чӣ ҳайф будӣ, ки чунин зи кор мондӣ,
Чӣ ҳунар ба кор бандам, ки намонд вақти коре?

Нарасид он маҳе, ки ба ту партаве расонад,
Дили обгина бишкан, ки намонд ҷуз ғуборе.

Ҳама умр чашм будам, ки магар гуле бихандад,
Дигар, эй умед, хун шав, ки фурӯ халид хоре.

Саҳарам кашида ханҷар, ки чаро шабат накуштаст?
Ту бикуш, ки то наяфтад дигарам ба шаб гузоре.

Ба сиришки ҳамчу борон зи барат чӣ бархӯрам ман,
Ки чу санг тира мондӣ ҳама умр бар мазоре?

Чу ба зиндагон набахшӣ ту гуноҳи зиндагонӣ,
Бигузор то бимирад ба бари ту зиндаворе.

На чунон шикаст пуштам, ки дубора сар барорам,
Манам он дарахти пире, ки надошт баргу боре.

Сари бепаноҳи пирӣ ба канор гиру бигзар,
Ки ба ғайри марг дигар накушоядат каноре.

Ба ғуруби ин биёбон бинишин ғарибу танҳо,
Бинигар вафои ёрон, ки раҳо кунанд ёре.

## ЁД ОР

Мо қиссаи дил ҷуз ба бари ёр набурдем
В-аз ёр шикоят сӯи ағёр набурдем.

Маълум нашуд сидқи дилу сирри муҳаббат,
То ин сари савдозада бар дор набурдем.

Моро чӣ ғами суду зиён аст, ки ҳаргиз,
Савдои туро бар сари бозор набурдем.

Бо ҳуснфурӯшон биҳил ин гармии бозор,
Мо Юсуфи худро ба харидор набурдем.

Эй дӯст, ки он субҳи дилафрӯз хушат бод,
Ёд ор, ки мо ҷон зи шаби тор набурдем.

Сарсабзии он хирмани гул бод, агарчанд
Аз боғи ту ҷуз сарзаниши хор набурдем.

Берангиам аз чашми ту андохт, агар на
Кай хуни диле буд, ки дар кор набурдем?!

То равшании чашму дили Соя аз он рӯст,
Аз оинае миннати дидор набурдем.

## БАР САРИ ОТАШИ ҒАМ

Оҳ, к-аз тоби дили сӯхта ҷон месӯзад,
З-оташи дил чӣ бигӯям, ки забон месӯзад?

Ё Раб, ин рахнаи дӯзах ба рухи мо кӣ кушуд,
Ки замин дар табу тоб асту замон месӯзад?

Дуд бархост аз ин тир, ки дар сина нишаст,
Макан, эй дӯст, ки он дасту камон месӯзад.

Магар ин дашти шақоиқ дили хунини ман аст,
Ки чӣ чунин дар ғами он сарви равон месӯзад.

Оташе дар дилам андохту олам бӯ бурд,
Хом пиндошт, ки ин уд ниҳон месӯзад.

Лаззати ишқу вафо, бин, ки сипанди дили ман,
Бар сари оташи ғам рақскунон месӯзад.

Гиряи абри баҳораш чӣ мадад хоҳад кард?
Дили саргашта, ки чун барги хазон месӯзад.

Соя, хомӯш, к-аз ин ҷони пуроташ, ки марост
Оҳро гар бидиҳам роҳ ҷаҳон месӯзад.

## ДАР ПАРДАИ ХУН

Баҳор омад, биё, то доди умри рафта бистонем,
Ба пои  сарви озодӣ сару дасте барафшонем.

Ба аҳди гул забони савсани озод бикшоем,
Ки мо худ дарди ин хун хӯрдани хомӯш медонем.

Насими атргардон бӯи хуни ошиқон дорад,
Биё, то атри ин гул дар машоми ҷон бигардонем.

Шарори арғувон вохези хуни нозанинон аст,
Самандарвор ҷонҳо бар сари ин шуъла биншонем.

Ҷамоли сурхи гул дар ғунча пинҳон аст, эй булбул,
Суруде хуш бихон, к-аз муждаи субҳаш бихандонем.

Гуле, к-аз хандааш гетӣ биҳишти адн хоҳад шуд,
Зи рангу бӯи он рамзе ба гӯши дил фурӯ хонем.

Саҳар, к-аз боғи пирӯзӣ насими орзу хезад,
Чи парчамҳои гулгун, к-андар он шодӣ бирақсонем.

Ба дасти ранҷ ҳар номумкине мумкин шавад, оре,
Биё, то ҳалқаи иқболи маҳрумон биҷунбонем.

Ало, эй соҳили умед, саъйи ошиқон дарёб,
Ки мо киштӣ дар ин тӯфон ба савдои ту меронем.

Дило, дар ёли он Гулгуни гардунтоз чанг андоз,
Мабодо к-аз нишеби ин шаби сангин фурӯ монем.

Шақоиқ хуш рахе дар пардаи хун мезанад, Соя,
Чӣ бероҳем, агар ҳамхонии ин нағма натвонем.

## ГУЛАФШОНИ ХУН

Баландо сари мо, ки гар ғарқи хунаш,
Бибинӣ, набинӣ ту ҳаргиз забунаш.

Сарафроз бод он дарахти ҳумоюн,
К-аз ин сарнагунӣ нашуд сарнагунаш.

Тановар дарахте, ки ҳарчиш бибурӣ,
Фузунтар бувад шоху барги фузунаш.

Паи осмон зад ҳамоно табарзан,
Ки бар сар фурӯ рехт сақфу сутунаш.

Замин вожгун шуд аз он, то набинад
Дар ойинаи осмон вожгунаш.

Балегӯи аҳдаш бало озмояд,
Зиҳӣ марду он аҳду он озмунаш.

Зи чандию чунӣ бурун рафту охир,
Дареғо, надонист кас чанду чунаш.

Хушо, ишқи фарзонаи мо, ки эдун
Зи Маҷнун сабақ бурда сити ҷунунаш.

Аз он хун, ки дар чоҳи шаб хӯрд, бингар
Саҳаргоҳ лабханди хуршедгунаш.

Хами зулфаш он лаъли лаб менамояд,
Нигар то напечӣ сар аз раҳнамунаш.

Баҳоро, ту аз хуни ӯ об хӯрдӣ,
Биё, то набинӣ, гулафшони хунаш.

Самоъест дар базми ӯ қудсиёнро,
Дило, гӯш кун нағмаи арғунунаш.

Ба монанди дарёст он бекарона,
Ту мавҷаш надидию дидӣ сакунаш.

Наҳанге бибояд, ки бо вай барояд,
Куҷо Соя аз уҳда ояд бурунаш?

## ПИЖВОК

Дили шикастаи мо ҳамчу ойина пок аст,
Баҳори дур(р) нашавад гум, агарчи дар хок аст.

Зи чоки пираҳани Юсуф ошкоро шуд,
Ки дасту дидаи покиза домани пок аст.

Нигар, ки нақши сапеду сияҳ раҳат назанад,
Ки ин дуасбаи айём сахт чолок аст.

Қусури ақл куҷову қиёси қомати ишқ?
Ту ҳар қабо, ки бидӯзӣ ба қадри идрок аст.

Саҳар ба боғ даро, к-аз забони булбули маст,
Бигӯямат, ки гиребони гул чаро чок аст?

Равост гар бикушояд ҳазор чашмаи ашк,
Чунин ки доси ту бар шохаҳои ин ток аст.

Зи дӯст он чи кашидам сазои душман буд,
Фиғон зи дӯст, ки дар душманӣ чӣ бебок аст?

Сафои чашмаи равшан нигоҳ дор, эй дил,
Агарчи аз ҳама сӯ тундбоди хошок аст.

Садои туст, ки бармезанад зи синаи ман,
Куҷоӣ, эй ки ҷаҳон аз ту пур зи пижвок аст?

Ғурубу гӯшаи зиндону бонги мурғи ғариб,
Бинол, Соя, ки ҳангоми шеъри ғамнок аст.

Дили ҳазинам аз ин нолаи нуҳуфта гирифт,
Биё, ки вақти сафирӣ зи пардаи рок аст.

## ЧАРОҒИ СОИҚА

Ку пои он ки боз ба кӯи шумо расам?
Он ҷо магар ба ёрии боди сабо расам?

Ҷое, ки қосидони саҳар роҳ гум кунанд,
Ман монда дар ғуруби биёбон куҷо расам?

Дар роҳи ишқи ӯ чи саворон, ки пай шуданд,
Он гоҳ ман, пиёдаи бе дасту по расам.

Бонги ғамам, ки рафтаму сар кӯфтам ба кӯҳ,
Дигар агар ба гӯш расам, чун садо расам.

Андуҳи номуродии Искандарам кушад,
Чун Хизр агар ба чашмаи оби бақо расам.

Гуфтам: Зи файзи ҷоми шумо коми мо равост,
Бовар надоштам, бад-ин нораво расам.

Дарди бараҳнагони ҷаҳонам ба раҳ кашид,
Ҳаргиз нахостам, ки ба асбу қабо расам.

Меомадам, ки дар шаби ин дилгирифтагон,
Чун боди субҳ бо нафаси дилкушо расам.

Бинмоямат, ки дар дили тангам чӣ нолаҳост,
Чун ной агар ба ҳамнафасе ошно расам.

Мурдам дар ин хаёлу ҳанӯзам умед ҳаст,
К-охир ба дидабӯсии он дилрабо расам.

Як шаб чароғи соиқа гирам ба роҳи субҳ
В-он гоҳ ҳамчу раъд ба бонги расо расам.

Чун Соя гарчи дар шаби торик гум шудам,
Дар рӯшнои рӯз зи ҳар сӯ фаро расам.

## ДАР ҚАФАС

Эй бародар, азиз чун ту басест,
Дар ҷаҳон ҳар касе азизи касест.

Ҳаваси рӯзгор хорам кард,
Рӯзгор асту ҳар дамаш ҳавасест.

Анкабути замона то чӣ танид,
Ки уқобе шикастаи магасест?

Ба ҳисоби ману ту ҳам бирасанд,
Ки ба девони мо ҳисобрасест.

Ҳар нафас ишқ мекушад моро,
Ҳамчунин ошиқем то нафасест.

Корвон аз раваш нахоҳад монд,
Боз роҳ асту ғулғули ҷарасест.

Остин бар ҷаҳон барафшонем,
Гар ба домони дӯст дастрасест.

Ташнаи нағмаҳои ӯст ҷаҳон,
Булбули мо агарчи дар қафасест.

Соя, бас кун, ки дардманду нажанд,
Чун ту дар банди рӯзгор басест.

## БА ПОЙДОРИИ ОН ИШҚИ САРБАЛАНД

Бувад, ки бори дигар бишнавам садои туро,
Бибинам он рухи зебои дилкушои туро.

Бигирам он сари зулфу ба рӯи дида ниҳам,
Бибӯсам он сару чашмони дилрабои туро.

Зи баъди ин ҳама талхӣ, ки мекашад дили ман,
Бибӯсам он лаби ширини ҷонфизои туро.

Каям маҷоли канори ту даст хоҳад дод,
Ки ғарқи бӯса кунам боз дасту пои туро?

Мабод рӯзии чашми ман, эй чароғи умед,
Ки холӣ аз ту бубинам шабе сарои туро.

Дили гирифтаи ман кай чун ғунча боз шавад,
Магар сабо бирасонад ба ман ҳавои туро?

Чунон ту дар дили ман ҷо гирифтаӣ, эй ҷон,
Ки ҳеч кас натавонад гирифт ҷои туро.

Зи рӯи хуби ту бархӯрдаам, хушо, дили ман,
Ки ҳам атои туро диду ҳам лиқои туро.

Сазои хубии нав барнаёмад аз дастам,
Замона низ чӣ бад медиҳад сазои туро.

Ба нозу неъмати боғи биҳишт ҳам надиҳам,
Канори суфраи нону паниру чои туро.

Ба пойдории он ишқи сарбаланд қасам,
Ки Сояи ту ба сар мебарад вафои туро.

## КАҲРАБО

Ман на худ меравам, ӯ маро мекашад,
Коҳи саргаштаро каҳрабо мекашад.

Чун гиребон зи чангаш раҳо мекунам,
Доманамро ба қаҳр аз қафо мекашад.

Даступо мезанам, мерабояд сарам,
Сар раҳо мекунам, дасту по мекашад.

Гуфтам: Ин ишқ агар вогузорад маро,
Гуфт: Агар вогузорам вафо мекашад.

Гуфтам: Ин гӯши ту хуфта зери забон,
Ҳарфи ногуфтаро аз хафо мекашад.

Гуфт: Аз он пештар ин машоми ниҳон,
Бӯи андешаро дар ҳаво мекашад.

Лаззати нон шудан зери дандони ту,
Гандумамро сӯи осиё мекашад.

Сояи ӯ шудам, чун гурезам аз ӯ,
Дар паяш меравам, то куҷо мекашад?

## ХУН ДАР ҶИГАР

Дило, ҳаловати он дилситон агар донем,
Ба ҷони ӯ, ки дил аз они ӯ нагардонем.

Агар ба моҳ барояд в-агар ба чоҳ шавад,
Чароғи роҳ ҳамон шамъи шуълавар донем.

Ҳадиси ғорати дай аз дарахт пурсиданд,
Ҷавоб дод, ки мо вақти бору бар донем.

Ба обу ранги хушат мужда медиҳем, эй гул,
Ки нақшбандии ин хуни дар ҷигар донем.

Хумори ин шаби соғаршикаста чанд кашӣ?
Биё, ки мо раҳи майхонаи саҳар донем.

Замона фурсати парвозам аз қафас надиҳад
В-агарна мо ҳунари рақси болу пар донем.

Худойро, ки дигар ҷуръае аз он майи лаъл,
Ба мо бибахш, ки мо қадри ин гуҳар донем.

Тариқи Соя, агар ошиқист, айб макун,
Зи корҳои ҷаҳон мо ҳамин ҳунар донем.

## АЗИЗТАР АЗ ҶОН

Ёро, ҳуқуқи суҳбати ёрон нигоҳ дор!
Бо ҳамраҳон вафо куну паймон нигоҳ дор!

Дар роҳи ишқ гар биравад ҷони мо чӣ бок?
Эй дил, ту он азизтар аз ҷон нигоҳ дор!

Муҳтоҷи як карашмаам, эй мояи умед,
Ин ишқро зи офати ҳирмон нигоҳ дор!

Мо бо умеди субҳи висоли ту зиндаем,
Моро зи ҳавли ин шаби ҳиҷрон нигоҳ дор!

Мапсанд Юсуфи ман асири бародарон,
Парвои пири кулбаи эҳзон нигоҳ дор!

Бозам хаёли зулфи ту раҳ зад Худойро,
Чашми маро зи хоби парешон нигоҳ дор!

Эй дил, агарчи бесару сомонтар аз ту нест,
Чун Соя сар раҳо куну сомон нигоҳ дор!

## БО НАИ КАСОӢ

Дилам гирифта, Худоро, ту дилкушоӣ кун,
Ман омадам ба умедат, ту ҳам Худоӣ кун.

Ба бӯи дилкаши зулфат, ки ин гираҳ бикшой,
Дили гирифтаи мо бину дилкушоӣ кун.

Диле чу ойина дорам нишаста бар сари даст,
Бибин ба гӯшаи чашмеву худнамоӣ кун.

Зи рӯзгор маёмӯз бевафоиро,
Худойро, ки дигар тарки бевафоӣ кун.

Балои кинаи душман кашидаам, эй дӯст,
Ту низ бо дили ман тоқатозмоӣ кун.

Шикояти шаби ҳиҷрон кӣ метавонад гуфт?
Ҳикояти дили мо бо наи Касоӣ кун.

Бигӯ, ба ҳазрати устоди мо ба ёди туем,
Ту низ ёде аз он аҳди ошноӣ кун.

Навои маҷлиси ушшоқ нағмаи дили мост,
Биёву бо ғазали Соя ҳамнавоӣ кун.

## ҲАМПАЙМОН

Кушоди кори он дилбанд,  агар бо ҷони ман будӣ,
Ҳамоно додани ҷон кори бас осони ман будӣ.

Ҷудоӣ кори душман буд в-арна эй бародарҷон,
Ман аз ҷон ёварат будам, ту пуштибони ман будӣ.

Вафо то пои ҷон ин аст, паймоне, ки мо бастем,
Дар он аҳди вафодорӣ ту ҳампаймони ман будӣ.

Чу фарзандат маро хонад шаҳиди роҳи озодӣ,
Чӣ хоҳӣ гуфтанаш фардо, ки зиндонбони ман будӣ?

Ту зиндонбони ман будию ман зиндониат, аммо
Агар некӯ бияндешӣ ту ҳамзиндони ман будӣ.

Аҷаб, к-аз чонаи гармат сухан нопухта меояд,
Набудӣ хом, агар бо оташи сӯзони ман будӣ.

Дар ин зиндон ман аз хуни дили худ об мехӯрдам,
Ту ҳамчун Соя бар ин хони ғам меҳмони ман будӣ.

## ПОИЗ

Шабҳои малоловари поиз аст,
Ҳангоми ғазалҳои ғамангез аст.

Гӯӣ ҳама ғамҳои ҷаҳон имшаб,
Дар зории ин бориши якрез аст.

Эй мурғи саҳар, нола ба дил бишкан,
Ҳангомаи овози шабовез аст.

Дур аст аз ин боғи хазонхӯрда,
Он боди фараҳбахш, ки гулбез аст.

Соқӣ, сабук он ратли гарон пеш ор,
К-ин умри гаронмоя сабукхез аст.

Хокистари хомӯш мабин моро,
Боз о, ки ҳанӯз оташи мо тез аст.

Ин даст, ки дар гардани мо кардaнд,
Ҳуш дор, ки бо дашнаи хунрез аст.

Бархезу бизан бар дафи расвоӣ,
Фисқе, ки дар ин пардаи парҳез аст.

Саҳл аст, ки бо Соя наомезанд,
Моему ҳамин ғам, ки хушомез аст.

## ҲУНАР — ГОМИ ЗАМОН

Имрӯз на оғозу на анҷоми ҷаҳон аст,
Эй бас ғаму шодӣ, ки паси парда ниҳон аст.

Гар марди раҳӣ ғам махӯр аз дурию дерӣ,
Донӣ, ки расидан ҳунари гоми замон аст.

Ту раҳрави деринаи сарманзили ишқӣ,
Бингар, ки зи хуни ту ба ҳар гом нишон аст.

Обе, ки баросуд заминаш бихӯрад зуд,
Дарё шавад он рӯд, ки пайваста равон аст.

Бошад, ки яке ҳам ба нишоне бинишинад,
Бас тир, ки дар чилаи ин куҳнакамон аст.

Аз рӯи ту дил канданам омӯхт замона,
Ин дида аз он рӯст,  ки хунобафишон аст.

Дардову дареғо, ки дар ин бозии хунин,
Бозичаи айём дили одамиён аст.

Дил бар гузари қофилаи лолаву гул дошт,
Ин дашт, ки помоли саворони хазон аст.

Рӯзе, ки бичунбад нафаси боди баҳорӣ,
Бинӣ, ки гулу сабза карон то ба карон аст.

Эй кӯҳ, ту фарёди ман имрӯз шунидӣ,
Дардест дар ин сина, ки ҳамзоди ҷаҳон аст.

Аз доду видод он ҳама гуфтанду накарданд,
Ё Раб, чӣ қадар фосилаи дасту забон аст?

Хун мечакад аз дида дар ин кунҷи сабурӣ,
Ин сабр, ки ман мекунам афшурдани ҷон аст.

Аз роҳ марав, Соя, ки ин гавҳари мақсуд,
Ганҷест, ки андар қадами роҳравон аст.

## БАР ОСТОНИ ВАФО

Кучоӣ, эй ки дилам бе ту дар табу тоб аст?
Чӣ бас хаёли парешон ба чашми бехоб аст?

Ба сокинони саломат хабар кӣ хоҳад бурд,
Ки боз киштии мо дар миёни ғарқоб аст?

Зи чашми хеш гирифтам қиёси кори ҷаҳон,
Ки нақши мардуми ҳақбин ҳамеша бар об аст.

Ба сина сири муҳаббат ниҳон кунед, ки боз
Ҳазор тири бало дар камини аҳбоб аст.

Бубин дар ойинадорӣ суботи синаи мо,
Агарчи бо дили ларзон ба сони симоб аст.

Ба остони вафо сар ниҳодаему ҳанӯз,
Агар умеди кушоиш бувад аз ин боб аст.

Қадаҳ зи ҳар кӣ гирифтам ба ҷуз хумор надошт,
Муриди соқии хешам, ки бодааш ноб аст.

Мадор чашми умед аз чароғдори сипеҳр,
Сиёҳгӯшаи зиндон чӣ ҷои маҳтоб аст?

Замона кайфари бедод сахт хоҳад дод,
Сазои мардуми бадрӯз марги Суҳроб аст.

Уқобҳо ба ҳаво пар кашидаанду дареғ,
Ки ин намоиши парвоз нақш дар қоб аст.

Дар орзуи ту охир ба бод хоҳад рафт,
Чунин ки ҷони парешони Соя бетоб аст.

## ТАНГА

Сабр кун, эй дили пурғусса, дар ин фитнаву шӯр,
Гарчи аз қиссаи мо метаракад санги сабур.

Аз ҷаҳон ҳеч надидему абас умр гузашт,
Эй дареғо, ки зи гаҳвора расидем ба гӯр.

Ту аҷаб тангаи обиркушӣ, эй маъбари ишқ,
Ки ба ҷуз куштаи ошиқ накунад аз ту убур.

Дар фурӯ банд бар ин маърака, к-он табли тиҳӣ,
Гӯши гетӣ ҳама кар кард зи ғавғои ғурур.

Тез бархез аз ин маҷлису бигрез чу бод,
То ғуборе нанишинад ба ту аз аҳли қубур.

Марг меборад аз ин доираи аҷзу азо,
Шав ба майхона, ки он ҷо ҳама сӯр асту сурур.

Шуълае баркашу бархез зи хокистари хеш,
З-он ки то пок насӯзӣ, нарасӣ, Соя, ба нур.

## ИШҚИ ҲАЗОРСОЛА

Кист, ки аз ду чашми ман дар ту нигоҳ мекунад?
Ойинаи дили маро ҳамдами оҳ мекунад.

Шоҳиди сармадӣ туӣ в-ин дили солхӯрди ман,
Ишқи ҳазорсоларо бар ту гувоҳ мекунад.

Эй маҳу меҳр рӯзу шаб ойинадори ҳусни ту,
Ҳусн ҷамоли хешро дар ту нигоҳ мекунад.

Дил ба умеди марҳаме, к-аз ту ба хастаӣ расид,
Нола ба кӯҳ мебарад, шиква ба моҳ мекунад.

Боди хуше, ки мевазад аз сари мавҷи бодаат,
Кӯҳи гарони ғуссаро чун пари коҳ мекунад.

Он кӣ ба расми каҷравон сар зи хати ту мекашад,
Ҳар рақаме, ки мезанад, нома сиёҳ мекунад.

Мояи айшу хушдилӣ дар ғами ӯст, Соя , ҷон,
Он кӣ ғамаш намехӯрад умр табоҳ мекунад.

## САБР ВА ЗАФАР

Эй мурғи ошёни вафо, хушхабар, биё!
Бо армуғони қавлу ғазал аз сафар, биё!

Пайки умед бошу паёмовари баҳор,
Ҳамроҳи бӯи гул чу насими саҳар, биё!

З-он хирмани шукуфтаи ҷонҳои оташин,
Баргир хӯшаеву чу гул шуълавар, биё!

Дӯшат ба хоб дидаму гуфтам, ки омадӣ,
Эй хуштарин хушомада, бори дигар, биё!

Чун шаб ба сояҳои парешон гурехтӣ,
Чун офтоб аз ҳама сӯ ҷилвагар, биё!

Дар хоку хун тапидани ин паҳлавон бубин,
Симурғро хабар куну чун Золи Зар, биё!

Мо ҳарду дӯстони қадимем, эй азиз,
Ин сабр то нарафта зи каф чун зафар, биё!

Биштоб ногузир, ки дер аст вақти пир,
Эй муждабахши бахти ҷавон, зудтар, биё!

Ин рӯзгори талхтар аз заҳр, гӯ, бирав,
Яъне ба коми Соя шабе чун саҳар, биё!

## НАҚШИ ПАРНИЁН

Ҳазор сол дар ин орзу тавонам буд,
Ту ҳар чӣ дер биёӣ, ҳанӯз бошад зуд.

Ту сахт сохта меоиву намедонам,
Ки рӯзи омаданат рӯзии кӣ хоҳад буд?

Зиҳӣ, умеди шикебофарин, ки дар ғами ту,
Зи умри хастаи ман ҳар чӣ кост, ишқ афзуд.

Бад-он ду дида, ки бархезу дасти хун бикшой,
К-аз ин бад омада роҳ бурун шудӣ, накшуд.

Бурун кашидам аз он варта рахту суд надошт,
Ки бар каронаи тӯфон наметавон осуд.

Диле ба дасти ту додему ин надонистем,
Ки дашнаҳост дар он остини хунолуд.

Чӣ нақш мезанад ин пири парниёнандеш,
Ки бас гираҳ зи дилу ҷони Соя басту кушуд?

## МУРҒИ ЧАМАНИ ОТАШ

Эй ишқ! Ту моро ба куҷо мекашӣ, эй ишқ?!
Ҷуз меҳнату ғам нестӣ, аммо хушӣ, эй ишқ!

Ин шӯрию ширинии ман худ зи лаби туст,
Сад бор маро мепазию мечашӣ, эй ишқ!

Чун зар ҳама дар ҳасрати мис гаштанам имрӯз,
То боз ту даст ба сари ман мекашӣ, эй ишқ!

Дину дилу ҳусну ҳунару давлату дониш,
Чандон ки нигаҳ мекунамат ҳар шашӣ, эй ишқ!

Рухсораи мардон нигар оростаи хун,
Ҳангомаи ҳусн аст, чаро хомашӣ, эй ишқ!?

Овози хушат бӯи дили сӯхта дорад,
Пайдост, ки мурғи чамани оташӣ, эй ишқ!

Бигзор, ки чун Соя ҳанӯзат бигудозанд,
Аз бӯтаи айём чӣ ғам? Беғашӣ, эй ишқ!

## ҶОН, ЭЙ СОҚӢ

Чист он дар лаби ширини ту? Ҷон, эй соқӣ!
Биситон ҷонаму онам бичашон, эй соқӣ!

Бода пеш ор, ки дар пои ту дархоҳам бохт,
Ҳосили коргаҳи кавну макон, эй соқӣ!

Дарди ҳиҷрони азизон ба ҷаҳон чанд кашам,
Ҳама рафтанд, Худоро, ту бимон, эй соқӣ!

То саранҷоми дили хуншуда чун хоҳад буд,
Сарнавиште зи хати ҷом бихон, эй соқӣ!?

Даври «каҷ дору марез» асту дилам меларзад,
Чун тавон зист чунин дилнигарон, эй соқӣ!?

На диле монду на дине зи паи ғорати ишқ,
Оҳ, аз ин фитна, ки бархост, амон, эй соқӣ!

Рустаме бар сари Суҳроби яле мегиряд,
Нӯшдоруи умеде бирасон, эй соқӣ!

Чашми мастат чӣ талаб мекунад аз Соя, бигӯ,
Ба  фидои лаби ширини ту ҷон, эй соқӣ!?

## ИНТИЗОР

Боз ой, дилбаро, ки дилам беқарори туст
В-ин ҷони бар лаб омада дар интизори туст.

Дар дасти ин хумори ғамам ҳеч чора нест,
Ҷуз бодае, ки дар қадами ғамгусори туст.

Соқӣ, ба даст бош, ки ин масти майпараст,
Чун хум зи по нишасту ҳанӯзаш хумори туст.

Ҳар сӯй мавҷи фитна гирифтасту з-ин миён,
Осоише, ки ҳаст маро, дар канори туст.

Серӣ мабод сӯхтаи ташнакомро,
То ҷуръанӯши чашмаи ширингувори туст.

Бечора дил, ки ғорати ишқаш ба бод дод,
Эй дида, хун бибор, ки ин фитна кори туст.

Ҳаргиз зи дил умеди гул оварданам нарафт,
Ин шохи хушк зинда ба бӯи баҳори туст.

Эй Соя, сабр кун, ки барояд ба коми дил,
Он орзу, ки дар дили уммедвори туст.

## РОҲЗАН

Ҳама офоқ гирифтаст садои суханам,
Ту аз ин тарф набандӣ, ки бибандӣ даҳанам.

Рост дар қасди сару чашми каҷандозон аст,
На, аҷаб гар биҳаросанд зи теғи суханам.

Остине нагирифтам, ки бибӯсам дасте,
Бӯса, гар даст диҳад, бар қадами дӯст занам.

Бош, то Юсуфам аз чоҳ барояд бар гоҳ,
К-оварад равшании дида аз он пираҳанам.

Натавон ошиқи фарзона ба афсона фирефт,
Ман ба ҳеч ояву афсун дил аз ӯ барнаканам.

На чароғест дили ман, ки ба боде мирад,
Дам ба дам тоза шавад оташи ишқи куҳанам.

Бирас, эй мавкаби Наврӯзи хушовоза, ки боз
Заҳмати зоғи зимистон бибарӣ аз чаманам.

Соя, шеърам ба дили дӯст нишастасту хуш аст,
Корвон бурда ба манзил, чӣ ғам аз роҳзанам?

## РОҲЕ ВА ОҲЕ

Пеши сози ту ман аз сеҳри сухан дам назанам,
Ки баёне чу забони ту надорад суханам.

Раҳ магардону нигаҳ дор ҳамин пардаи рост,
То ман аз рози сипеҳрат гираҳе боз кунам.

Сабр кун, эй дили ғамдида, ки чун пири ҳазин,
Оқибат муждаи нусрат расад аз пираҳанам.

Чи ғарибона ту бо ёди Ватан менолӣ,
Ман чӣ гӯям, ки ғариб аст дилам дар Ватанам?

Ҳама мурғони ҳамовоз пароканда шуданд,
Оҳ,  аз ин боди балохез, ки зад дар чаманам.

Шеъри ман бо мадади сози ту овозе дошт,
Кай бувад боз, ки шӯре ба ҷаҳон дарфиканам?

Най ҷудо з-он лабу дандон чӣ навое дорад?
Ман зи беҳамнафасӣ нола ба дил мешиканам.

Бе ту, оре, ғазали Соя надорад Лутфе,
Боз роҳе бизан, эй дӯст, ки оҳе бизанам.

## ЗОДИ РОҲ

Ниёзманди лабат ҷони бӯсахоҳи ман аст,
Нигоҳ кун ба ниёзе, ки дар нигоҳи ман аст.

Зи дида партави ишқ ар бурун занад, чӣ кунам?
Диле чу ойина дорам, ҳамин гуноҳи ман аст.

Бимонад он ки ба  умеди роҳи тӯша равад,
Манам, ки завқи ҷамоли ту зоди роҳи ман аст.

Зи сӯзи синаи соҳибдилон магардон рӯй,
Ки рӯшноии ойинаат зи оҳи ман аст.

Маро ба маҷлиси кӯрон кӣ кард ойинадор?
Шикасти кори ман аз ақли рӯсиёҳи ман аст.

Зи неши мор чӣ нолам чу даст бурдам пеш?
Хилофи тинати ӯ нест, иштибоҳи ман аст.

Гирифт дасти дили хунфишону хандон гуфт:
Хароб ғорати ишқ асту додхоҳи ман аст.

Ба зери сояи зулфи ту омадаст дилам,
Ба ғам бигӯй, ки ин хаста дар паноҳи ман аст.

Зи ҳусн пурс, ки дар рӯи ту ба Соя чӣ гуфт:
Ҷалоли шеъри ту ҳмм ҷилвае зи ҷоҳи ман аст.

## ҲАВОИ РӮИ ТУ ДОРАМ

Ҳавои рӯи ту дорам, намегузорандам,
Магар ба кӯи ту ин абрҳо биборандам?

Маро, ки масти туам, ин хумор хоҳад кушт,
Нигоҳ кун, ки ба дасти кӣ месупорандам?

Магар дар ин шаби деринтизори ошиқкуш,
Ба ваъдаҳои висоли ту зиндадорандам?

Ғаме намехӯрад айёму ҷои ранҷиш нест,
Ҳазор шукр, ки бе ғам намегузорандам.

Саре ба сина фурӯ бурдаам, магар рӯзе
Чу ганҷи гумшуда з-ин кунҷи ғам барорандам?

Чӣ бок, агар ба дили беғамон набурдам роҳ,
Ғами шикастадилонам, ки мегусорандам.

Ман он ситораи шабзиндадори уммедам,
Ки ошиқони ту то рӯз мешуморандам.

Чӣ ҷои хоб, ки ҳар шаб муҳассилони фироқ,
Хаёли рӯи ту бар дида мегуморандам.

Ҳанӯз даст нашустаст ғам зи хуни дилам,
Чӣ нақшҳое к-аз ин даст менигорандам.

Кадом маст май аз хуни Соя хоҳад кард,
Ки ҳамчу хӯшаи ангур мефишорандам?

## РАВШАНИ ГӮЁ

Дерест, ки аз рӯи дилорои ту дурем,
Муҳтоҷи баён нест, ки муҳтоҷи ҳузурем.

Торику тиҳӣ пушту паси ойина мондем,
Ҳарчанд ки ҳамсояи он чашмаи нурем.

Хуршед куҷо тобад аз ин домгаҳи марг,
Ботил ба умеди саҳаре з-он шаби гӯрем?

З-ин қиссаи пурғусса аҷаб нест шикастан,
Ҳарчанд ки бо ҳавсалаи санг сабурем.

Ганҷест ғами ишқ, ки дар зери сари мост,
Зорӣ макун, эй дӯст, агар бе зару зӯрем.

Бо ҳиммати воло, кӣ барад миннати фирдавс,
Аз ҳур чӣ гӯӣ, ки на аз аҳли қусурем?

Ӯ пили дамонест, ки парвои касаш нест,
Моем, ки дар пои вай афтода чу мӯрем.

Он равшани гӯё ба дили сӯхтаи мост,
Эй Соя, чаро дар талаби оташи Тӯрем?

### МАРГИ ДУБОРА

Дар ҳафт осмон чу надорӣ ситорае,
Эй дил, куҷо равӣ, ки бувад роҳи чорае?

Ҳоле намонд, то бизанӣ фоле, эй рафиқ,
Хуме куҷост, то бикунӣ истихорае?

Ҳар пораи дилам лаби захмест хунфишон,
Ҷуз хун чӣ меравад зи дили пора-порае?

Аз мавҷхези ҳодисаҳо маъмане намонд,
Киштӣ куҷо барам ба умеди канорае?

Дидори дилфурӯзи ту умри дубора буд,
Инак, шаби ҷудоиву марги дуборае.

Аз чини абрӯи ту дилам шӯр мезанад,
К-ин теғи каҷ ба хуни кӣ дорад ишорае?

Гар нест тоби сӯхтанат гирди мо магард,
К-оташ занад ба хирмани ҳастӣ шарорае.

Дар баҳри мо ҳар ойина ҷуз бими ғарқ нест,
Он беҳ к-аз миёна бигирӣ канорае.

Эй абр, ғам бибору дил аз гиря боз кун,
Моему саргузашти шаби беситорае.

### МЕҲРГИЁҲ

Эй моҳ, шабе мӯниси хилватгаҳи мо бош!
Дар ойинаи аҳли назар чеҳранамо бош!

Кори дили ман бин, ки гираҳ дар гираҳ афтод,
Гесӯ бикушову бинишин, чеҳранамо бош!

Ҷоме зи лаби хеш ба мастони ғамат бахш,
Гӯ, коми дили сӯхтае чанд раво бош!

Эй рӯҳ, Масеҳонафасе дар наи мо дам,
Дар синаи ин холии хомӯш наво бош!

Чашмам чу қадаҳ бар лаби нӯшат нигарон аст,
Эй соқии сармаст, шабе низ маро бош!

Мастему надонем шаб аз чанд гузаштаст,
Пур кун қадаҳе дигару бечуну чаро бош!?

Эй дил, зи сари зулфи бутон кор биёмӯз,
Бо ин ҳама занҷир ба рақс ою раҳо бош!

Чун хол, ки бар кунҷи лаби ёр хуш афтод,
Эй нукта,  ту ҳам дар даҳани дӯст ба ҷо бош!

Ойинаи мо занги кудурат напазирад,
Эй ғам, ба рухи Соя сиришке зи сафо бош!

То зиндадилон доруи дил аз ту биҷӯянд,
Эй шеъри дилангез, ҳамон меҳргиё бош!

## ХУРШЕДПАРАСТОН

Хуршедпарастон рухи он моҳ надиданд,
Дил ёва ниҳоданд, ки дилхоҳ надиданд.

Ҳар кас дам аз ӯ мезанаду ин ҳама дастон,
З-он рӯст, ки дар пардаи ӯ роҳ надиданд.

Шарҳи ғами дилсӯхтагон кори сухан нест,
З-ин сӯзи ниҳон халқ ба ҷуз оҳ надиданд.

Имрӯз азизи ҳама олам шудӣ, аммо
Эй Юсуфи ман, ҳоли ту дар чоҳ надиданд.

Аз хуни шафақ ханда кушояд гули хуршед,
Он шабшудагон, бин, ки саҳаргоҳ надиданд.

Риндон набуриданд дил аз дастдарозӣ,
То зулфи туро ин ҳама кӯтоҳ надиданд.

Озодагӣ омӯз, ки мардони шарафмард,
Дар ҷилваи ҳусну ҳунару ҷоҳ надиданд.

Ҳар гӯша зи ганҷи азалӣ ёфт насибе,
Ҷое ғами ӯ ҷуз дили огоҳ надиданд.

Чун Соя бипӯшон дили худ,  к-ойинадорон
Ҷуз гард дар ин куҳнагузаргоҳ надиданд.

## ҒАРИБОНА

Бигардед, бигардед, дар ин хона бигардед,
Дар ин хона ғарибед, ғарибона бигардед.

Яке мурғи чаман буд, ки ҷуфти дили ман буд,
Ҷаҳон лонаи ӯ нест, пайи лона бигардед.

Яке соқии маст аст, паси парда нишастаст,
Қадаҳ пеш фиристод, ки мардона бигардед.

Яке лаззати мастист, ниҳон зери лаби кист?
Аз ин даст бад-он даст чу паймона бигардед.

Яке мурғи ғариб аст, ки боғи дили ман хӯрд,
Ба домаш натавон ёфт, паи дона бигардед.

Насими нафаси дӯст ба ман хӯрду чи хушбӯст,
Ҳамин ҷост, ҳамин ҷост, ҳама хона бигардед.

Навое нашунидаст, ки аз хеш рамидаст,
Ба ғавғош махонед, хамӯшона бигардед.

Сиришке, ки бар он хок, фишондем буни ток,
Дар ин ҷӯши шароб аст, ба хумхона бигардед.

Чӣ ширину чӣ хушбӯст, куҷо хобгаҳи ӯст?
Паи он гули пурнӯш чу парвона бигардед.

Бар он халқ бихандед, ки ишқаш написандед,
Дар ин ҳалқаи занҷир чу девона бигардед.

Дар ин кунҷи ғамобод нишоне натавон дид,
Агар толиби ганҷед ба вайрона бигардед.

Калиди дари умед агар ҳаст шумоед,
Дар ин қуфли куҳансанг чу дандона бигардед.

Рух аз Соя нуҳуфтаст, ба афсуни кӣ хуфтаст?
Ба хобаш натавон дид, ба афсона бигардед.

Тани ӯ ба танам хӯрд, маро бурд, маро бурд,
Гарам боз наёвард, ба шукрона бигардед.

## ҒАМПАРАСТ

Ту меравию дил зи даст меравад,
Марав, ки бо ту ҳар чӣ ҳаст меравад.

Диле шикастию ба ҳафт осмон,
Ҳанӯз бонги ин шикаст меравад.

Куҷо тавон гурехт з-ин балои ишқ,
Ки бар сари ман аз аласт меравад?

Намехӯрад ғами хумори ошиқон,
Ки ҷоми мо шикасту маст меравад.

Аз он фарозу ин фуруд ғам махӯр,
Замона бар баланду паст меравад.

Биё, ки ҷони Соя бе ғамат мабод,
В-агарна ҷони ғампараст меравад.

Шаби ғами ту низ бигзарад, вале
Дар ин миён диле зи даст меравад.

## ДУРУСТШИКАСТА

Шикаставораму дорам диле дуруст ҳанӯз,
Вафо нигар, ки дилам пойбасти туст ҳанӯз.

Ба ҳеч ҷоми дигар нест, ҳоҷат, эй соқӣ,
Ки масти мастам аз он ҷуръаи нахуст ҳанӯз.

Чунин нишаста ба хокам мабин, ки дар талабат
Саманди ҳиммати мо чобук асту чуст ҳанӯз.

Ба оби ишқ тавон шуст пок даст аз ҷон,
Чӣ ошиқ аст, ки даст аз ҷаҳон нашуст ҳанӯз.

Зи кори дидаву дил, Соя, бармадор умед,
Гуле агарчи аз ин ашку хун наруст ҳанӯз.

## САМОЪИ САРД

Дар ин сарои бекасӣ, агар саре даромадӣ,
Ҳазор корвони дил зи ҳар даре даромадӣ.

Зибаски бол зад дилам ба сина дар ҳавои ту,
Агар даҳон кушудаме, кабӯтаре даромадӣ.

Самоъи сарди беғамон хумори мо намебарад,
Ба сони шуъла кошки қаландаре даромадӣ.

Хушо, ҳавои он ҳарифу оҳи оташини ӯ,
Ки ҳар нафас зи синааш самандаре даромадӣ.

Яке набуд аз ин миён, ки тир бар ҳадаф занад,
Дареғ, агар камонкаше, диловаре даромадӣ.

Агар ба қасди хуни ман набуд дасти ғам чаро
Аз остин ишқи ӯ чу ханҷаре даромадӣ?

Фурӯ халид дар дилам ғаме, ки нест марҳамаш,
Агар на хори ӯ будӣ ба наштаре даромадӣ.

Шаби сиёҳ ойина зи акси орзу тиҳист,
Чи будӣ ар парирухе зи чодаре даромадӣ.

Сиришки Соя ёва шуд дар ин кавири сӯхта,
Агар замона хостӣ чӣ гавҳаре даромадӣ.

## ҒАЗАЛИ ТАН

Тани ту матлаъи тобони равшанойиҳост,
Агар равони ту зебост, аз тани зебост.

Шигифт ҳодисаи нодир аст муъҷизатабъ,
Ки дар сарочаи таркиб чун туе орост.

На тоби тан, ки бурун мезанад зи пироҳан,
Ки аз зулоли танат ҷони равшанат пайдост.

Кӣ ин чароғ дар ойинаи ту равшан кард,
Ки осмону замин  ғарқи нури ин симост?

Зи боғи рӯи ту сад сурхгул чаро надамад,
Ки обу ранги баҳорат равона дар рагҳост?

Магар зи ҷони ғазал офаридаанд танат,
Ки табъи тозапарастам чунин ба ӯ шайдост?

На чашму дил, ки фурӯ монда дар гиребонат,
Ки рӯҳ шефтаи он ду мисраъи шевост.

Нигоҳи ман зи миёнат фурӯ намеояд,
Ҳазор нуктаи бориктар зи мӯ ин ҷост.

Ҳарифи вусъати ишқи ту синаи Сояст,
Чу офтоб, ки ойинадори ӯ дарёст.

## РАНҶИ ДЕРИНА

Ҳосиле аз ҳунари ишқи ту ҷуз ҳирмон нест,
Оҳ, аз ин дард, ки ҷуз марги манаш дармон нест.

Ин ҳама ранҷ кашидему намедонистем,
Ки балоҳои висоли ту кам аз ҳиҷрон нест.

Ончунон сӯхта ин хоки балокаш, ки дигар
Интизори мададе аз карами борон нест.

Ба вафои ту тамаъ бастаму умр аз каф рафт,
Он хаторо ба ҳақиқат кам аз ин товон нест.

Ин чӣ теғ аст, ки дар ҳар раги ман захме аз ӯст,
Гар бигӯям, ки ту дар хуни манӣ, буҳтон нест.

Ранҷи деринаи инсон ба мудово нарасид,
Иллат он аст, ки бемору табиб инсон нест.

Сабр бар доғи дили сӯхта бояд чун шамъ,
Лоиқи суҳбати базми ту шудан осон нест.

Табу тоби ғами ишқат дили дарё талабад,
Ҳар тунукҳавсаларо тоқати ин тӯфон нест.

Соя, сад умр дар ин қисса ба сар рафту ҳанӯз,
Моҷарои ману маъшуқи маро поён нест.

## ОЙИНАИ АЙБНАМО

Рафтӣ, эй ҷону надонем, ки ҷои ту куҷост?
Мурғи шабхони куҷоиву навои ту куҷост?

Он чӣ бегонагиву ин чӣ ғарибест, ки нест
Ошное, ки бипурсем, сарои ту куҷост?

Чӣ шуд он меҳру вафое, ки ман омӯхтамат,
Аҳди мо бо ту на ин буд, вафои ту куҷост?

Мардуми дидаи соҳибназарон ҷои ту буд,
Инак, эй ҷон, нигарон бош, ки ҷои ту куҷост?

Чи парешонам аз ин фикри парешон шабу рӯз,
Ки шабу рӯз куҷоиву куҷои ту куҷост?

Ҳунари хеш ба дунё нафурӯшӣ, зинҳор,
Гавҳаре дар ҳама олам ба баҳои ту куҷост?

Чӣ кунӣ бандагии давлати дунё, эй кош,
Ба худ оиву бибинӣ, ки Худои ту куҷост?

Гарчи машшотаи ҳуснат ба сад оин орост,
Санамо, ойинаи айбнамои ту куҷост?

Зери сарпанҷаи гургему ҷигарҳо хун аст,
Эй шубони дили мо, нолаи нои ту куҷост?

Кӯҳ аз ин қиссаи пурғусса ба фарёд омад,
Оҳу оҳ аз дили санги ту, садои ту куҷост?

Дил зи ғамҳои гулӯгир гираҳ дар гираҳ аст,
Соя, он замзамаи гирякушои ту куҷост?

## МАН ОН СУБҲАМ...

Ман он субҳам, ки ногоҳон чу оташ дар шаб афтодам,
Биё, эй чашми равшанбин, ки хуршеде аҷаб зодам.

Зи ҳар чоки гиребонам чароғе тоза метобад,
Ки дар пироҳани худ озарахшосо дарафтодам.

Чу аз ҳар зарраи ман офтобе нав ба чарх омад,
Чӣ бок аз оташи даврон, ки хоҳад дод барбодам?

Танам афтода хунин зери ин овори шаб, аммо
Даре з-ин дахма сӯи хонаи хуршед бикшодам.

Ало, эй субҳи озодӣ, ба ёд овар дар ин шодӣ,
К-аз ин шабҳои нобовар манат овоз медодам.

Дар он дуриву бадҳолӣ, набудам аз рухат холӣ,
Ба дил медидамат в-аз ҷон саломат мефиристодам.

Сазад, к-аз хуни ман нақше барорад лаъли пирӯзат,
Ки ман бар дурҷи дил меҳре ба ҷуз меҳри ту нанҳодам.

Ба ҷуз доми сари зулфат, ки ороми дили Сояст,
Ба банде тан нахоҳад дод ҳаргиз ҷони озодам.

## ШАБГАРД

Бар остони ту дил поймоли сад дард аст,
Бибин, ки дасти ғамат бар сарам чӣ овардаст?

Ҳавои боғи гули сурх доштему дареғ,
Ки булбулон ҳама зоранду баргҳо зард аст.

Шаб асту ойина хоби сапеда мебинад,
Биё, ки рӯзи хуши мо хаёлпарвард аст.

Даҳони ғунча фурӯбаста монд дар шаби боғ,
Ки субҳи хандакушо рӯй аз ӯ ниҳон кардаст.

Чиҳо ки бар сари мо рафту кас назад оҳе,
Ба мардуме, ки ҷаҳон сахт ноҷавонмард аст.

Ба сӯзи дил нафасе оташин барор, эй дил,
Ки синаҳо сияҳ аз рӯзгори дамсард аст.

Ғами ту бо дили ман панҷа дарфиканду равост,
Ки ин далер ба бозуи он ҳамовард аст.

Дило, манолу бибин ҳастии ягонаи ишқ,
Ки осмону замин бо ману ту ҳамдард аст.

Зи хоби зулфи сиёҳат чӣ дам занам, ки ҳанӯз,
Хаёли Соя парешон зи фикри шабгард аст.

## ҒУРУБИ ЧАМАН

Бо ин ғуруб аз ғами сабзи чаман бигӯ,
Андуҳи сабзаҳои парешон ба ман бигӯ.

Андешаҳои сӯхтаи арғувон бин,
Рамзи хаёли сӯхтагон бесухан бигӯ.

Он шуд, ки сар ба шонаи шамшод мегузошт,
Оғӯши хоку бекасии настаран бигӯ.

Шавқи ҷавона рафт зи ёди дарахти пир,
Эй боди навбаҳор, зи аҳди куҳан бигӯ.

Он оби рафта боз наояд ба ҷӯи хушк,
Бо чашми тар зи ташнагии ёсуман бигӯ.

Аз соқиёни базми тарабхонаи сабӯҳ,
Бо хомӯшони ғамзадаи анҷуман бигӯ.

З-он мужда гӯ, ки сад гули сӯрӣ ба сина дошт
В-ин мавҷи хун, ки мезанадаш дар даҳан бигӯ.

Сарви шикаста нақши дили мо бар об зад,
Ин моҷаро ба ойинаи дилшикан бигӯ.

Он сурху сабз Соябунафшу кабуд шуд,
Сарви сиёҳи ман зи ғуруби чаман бигӯ.

## ГӮШМОЛИ ПАНҶАИ ИШҚ

Худойро, ки чу ёрони нимароҳ марав,
Ту нури дидаи моӣ, ба ҳар нигоҳ марав.

Туро, ки чун ҷигари ғунча ҷони гулранг аст,
Ба ҷамъи ҷомасапедони дилсиёҳ марав.

Ба зери хирқаи рангин чӣ домҳо доранд,
Ту мурғи зиракӣ, эй ҷон, ба хонақоҳ марав.

Муриди пири дили хеш бош, эй дарвеш
В-аз ӯ ба бандагии ҳеч подшоҳ марав.

Мабод, к-аз дари майхона рӯй бартобӣ,
Ту тоби тавба надорӣ, ба иштибоҳ марав.

Чу рост кард туро гӯшмоли панҷаи ишқ,
Ба захмае, ки ғамат мезанад зи роҳ марав.

Ҳунар ба дасти ту зад бӯса, қадри худ бишнос,
Ба дастбӯсии ин бандагони ҷоҳ марав.

Гуноҳи уқдаи ашкам ба гардани ғами туст,
Ба хуни гӯшанишинони бегуноҳ марав.

Чароғи равшани шабҳои  рӯзгор туӣ,
Марав зи ойинаи чашми Соя, оҳ, марав.

## САРОИ СУРУД

Дигар нигоҳ магардон дар осмони кабуд,
Кабӯтарони ту пурхаста омаданд фуруд.

Ба ҳар чи менигарам бо дареғу бидруд аст,
Шуд он замон, ки ҷаҳон ҷумла мужда буду дуруд.

Дареғи аҳди шакархобу рӯзгори шабоб,
Чунон гузашт, ки ангор ҳар чӣ буду набуд.

Чӣ нақшҳо, ки ба хуни ҷигар задему дареғ,
К-аз он паранди нигорин на тор монду на пуд.

Сухан ба синаи тангам намезанад чанге,
Ки гӯри гиряи хомӯш шуд сарои суруд.

Чӣ рафт бар сари он шаҳсавори дашти шафақ,
Ки хун ҳамечакад аз суми ин саманди кабуд?

Бувад, ки хирмани хокистараш ба бод равад,
Чу танг шуд нафаси оташ аз табоҳии дуд.

Мабод Соя, ки ҷонат бимонад аз рафтор,
Ки дар равандагии доим аст ҳастии рӯд.

Туро, ки гӯши дил асту забони ҷон хуш бош,
Ки нозукони ҷаҳонрост бо ту гуфтушунуд.

## СИЁҲ ВА САПЕД

Шабе расид, ки дар орзуи субҳи умед,
Ҳазор умри дигар бояд интизор кашид.

Дар осмони саҳар истода буд гумон,
Сиёҳ кард маро осмони бехуршед.

Ҳазор сол зи ман дур шуд ситораи субҳ,
Бибин, к-аз ин шаби зулмат ҷаҳон чӣ хоҳад дид?

Дареғи ҷони фурӯрафтагони ин дарё,
Ки рафт дар сари савдои сайди марворид.

Набуд дар садафе он гуҳар, ки меҷустем,
Сафои ашки ту бод, эй хароб, ганҷи умед.

Надонам, он ки дилу дини мо ба савдо дод,
Баҳои он чӣ гирифту ба ҷои он чӣ харид?

Сиёҳдастии он соқии мунофиқ бин,
Ки захр рехт ба ҷоми касон ба ҷои набид.

Сазост гар биравад рӯди хун зи синаи дӯст,
Ки барқи дашнаи душман надиду дасти палид.

Чӣ нақш бохтӣ, эй рӯзгори рангомез,
Ки ин сапед сияҳ гашту он сиёҳ сапед?

Куҷост он ки дигар раҳ салои ишқ занад,
Ки ҷони мост гаравгони он навою навид?

Биё, ки табъи ҷаҳон ногузири ин ишқ аст,
Ба ҷодуӣ натавон гашт оташи ҷовид.

Равонсиёҳ, ки ойинадори хуршед аст,
Бибин, ки аз шаби умраш сапедае надамид.

## ЧАНДУМИН ҲАЗОР УМЕДИ БАНИ ОДАМ

Гуфтам, ки муждабахши дили хуррам аст ин,
Маст аз дарам даромаду дидам ғам аст ин.

Гар чашм боғи гиряи торики ман надид,
Эй гул, зи беситорагии шабнам аст ин.

Парвона болу пар заду дар доми хеш хуфт,
Поёни шоми пиллаи абрешам аст ин.

Боз ин чӣ абр буд, ки моро фурӯ гирифт?
Танҳо на ман, гирифтагии олам аст ин.

Эй даст бурда дар дилу динам, чӣ мекунӣ?
Ҷонам бисӯхтию ҳанӯзат кам аст ин.

Як дам нигоҳ кун, ки чӣ барбод медиҳӣ?
Чандумин ҳазор умеди бани Одам аст ин.

Гуфтӣ, ки шеъри Соя дигар ранги ғам гирифт,
Оре, сиёҳҷомаи сад мотам аст ин.

## ҲАСТ, ЭЙ СОҚӢ

Шукуҳи ҷоми ҷаҳонбин шикаст, эй соқӣ!
Намонд ҷуз ману чашми ту маст, эй соқӣ!

Мани шикастасабӯ чора аз куҷо ҷӯям,
Ки санги фитна сари хум шикаст, эй соқӣ!?

Сафои хотири дурдикашон бибин, ки ҳанӯз,
Зи доманат накашиданд даст, эй соқӣ!

Зи ранги хуни дили мо, ки обрӯи ту буд,
Чӣ нақшҳо, ки ба дил менишаст, эй соқӣ!

Дар ин ду дам мададе кун магар, ки баргузарем,
Ба сарбаландӣ аз ин дайри паст, эй соқӣ!

Шабе, ки соғарат аз май пур асту вақт хуш аст,
Бизан ба шодии ин ғампараст, эй соқӣ!

Чӣ хун, ки меравад ин ҷо зи пои хаста ҳанӯз,
Магӯ, ки марди раҳе нест, ҳаст, эй соқӣ!

Раво мадор, ки пайваста дилшикаста бувад,
Диле, ки Соя ба зулфи ту баст, эй соқӣ!

## КАМАНДИ МЕҲР

Чу шабравони саросема гирди хона магард,
Ту худ баҳонаи хешӣ, паи баҳона магард.

Ту нури дидаи моӣ, ба ҷои хеш дарой,
Чунин чу сардуми бегона гирди хона магард.

Туӣ, ки хонахудоӣ, биёву худро бош,
Буруни дар манишину бар остона магард.

Замона гашту дигар бар мадори бемеҳрист,
Ту бар мадори дил аз меҳру чун замона магард.

Чу тир гузаштӣ зи ҳафт пардаи чашм,
Кунун, ки дар буни ҷонӣ паи нишона магард.

Ба ҳуш бош, ки ҳар нуқта доми доираест,
Ту дар ҳавои раҳоӣ дар ин миёна магард.

Каманди меҳр накарди зи гесӯвони баланд,
Дигар ба гирди сари ман чу тозиёна магард.

Ту шеъри гумшудаи Соявӣ, шинохтамат,
Ба соявашани маҳтоб хомӯшона магард.

## ЧАШМАИ ХОРО

Эй ишқ, машав дар хат, гӯ, халқ надонандат,
Ту ҳарфи муаммоӣ, хондан натавонандат.

Бегона гарат хонад, чун хештанат донад,
Хуш бошу каромат дон, к-аз хеш биронандат.

Дарди ту сиришти туст, дармон зи кӣ хоҳӣ ҷуст?
Ту доми худӣ, эй дил, то чун бираҳонандат.

Аз базми сияҳдастон, ҳаргиз қадаҳе мастон,
Заҳр аст агар обе дар ком чаконандат.

Дар гарданат аз ҳар сӯ, печида ғаме гесӯ,
То дар шаби саргардон ҳар сӯ бикашонандат.

Ту оби гуворой, ҷӯшида зи хорой,
Эй чашма, макун талхӣ в-ар заҳр чашонандат.

Як умр ғамат хӯрдам, то дар барат овардам,
Гар ҷон бидиҳанд, эй ғам, аз ман наситонандат.

Гар даст бияфшонанд, бар Соя намедонанд,
Ҷони ту, ки арзонӣ гар ҷон бифишонандат.

Чун мушки пароканда, олам зи ту оканда,
Гар нофа ниҳон дорӣ аз бӯй бидонандат.

## ҲАМОШЁН

Ҳанӯз ишқи ту уммедбахши ҷони ман аст,
Хушо, ғаме, ки аз ӯ шодии ҷаҳони ман аст.

Чӣ шукр гӯямат, эй ҳастии ягонаи ишқ,
Ки сӯзи синаи хуршед дар забони ман аст?

Агарчи фурсати умрам зи даст рафт, биё,
Ки ҳамчунон ба раҳат чашми хунфишони ман аст.

Намеравад зи сарам ин хаёли хунолуд,
Ки доси ҳодиса дар қасди арғувони ман аст.

Биё, биё, ки дар ин зулмати дурӯғу риё,
Фурӯғи рӯи ту оройиши равони ман аст.

Ҳикояти ғами дерин ба ишқ гуфтам, гуфт:
Ҳанӯз ин ҳама оғози достони ман аст.

Бад-ин нишон, ки туӣ, эй дили нишаста ба хун,
Бимон, ки тири амони ту дар камони ман аст.

Агар зи варта битарсӣ чӣ тарф хоҳӣ баст?
Зи турфаҳо, ки дар ин баҳри бекарони ман аст.

Замон ба дасти парешониаш нахоҳад дод,
Диле, ки дар гарави ҳусни ҷовидони ман аст.

Ба шодии ғазали Соя нӯшу бахшаш ишқ,
Ки мурғи хушсухани ғам ҳамошёни ман аст.

## БО СИНАСАРДОН

Маншин чунин зору ҳазин чун рӯйзардон,
Шеъре бихон, созе бизан, ҷоме бигардон.

Раҳ дуру фурсат дер, аммо шавқи дидор,
Манзил ба манзил меравад бо раҳнавардон.

Ман бар ҳамон аҳдам, ки бо зулфи ту бастам,
Паймон шикастан нест дар оини мардон.

Гар раҳрави ишқӣ ту поси раҳ нигаҳ дор,
Биллоҳ, ки безор аст раҳ з-ин ҳарзагардон.

Сад дӯзах ин ҷо бифсурад, оре, аҷаб нест,
Гар дарнагирад оташат бо синасардон.

Он к-ӯ ба дил дарде надорад одамӣ нест,
Безорам аз бозори ин бе ҳеч дардон.

Оре, ҳунар бе айби ҳирмон нест, лекин
Маҳрумтар баргаштам аз пеши ҳунардон.

Бо талхкомӣ сабр кун, эй ҷони ширин,
Донӣ, ки дунё захр дорад дар шакардон.

Гардан раҳо кун, Соя, аз банди тааллуқ,
То вораҳӣ аз чанбари ин чархи гардон.

**ХОБ**

Бахт агар бедор бошад, хоб бардорад маро,
Яксар аз бистар дар оғӯши ту бигзорад маро.

Аз чӣ дарё омадам бо абри бепоёни ғам,
К-осмон умрест то якрез меборад маро.

Охирин паймонаи шабгири ин хумхонаам,
То кадомин масти дурдошом бигсорад маро?

Ганҷи бекадрам ба дасти рӯзгори мурдадӯст,
Он гаҳам донад, ки худ дар хок биспорад маро.

Гарчи маргам пештар аз фурсати дидори туст,
Ҳамчунон шавқи висолат зинда медорад маро.

Синаи софӣ гирифтам пеши чашми рӯзгор,
То дар ин ойина ҳар кас худ чӣ ангорад маро?

Соя,  худ гар дар ҳавоят хок гардад, бок нест,
Оқибат рӯзе ба кӯят бод меорад маро.

Ёди он фарзонаи озурдахотир хуш, ки гуфт:
«Хомӯшӣ ҷустам, ки ҳосид мурда пиндорад маро».

**САРГУЗАШТИ ЧАМАН**

Зи саргузашти чаман дил ба дард меояд,
Бибанд панҷараро боди сард меояд.

Дареғи боғи гули сурхи ман, ки дар ғами ӯ,
Ҳама замину замон зору зард меояд.

Намеравад зи дили ман сафои сурати ишқ,
В-агар бар ойина борони гард меояд.

Ба шоҳроҳи талаб нест бими гумроҳӣ,
Ки роҳ бо қадами раҳнавард меояд.

Ту мард бошу маяндеш аз гаронии дард,
Ҳамеша дард ба сарвақти мард меояд.

Дигар ба сӯзи дили ошиқон кӣ хоҳад хонд?
Дилам зи нолаи булбул ба дард меояд.

**ДАРД**

Ҳикоят аз чӣ кунам, сина-сина дард ин ҷост?
Ҳазор шуълаи сӯзону оҳи сард ин ҷост.

Нигоҳ кун, ки зи ҳар беша дар қафас шерест,
Балучу курду лару турку геламард ин ҷост.

Биё, ки масъалаи будану набудан нест,
Ҳадиси аҳду вафо меравад, набард ин ҷост.

Баҳор он сӯи девор монду ёди хушаш,
Ҳанӯз бо ғами ин баргҳои зард ин ҷост.

Ба рӯзгор шабе бесаҳар нахоҳад монд,
Чу чашм боз кунӣ субҳи шабнавард ин ҷост.

Чудоӣ аз зану фарзанд Соячон, саҳл аст,
Туро зи хеш ҷудо мекунанд, дард ин ҷост.

## ЯГОНА

Ҳамон ягонаи хуснӣ, агарчи пинҳонӣ
В-агар дубора бароӣ, ҳазор чандонӣ.

Чӣ моя ҷону ҷавонӣ, ки рафт дар талабат,
Биё, ки ҳар чӣ бихоҳӣ, ҳанӯз арзонӣ.

Зи дил намеравӣ, эй орзуи рӯзи биҳӣ,
Ки чун вадеаи ғам дар ниҳоди инсонӣ.

Харобхуфти талбиси дев натвон буд,
Биё, биё, ки ҳамон хотами Сулаймонӣ.

Равандагони тариқи ту роҳ гум накунанд,
Ки нури чашми умеду чароғи имонӣ.

Ҳазор фикри ҳакимона чора ҷусту нашуд,
Туӣ, ки дарди ҷаҳонро ягона дармонӣ.

Чӣ пардаҳо, ки кушодему ончунон, ки туӣ,
Ҳанӯз дар паси пиндори Соя пинҳонӣ.

## МУРҒИ ДАРЁ

Он кӣ маст омаду дасте ба дили мо заду рафт,
Дари ин хона, надонам, ба чӣ савдо заду рафт.

Хост танҳоии моро ба рухи мо бикушад,
Танае бар дари ин хонаи танҳо заду рафт.

Дили тангаш сари гул чидан аз ин боғ надошт,
Қадаме чанд ба оҳанги тамошо заду рафт.

Мурғи дарё хабар аз як шаби тӯфонӣ дошт,
Гашту фарёдкашон бол ба дарё заду рафт.

Чӣ ҳавое ба сараш буд, ки бо дасти тиҳӣ,
Пушти по бар ҳаваси давлати дунё заду рафт?

Баски авзои ҷаҳон дарҳаму номавзун дид,
Қалами насх бар ин хатти чалипо заду рафт.

Дили хуршедиаш аз зулмати мо гашт малул,
Чун шафақ бол ба шоми шаби ялдо заду рафт.

Ҳамнавои дили ман буд ба ҳангоми қафас,
Нолае дар ғами мурғони ҳамово заду рафт.

## ХОБ ВА ХАЁЛ

Нозанин омаду дасте ба дили мо заду рафт,
Пардаи хилвати ин ғамкада боло заду рафт.

Кунҷи танҳоии моро ба хаёле хуш кард,
Хоби хуршед ба чашми шаби ялдо заду рафт.

Дарди беишқии мо диду дареғаш омад,
Оташи шавқ дар ин ҷони шикебо заду рафт.

Хирмани сӯхтаи мо ба чӣ кораш мехӯрд?
Ки чу барқ омаду дар хушку тари мо заду рафт.

Рафту аз гиряи тӯфониам андеша накард,
Чӣ диле дошт, Худоё, ки ба дарё заду рафт?

Бувад оё, ки зи девонаи худ ёд кунад,
Он ки занҷир ба пои дили шайдо заду рафт?

Соя, он чашми сияҳ бо ту чӣ мегуфт, ки дӯш
Ақл фарёд баровbooарду ба саҳро заду рафт.

## ГАҲВОРАИ ХОЛӢ

Умрест то аз ҷону дил, эй ҷону дил мехонамат,
Ту низ хоҳонӣ манӣ, медонамат, медонамат.

Гуфтӣ: Агар донӣ маро, оию бистонӣ маро,
Эй ҳечгоҳи нокуҷо, гӯ, ки куҷо бистонамат?

Овози хомӯшӣ аз он, дар пардаи гӯшӣ ниҳон,
Бе миннати гӯшу даҳон дар ҷони ҷон мехонамат.

Маншин хамӯш, эй ҷони хуш, ин сокиниҳоро бикуш,
Гар тан ба оташ медиҳӣ чун шуъла мерақсонамат.

Эй хандаи нилуфарӣ,  дар гиряаам меоварӣ,
Бар гиря механдию ман дар гиря механдонамат.

Эй зодаи пиндори ман, пӯшида аз дидори ман,
Чун кӯдаки нодошта гаҳвора меҷунбонамат.

Эй ман, ту бе ман кистӣ? Чун Суоя бе ман нестӣ,
Ҳамроҳи ман меистӣ, ҳампои худ меронамат.

## АЗ ИН ШАБҲОИ НОБОВАР

Ман он субҳам, ки ногоҳон чу оташ дар шаб афтодам,
Биё, эй чашми равшанбин, ки хуршеде аҷаб зодам.

Зи ҳар чоки гиребонам чароғе тоза метобад,
Ки дар пироҳани худ озарахшосо дарафтодам.

Чу аз ҳар зарраи ман офтобе нав ба чарх омад,
Чӣ бок аз оташи даврон, ки хоҳад дод барбодам?

Танам афтода хунин зери ин овори шаб, аммо
Даре з-ин дахма сӯи хонаи хуршед бикшодам.

Ало, эй субҳи озодӣ, ба ёд овар дар ин шодӣ,
К-аз ин шабҳои нобовар манат овоз медодам.

Дар он дурию бадҳолӣ, набудам аз рухат холӣ,
Ба дил медидамат в-аз ҷон саломат мефиристодам.

Сазад, к-аз хуни ман нақше барорад лаъли пирӯзат,
Ки ман бар дурҷи дил меҳре ба ҷуз меҳри ту нанҳодам.

Ба ҷуз доми сари зулфат ки ороми дили Соят?
Ба банде тан нахоҳад дод ҳаргиз ҷони озодам.

## БАЙТУЛҒАЗАЛ

Ин ишқ, чӣ ишқ аст? Надонем, ки чун аст?
Ақл асту ҷунун асту на ақлу на ҷунун аст.

Фарзона чӣ дарёбаду девона чӣ донад?
Аз мастии ин бода, ки ҳаррӯз фузун аст.

Моҳест ниҳон бар сари ин баҳри парешон,
К-ин мавҷи саросема баланд асту нагун аст.

Ҳолею хаёлест, ки бар ақл ниҳад банд,
Ин турфа чӣ оҳуст, к-аз ӯ шер забун аст.

Он теғ куҷо буд, ки ногаҳ раги ҷон зад?
Пинҳон натавон дошт, ки ин ҷо ҳама хун аст.

Бо матлаъи абрӯи ту ҳуш аз сари ман рафт,
Пайдост, ки байтулғазали чашми ту чун аст.

Бо зулфи ту корам ба куҷо мекашад охир?
Ҳоло, ки зи дастам сари ин ришта бурун аст.

Соя, сухан аз нозукию хушбаданӣ нест,
Он бахт, ки мехостӣ аз вақт кунун аст.

Бо хилъати хокӣ талабӣ талъати хуршед,
Рухсора барафрӯз, ки ӯ ойинагун аст.

## ТӮТИЁ

Маҳе, ки музди вафои маро ҷафо донист,
Дилам ҳар он чӣ ҷафо дид аз ӯ, вафо донист.

Равон шав аз дили хунинам, эй сиришки ниҳон,
Чаро ки он гули хандон чунин раво донист.

Сафои хотири ойинадори моро бош,
Ки ҳар чӣ дид ғубори ғамаш, сафо донист.

Гарам висол набахшанд, хушдилам ба хаёл,
Ки дил ба дарди ту хӯ карду ин даво донист.

Ту ғунча будию булбул хамӯши ғайрати ишқ,
Ба ҳайратам, ки сабо қисса аз куҷо донист?

Зи чашми Соя, Худоро, қадам дареғ мадор,
Ки хоки роҳи туро айни тӯтиё донист.

## ЧАШМЕ КАНОРИ ПАНҶАРАИ ИНТИЗОР

Эй дил, ба кӯи ӯ зи кӣ пурсам, ки ёр ку?
Дар боғи пуршукуфа кӣ пурсад, баҳор ку?

Нақшу нигори Каъба на мақсуди шавқи мост,
Нақше баландтар задаем, он нигор ку?

Ҷоно, навои ишқ хамӯшона хуштар аст,
Он ошнои раҳ, ки  бувад пардадор ку?

Мондам дар ин нишебу шаб омад, Худойро,
Он роҳбар куҷо шуду он роҳвор ку?

Эй бас ситам, ки бар сари мо рафту кас нагуфт,
Он пайки раҳшиноси ҳикоятгузор ку?

Чанге ба дил намезанад имшаб суруди мо,
Он хуштарона чангии шабзиндадор ку?

Завқи нишотро маю соқӣ баҳона буд,
Афсӯс, он ҷавонии шодигусор ку?

Як шаб чароғи рӯи ту равшан шавад, вале
Чашме канори панҷараи интизор ку?

Хуни ҳазор сарви диловар ба хок рехт,
Эй Соя, ҳой-ҳои лаби ҷӯйбор ку?

## ҲАСРАТИ ПАРВОЗ

Чанд ёди чаману ҳасрати парвоз кунам?
Бишканам ин қафасу болу паре боз кунам.

Бас баҳор омаду парвонаву гул маст шуданд,
Ман ҳанӯз орзуи фурсати парвоз кунам.

Хори ҳасрат занадам захма ба тори дили реш,
Чун ҳавои гулу мурғони ҳамовоз кунам.

Булбулам, лек чу гул аҳд бибандад бо зоғ,
Ман дигар бо чӣ диле лаб ба сухан боз кунам?

Сарам, эй моҳ, ба домони навозиш бигузор,
То дар оғӯши ту сӯзи ғазале соз кунам.

Ба навоям бирасон з-он лаби ширин, ки чу най
Шикваҳои шаби ҳиҷрони ту оғоз кунам.

Бо дами Исавиям гар бинавозӣ чун ной,
Аз дили мурда барорам даму эъҷоз кунам.

Бӯса мехостам аз он маҳу хуш механдид,
Ки ниёзат бидиҳам охир агар ноз кунам.

Соя, хун шуд дилам, азбаски нишастам хомӯш,
Хез то қиссаи он сарви сарафроз кунам.

## ЧАНГИ ШИКАСТА

Бозам ба сар зад имшаб, эй гул, ҳавои рӯят,
Пое намедиҳад то пар во кунам ба сӯят.

Гирам қафас шикастам в-аз дому дона ҷастам,
Ку боли он ки худро бозафканам ба кӯят?

То кай чу шамъ гирям, эй дар ин шаби тор,
Чун субҳ нушханде то ҷон диҳам ба бӯят?

Аз ҳасратам бимӯяд чанги шикастаи дил,
Чун боди навбаҳорӣ чанге занад ба мӯят.

Эй гул, дар орзуят ҷону ҷавониям рафт,
Тарсам бимираму боз бошам дар орзуят.

Азпофитодагонро дасте бигир охир,
То кай ба сар бигардам дар роҳи ҷустуҷӯят?

Ту, эй хаёли дилхоҳ, зеботарӣ аз он моҳ,
К-аз ашки шавқ додам як умр шустушӯят.

Чун Соя дар паноҳи девори ғам биосой,
Шодӣ намекушояд, эй дил, даре ба рӯят.

## ДАР АВҶИ ОРЗУ

Бигзор то аз ин шаби душвор бигзарем,
Он гаҳ чӣ муждаҳо, ки ба боми саҳар барем.

Рӯди раванда синаву сар мезанад ба санг,
Яъне биё, ки раҳ бикушоему бигзарем.

Лаъле чакида аз дили мо гашту ёва гашт,
Хун мехӯрем боз, ки бозаш бипарварем.

Эй равшан аз ҷамоли ту ойинаи хаёл,
Бинмой рух, ки дар назарат низ бингарем.

Дарёб боли хастаи ҷӯяндагон, ки мо
Дар авҷи орзу ба ҳавои ту мепарем.

Паймоншикан ба роҳи залолат супурда беҳ,
Мо ҷуз тариқи аҳду вафои ту наспарем.

Он рӯзи хуш куҷост, ки аз толеъи баланд,
Бар ҳар карона партави меҳраш бигустарем?

Бе равшанӣ падид наояд баҳои дур,
Дар зулмати замона, ки донад чӣ гавҳарем.

Он лаълро, ки хотами хуршед нақши ӯст,
Дасте ба хуни дил бибарему бароварем.

Моем Соя, к-аз таки ин дараи кабуд,
Хуршедро ба қуллаи зарфом мебарем.

## ДАР ДОМИ КУФР

Ғайри ишқи ӯ, ки дардаш айни дармон гаштан аст,
Ҳосили ҳар кори дигар ҷуфти ҳирмон гаштан аст.

Хушдилӣ хоҳӣ паи ӯ гир, к-андар боғи меҳр,
Субҳро аз бӯи ин гул завқи хандон гаштан аст.

Шамъро з-он рӯ хуш афтодаст ин худсӯхтан,
К-аз фанои тан ҳавои ӯ ҳама ҷон гаштан аст.

То ниҳодӣ ганҷи рози ишқ худ дар хоки мо,
Қудсиёнро мултамас ташриқи инсон гаштан аст.

То сари зулфи ту шуд бозичаи дасти насим,
Кору бори ҷамъи муштоқон парешон гаштан аст.

Ҷом бишкастанду акнун вақти гул хун мехӯранд,
Ҳосили он тавба кардан ин пушаймон гаштан аст.

Аз лаби паймона гар сар меравад, лаб бармагир,
Мардро аз ҷон гузаштан беҳ зи паймон гаштан аст.

Соя, имони Халиле нест дар ин доми куфр,
В-арна оташро ҳамон шавқи гулистон гаштан аст.

## ҒАЗАЛИ КУҲНА

Надонамат, ки чун ин моҷаро тамом кунӣ,
Аз ин сарои куҳан роҳии куҷом кунӣ?

Дар ин ҷаҳони ғарибам аз он раҳо кардӣ,
Ки бо ҳазор ғаму дард ошном кунӣ.

Басам навои хуш омӯхтию охири умр,
Салоҳи кор чӣ дидӣ, ки бенавом кунӣ.

Чунин абас нигаҳам доштӣ ба умри дароз,
Ки аз мулозимати ҳамраҳон ҷудом кунӣ.

Ту худ ҳар ойина ҷуз ашку хун нахоҳӣ дид,
Гарат ҳавост, ки ҷоми ҷаҳоннамом кунӣ.

Маро, ки ганҷи ду олам баҳои мӯе нест,
Ба як пашиз наярзам, агар баҳом кунӣ.

Замона карду нашуд,  дасти ҷавр ранҷа макун,
Ба сад ҷафо натавонӣ, ки бевафом кунӣ.

Ҳазор нақши навам дар замир меомад,
Ту хостӣ, ки чу Соя ғазалсаром кунӣ.

Лаби ту нуқтаи поёни моҷарои ман аст,
Биё, ки ин ғазали куҳнаро тамом кунӣ.

**НАҚШИ ПАРНИЁН**

Ҳазор сол дар ин орзу тавонам буд,
Ту ҳар чӣ дер биёӣ ҳанӯз бошад зуд.

Ту сахт сохта меоиву намедонам,
Ки рӯзи омаданат рӯзии кӣ хоҳад буд?

Зиҳӣ, умеди шикебофарин, ки дар ғами ту,
Зи умри хастаи ман ҳар чӣ кост, ишқ афзуд.

Бад-он ду дида, ки бархезу дасти хун бикшой,
К-аз ин бад омада роҳ бурун шудӣ накшуд.

Бурун кашидам аз он варта рахту суд надошт,
Ки бар каронаи тӯфон наметавон осуд.

Диле ба дасти ту додему ин надонистем,
Ки дашнаҳост дар он остини хунолуд.

Чӣ нақш мезанад ин пири парниёнандеш,
Ки бас гираҳ зи дилу ҷони Соя басту кушуд.

**НАМУД**

Пеши рухи ту, эй санам, Каъба суҷуд мекунад,
Дар талаби ту осмон ҷома кабуд мекунад.

Ҳусни малоику башар, ҷилва надошт ин қадар,
Акси ту мезанад дар ӯ, ҳусн намуд мекунад.

Ноз нишаста бо тараб, чеҳра ба чеҳра, лаб ба лаб,
Гӯшаи чашми масти ту гуфтушунуд мекунад.

Эй ту фуруғи кавкабам, тира маҳоҳ чун шабам,
Дил ба ҳавои оташат, ин ҳама дуд мекунад.

Дар дили бенавои ман, ишқи ту чанг мезанад,
Шавқ ба авҷ мерасад, сабр фуруд мекунад.

Он ки ба баҳр медиҳад, сабри нишастани абад,
Шавқи саёҳату сафар ҳамраҳи рӯд мекунад.

Дил ба ғаме фурӯхтам, появу моя сӯхтам,
Шод зиён харидае, к-ин ҳама суд мекунад.

Атр диҳад ба сӯхтан, нағма занад ба сохтан,
Ваҳ, ки дили ягонаам кори ду уд мекунад.

Мутриби ишқи ӯ ба ҳар парда, ки даст мебарад,
Пардасарои Сояро пур зи суруд мекунад.

## ҲАМПАЙМОН

Кушоди кори он дилбанд, агар бо ҷони ман будӣ,
Ҳамоно додани ҷон кори бас осони ман будӣ.

Ҷудоӣ кори душман буд в-арна, эй бародарҷон,
Ман аз ҷон ёварат будам, ту пуштибони ман будӣ.

Вафо то пои ҷон ин аст, паймоне, ки мо бастем,
Дар он аҳди вафодорӣ ту ҳампаймони ман будӣ.

Чу фарзандат маро хонад шаҳиди роҳи озодӣ,
Чӣ хоҳӣ гуфтанаш фардо, ки зиндонбони ман будӣ?

Ту зиндонбони ман будию ман зиндониат, аммо
Агар некӯ бияндешӣ ту ҳамзиндони ман будӣ.

Аҷаб, к-аз чонаи гармат сухан нопухта меояд,
Набудӣ хом агар бо оташи сӯзони ман будӣ.

Дар ин зиндон ман аз хуни дили худ об мехӯрдам,
Ту чун Соя бар ин хони ғам меҳмони ман будӣ.

## ҲАМНИШИНИ ҶОН

Бе ту, эй ҷони ҷаҳон, ҷону ҷаҳоне, гӯ, мабош!
Чун рухи ҷонона натвон дид ҷоне, гӯ, мабош!

Ҳамнишини ҷони ман меҳри ҷаҳонафрӯзи туст,
Гар зи ҷон меҳри ту бархезад, ҷаҳоне, гӯ, мабош!

Як дами васлат зи умри ҷовидонам хуштар аст,
Бар висоли дӯст умри ҷовидоне, гӯ, мабош!

Дар ҳавои гулшани ҷон пар кушо, эй мурғи ҷон,
Тоири хулдошёнӣ, хокдоне, гӯ, мабош!

Дар харобободи дунё номае бенанг нест,
Аз мани хилватнишин, ному нишоне, гӯ, мабош!

Чунки ман аз по фитодам дастгире, гӯ, махез,
Чунки ман аз сар гузаштам, остоне, гӯ, мабош!

Гар пас аз ман дар дилат сӯзи сухан гирад чӣ суд?
Ман чу хомӯшӣ гирифтам, тарҷумоне, гӯ, мабош!

Соя, чун мурғи хазонат бепаноҳӣ хуштар аст,
Чатри гул чун нест бар сар, соябоне, гӯ, мабош!

## МОҲ ВА МАРЯМ

Рухсори моҳ бин, ки чӣ зебову равшан аст,
Покизарав чу Марями покизадоман аст.

Хобида моҳи ғамзада бар тахти осмон,
Бемору шармнок магар Марями ман аст.

Симинатан нуҳуфта ба нилуфарӣ паранд,
Чун Марями сапед, ки обеш бар тан аст.

Рухсори Марям аст маҳи монда зери абр,
К-он зулфи тобдор бар он сояафкан аст.

Домони Марям аст ту гӯиву ашки ман,
Маҳтобро, ки хӯшаи Парвин ба доман аст.

Пешонии баромадаи Марям аст моҳ,
Ё он булӯри синаву он оҷи гардан аст.

Рухсори Марям асту ба покию равшанӣ,
Ойинаи ҷамолнамои дили ман аст.

## ТО БА КАЙ БАНДАГӢ

То ба кай бандагӣ? Озод шудан мебояд!
Чанд вайронагӣ? Обод шудан мебояд!

Эй ҷавон, аз паи ободии ин мулки хароб,
Тешаи решаи бедод шудан мебояд!

Аз паи қатли ҳама куҳнапарастон, оре,
Сангдил будану ҷаллод шудан мебояд.

Эй ҷавон, баҳри наҷоти мулку озодии хеш,
Душмани деви ситабдод шудан мебояд.

Ҷони ширин ба чӣ кор оядам, эй хоки Ватан,
Дар раҳи ишқи ту Фарҳод шудан мебояд.

Эй дили хастаи ман, нола макун, чора биҷӯй,
То ба кай мотаму ғам? Шод шудан мебояд.

Дӯстон, баҳри раҳоии худ аз панҷаи зулм,
Ба Худо, Коваи ҳаддод шудан мебояд.

## ЭРОН

Эй хоки азизи поки Эрон,
Эй аз ту фурӯғи дидаву ҷон.

Аз меҳри ту ҷони дӯст хуррам
В-аз кини ту пушти хасм ларзон.

Поянда бимону шодмон зӣ,
Эй аз ту дилам ҳамеша шодон.

Бо хуни ман ар шавӣ ту озод,
Филҳол бирезамаш ба майдон.

Хуни ману сад чу ман фидоят,
Поянда бимону зинда Эрон.

Эй хуфта, зи хоби ҷаҳл бархез,
Дар даст бигир теғи буррон.

Ин ришта зи дасти хеш бикшой
В-ин банд зи пои худ барафшон.

Хомӯшиву сабр то каю чанд,
Бархезу бисӯз хонаи хон?

Эрон, ҳама ҷош ғарқи хун кун,
То ғарқа шаванд нохудоён.

Ин хона бикун хароб аз нав,
Обод кунаш дуруст бунён.

Ҳуш дор, ки нест ин Ватанро,
Ғайр аз ману ту касе нигаҳбон.

Имрӯз на вақти айшу мастист,
Зинҳор мабар зи ёд паймон.

Афтод зи бех кохи бедод,
Гардид бинои зулм вайрон.

Он рӯз, ки гашт миллат огоҳ
В-он рӯз, ки кард «Тӯда» туғён.

Он рӯз замони шодии мост
В-озодии хастагони пажмон.

Гӯем ҳама ба шӯру шодӣ:
Пояндаву зинда бод Эрон!

## СУКУТИ ДИЛ

Нигоҳат мекунам хомӯшу хомӯшӣ забон дорад,
Забони ошиқон чашм асту чашм аз дил нишон дорад.

Чӣ хоҳишҳо дар ин хомӯшиҳо гӯёст, нашнидӣ
Ту ҳам чизе бигӯ чашму дилат гӯшу забон дорад.

Биё, то он чӣ аз дил мерасад бар дида биншонем,
Забонбозӣ ба ҳарфу савт маъниро зиён дорад.

Чу ҳампарвози хуршедӣ макун аз сӯхтан парво,
Ки ҷуфти ҷони мо дар боғи оташ ошён дорад.

Ало, эй оташинпайкар, баро аз хоку хокистар,
Хушо, он мурғи болопар, ки боли Каҳкашон дорад.

Замон фарсуд дидам ҳар чӣ аз аҳди азал дидам,
Зиҳӣ, ин ишқу ошиқкуш ки аҳди безамон дорад.

Бибин доси бало, эй дил, машав з-ин достон ғофил,
Ки дасти ғорати боғ асту қасди арғувон дорад.

Дарунҳо шарҳа-шарҳаст аз даму доғи ҷудоиҳо,
Биё, аз бонги най бишнав, ки шарҳи хунфишон дорад.

Даҳони Соя мебанданду боз аз ишваи ишқат,
Хурӯши ҷони у овоза дар гӯши ҷаҳон дорад.

## ЧАНД ИН ШАБУ ХОМӮШӢ...

Чанд ин шабу хомӯшӣ? Вақт аст, ки бархезам
В-ин оташи хандонро бо субҳ барангезам.

Гар сӯхтанам бояд, афрӯхтанам бояд,
Эй ишқ, бизан дар ман, к-аз шуъла напарҳезам.

Сад дашт шақоиқ чашм дар хуни дилам дорад,
То худ ба куҷо охир бо хок даромезам?

Чун кӯҳ нишастам ман бо тобу таби пинҳон,
Сад зилзила бархезад, он гоҳ, ки бархезам.

Бархезаму бикшоям банд аз дили пуроташ
В-ин сели гудозонро аз сина фурӯ резам.

Чун гиря гулӯ гирад, аз абр фурӯ борам,
Чун хашм рух афрӯзад, дар соиқа овезам.

Эй Соя, саҳархезон дилвопаси хуршеданд,
Зиндони шаби ялдо бикшояму бигрезам.

Клан, 24 озармоҳи 1395

**СЕҲРИ СУХАН**
**Дар бузургдошти Муҳаммадризо Лутфӣ**

Пеши сози ту ман аз сеҳри сухан дам назанам,
Ки забоне чу баёни ту надорад суханам.

Раҳ магардону нигаҳ дор ҳамин пардаи роз,
То ман аз рози сипеҳрат гираҳе боз кунам.

Сабр кун, эй дили ғамдида, ки чун пири ҳазин,
Оқибат муждаи нусрат расад аз пираҳанам.

Чӣ ғарибона ту бар ёди Ватан меналӣ,
Ман чӣ гӯям, ки ғариб аст дилам дар Ватанам?

Ҳама мурғонм ҳамовоз пароканда шуданд,
Оҳ, аз ин боди балохез, ки зад дар чаманам.

Шеъри ман бо мадади сози ту овозе дошт,
Кай бувад боз, ки шӯре ба ҷаҳон дарфиканам?

Най ҷудо з-он лабу дандон чӣ навое дорад?
Ман зи беҳамнафасӣ нола ба дил мешиканам.

Бе ту, оре, ғазали Соя надорад Лутфе,
Боз роҳе бизан, эй дӯст, ки оҳе бизанам.

Клан, даймоҳи 1997

## АЗ БУНИ ҶОН

Эй ба рақс омада бо сад дафу най дар ҷонам,
Дафу най чист? Манат каф зада мерақсонам.

Ин ҳама ишваи андешаи рақсони ман аст,
Сару гардан ба тамошои кӣ мегардонам?

Нола омӯхтамаш аз нафаси хеш чу ной,
Ин аҷаб бин, ки зи нолидани ӯ нолонам.

Соя дасти мани афтода ба ин пардаву ман,
Боз аз бозии бозичаи худ ҳайронам.

Ба ниҳонхонаи ҷон ҷой гирифтаст чунон,
Ки ба дил мегузарад гоҳ, ки ман худ онам.

Гуфтам: Ин кист,  ки пайваста маро мехонад?
Ханда зад аз буни ҷонам, ки: «Манам, Эронам».

Гуфтам: «Эй ҷону ҷаҳон, чашму чароғи дили ман,
Ман ҳамон ошиқи деринаи ҷонафшонам».

Ба ҳавои ту ҷаҳон гирди сарам мегардад,
В-арна дур аз ту ҳамин Сояи саргардонам.

Клан — 1399

## ПАРОКАНДА

Замон миёни ману ӯ ҷудоӣ афкандаст,
Ман истода дар акнуну ӯ дар ояндаст.

Чӣ моя гаштамуояндаҳол гашту гузашт,
Ҳанӯз дар паиояндаҳол гардандаст.

Ба ҳар қадам қадаре гуфтам аз замон кандам,
Кунун чу менигарам ӯ зи умри ман кандаст.

Кӣ сар барорад аз ин варта ҷуз касе, ки ҳалок
Каманди шавқи канораш ба гардан афкандаст.

Баҳонаи кашиши ишқу кӯшиши дили ман,
Ҳамин ғам аст, ки кӯшиши офаринандаст.

Ба орзу нарасидему дер донистем,
Ки роҳи дуртар аз умри орзумандаст.

Ту он замон ба сарам соя хоҳӣ афкандан,
Ки пеши пои ту таркиби ман парокандаст.

Ба шоҳроҳи талаб бими номуродӣ нест,
Зиҳӣ умед, ки то ишқ ҳаст, пояндаст.

Зи дурбоши ҳаводис дилам зи роҳ нарафт,
Биё, ки бо ту ҳанӯзам ҳазор пайвандаст.

Ба ҷони Соя, ки миранда нест оташи ишқ,
Мабин ба куштаи ошиқ, ки ошиқӣ зиндаст.

Теҳрон, хурдодмоҳи 1385

## ПИНДОШТ

Он кӣ ҳақ аст гумонаш ба гумони ту, ки нест,
Гуфт: Берун зи ҷаҳон аст, ҷаҳони ту, ки нест.

Ҳар кӣ пиндоштӣ аз хеш ба ҷои ту нишонд,
Чӣ тавон дод нишоне зи нишони ту, ки нест?

То чунин ҳар чӣ маро буду тавон низ фузуд,
Ҳама аз они ту шуд, чист аз они ту, ки нест?

Аз тани зинда равон аст равони ту, кӣ гуфт?
Бе тани зинда равон аст равони ту, ки нест.

Гуфт: Олам ҳама дар бандагии шайтонанд,
Гуфтам: Эй зоҳиди худбин ба зиёни ту, ки нест.

Раҳ ба маъни набарад, он кӣ ба сурат нигарад,
Соя, гуфтанд, ки сӯфист ба ҷони ту, ки нест.

Теҳрон, меҳрмоҳи 1387

## ДАР МИЁНИ ИЛМҲОИ САРНАГУН

Ҳарчанд умр дар ғаму ҳирмон гузоштам,
Ҳаргиз дил аз муҳаббати ӯ барнадоштам.

Ҷону дил аст ҳемаи он оташе, ки ман
Ҳиммат ба зиндадоштанаш баргумоштам.

Дар дови ишқ дасти тиҳӣ нест узри мард,
Ман аз миёни муддаъиён ҷон гузоштам.

Дар хоку хун миёни аламҳои сарнагун,
Бо рояти вафои ту сар барфароштам.

Берун зи ҳар чӣ сурати бедориасту хоб,
Нақше, ки аз хаёли ту дар дил нигоштам.

Беҳосил аст фурсати фасли сиёҳкор,
Сарсабз бод базри умеде, ки кoштам.

Ишқе ба даст кардаму чун Соя дар раҳаш,
Сад раҳ сарам заданду зи сар пой доштам.

Теҳрон, тирмоҳи 1386

## БӮИ РАСИДАН

Чӣ бок, агар нарасидем мо ба кӯи расидан?
Ҳазор гом равон асту орзуи расидан.

Зи пои тоқати худ шокирам, ки бо ҳама пирӣ,
Ҳанӯз мебарадам рӯзу шаб ба сӯи расидан.

Зи талхии нарасидан, дило, туруш макун абрӯ,
Ба оби дидаи мо бахш обрӯи расидан.

Замин шунав, ки шуниданд роҳиёни шикебо,
Навои дилкаши уммед аз гулӯи расидан.

Гуле ба хоби ман омад зи бӯстони ту рӯзе,
Ҳанӯз чашму дилам меравад ба бӯи расидан.

Зи чашми ҳасрати мо ёд кун дар ин шаби ҳиҷрон,
Агар нигоҳи ту рӯзе расад ба рӯи расидан.

Зулоли ҷоми муродат ба ком боду гуворо,
Агар сабӯи тараб пур кунӣ зи ҷӯи расидан.

Қадам ба шарти адаб неҳ, Худойро, чу расидӣ,
Ки резаи дили халқест хоки кӯи расидан.

## ЧӢ МУБОРАК АСТ ИН ҒАМ?...

Чӣ муборак аст ин ғам, ки ту бар дилам ниҳодӣ,
Ба ғамат, ки ҳаргиз ин ғам надиҳам ба ҳеҷ шодӣ.

Зи ту дорам ин ғами хуш, ба ҷаҳон аз ин чӣ хуштар,
Ту чӣ додиям, ки гӯям ту аз он беҳам нагодӣ?

Чӣ хаёл метавон басту кадом хоби нӯшин,
Беҳ аз ин дари тамошо, ки ба рӯи ман кушодӣ?

Туӣ он, ки хезад аз вай ҳама хуррамию сабзӣ,
Назари кадом сарвӣ? Нафаси кадом бодӣ?

Ҳама бӯи орзуӣ, магар аз гули биҳиштӣ,
Ҳама рангию нигорӣ, магар аз баҳор зодӣ?

Зи кадом раҳ расидӣ, зи кадом дар гузаштӣ,
Ки надида дида ногаҳ ба даруни дил фитодӣ?

Ба сари баландат, эй сарв, ки дар шаби заминкан,
Нафаси сапеда донад, ки чӣ рост истодӣ?

Ба каронаҳои маънӣ нарасад сухан чӣ гӯям,
Ки нуҳуфта бо дили Соя чӣ дар миён ниҳодӣ?

## ҶОИ ТУ КУҶОСТ

Рафтӣ, эй ҷону надонем, ки ҷои ту куҷост?
Мурғи шабхони куҷоиву навои ту куҷост?

Он чӣ бегонагиву ин чӣ ғарибест, ки нест
Ошное, ки бипурсем сарои ту куҷост?

Чӣ шуд он меҳру вафое, ки ман омӯхтамат,
Аҳди мо бо ту на ин буд, вафои ту куҷост?

Мардуми дидаи соҳибназарон ҷои ту буд,
Инак, эй ҷон, нигарон бош, ки ҷои ту куҷост?

Чӣ парешонам, аз ин фикри парешон шабу рӯз,
Ки шабу рӯз куҷоиву куҷои ту куҷост?

Ҳунари хеш ба дунё нафурӯшӣ, зинҳор,
Гавҳаре дар ҳама олам ба баҳои ту куҷост?

Чӣ кунӣ бандагии давлати дунё, эй кош,
Ба худ оиву бубинӣ, ки Худои ту куҷост?

Гарчи машшотаи ҳуснат ба сад оин орост,
Санамо, ойинаи айбнамои ту куҷост?

Зери сарпанҷаи гургему ҷигарҳо хун аст,
Эй шубони дили мо, нолаи нои ту куҷост?

Кӯҳ аз ин қиссаи пурғусса ба фарёд омад,
Оҳу оҳ аз дили санги ту, садои ту куҷост?

Дил зи ғамҳои гулӯгир гираҳ дар гираҳ аст,
Соя он замзамаи гирякушои ту куҷост?

## ДУБАЙТИҲО

### БЕДИЛ

Шукуфтӣ чун гулу пажмурдӣ аз ман,
Хазонам дидию озурдӣ аз ман.
Ба оварде, вагарна бо чунин ноз,
Агар дил доштам мебурдӣ аз ман.

### ДАРЕҒ

Сари зулфи ту ку? Мушки тарам ку?
Лаби нӯшат, шаробу шакарам ку?
Куҷо шуд нози андомат? Куҷо шуд?
Дареғо, шохаи нилуфарам ку?

### ЧАНГИ ҲАЗИН

Ба хобе дидамаш ғамгин нишаста,
Гирифта дар бағал чанге гусаста.
Ман ин чанги ҳазинро мешиносам,
Дареғо, ишқи ман - ишқи шикаста.

### ТАНҲОӢ

Сапеда сар заду мурғи саҳар хонд,
Сипнҳри тира домони зар афшонд.
Шабе, гуфтӣ, ба оғӯши ту оям,
Чӣ шабҳо рафту оғӯшам тиҳӣ монд.

### ПАРӢ

Парӣ будию бо ман роз кардӣ,
Ба нозу ишва ишқ оғоз кардӣ.
Маро овоз додӣ, чун расидам,
Кабӯтар гаштию парвоз кардӣ.

### ҶУДОӢ

Чу най менолам аз доғи ҷудоӣ,
Дареғо, эй насими ошноӣ.
Чунон гаштам ғуборолуди ғурбат,
Ки нашносам, ки худ будам куҷоӣ?

### ВАСЛ

Дилам гар қисса гӯяд, инак он гӯш,
Лабам гар бӯса хоҳад, ин лаби нӯш.
Агар шабзиндадорам ин сари зулф,
Чу хобам дуррабояд, инак оғӯш.

## САНГ

Саҳаргаҳ дар чаман хушранг шуд гул,
Нигоҳаш ксрдаму дилтанг шуд гул.
Ба дил гуфтам, ки ноз аст ин, маяндеш,
Чу дамте пеш бурдам, санг шуд гул.

## ГИРЯ

Шабе буду баҳоре дар ман овехт,
Чӣ оташҳо, чӣ оташҳо барангехт.
Фурӯ хондам ба гӯшаш қиссаи ишқ,
Чу борони баҳорӣ ашк мнрехт.

## УМЕД

Чӣ хуш барқе ба чашми шаб дурахшид,
Чароғамро фурӯғе тоза бахшид.
Махон, эй чуғди шаб лолоии шум,
Ки пушти парда бедор аст хуршед.

## СУБҲИ ОРЗУ

Хушо, субҳе, ки чун аз хоб хезам,
Ба оғӯши ту аз бистар гурезам.
Кушоям дар ба рӯят шодмона,
Рухат бӯсам, ба поят гул бирезам.

## ШИКАСТА

Нигоҳи чашми беморат чӣ хастаст,
Кабӯтарҷон, кӣ болатро шикастаст?
Куҷо шуд боли парвози баландат?
Сафеди хушгилам, поят кӣ бастаст?

## ДЕР

Ҷавонӣ гарчи нақши дилпазир аст,
Аз ӯ дил баргирифтан ногузир аст.
Парид он хоби нӯшини саҳаргоҳ,
Биё, эй дил, ки ҳангоми ту дур аст.

## ГУЛИ ПАРПАР

Гули парпар куҷо гирам суроғат?
Садои гиря меояд зи боғат.
Садои гиря меояд шабу рӯз,
Ки месӯзад дили булбул зи доғат.

## ГУЛИ ЗАРД

Гули зарду гули зарду гули зард,
Биё, бо ҳам бинолем аз сари дард.
Инон то дар кафи номардумон аст,
Ситам бо мард хоҳад кард номмрд.

## САҲАРХЕЗОН

Саҳархезон ба сарноҳо дамиданд,
Нигаҳбонони машъалҳо давиданд.
Ғирев аз қалъаи вайрона бархост,
Гирифторон ба озодӣ расиданд.

## ДИЛИ ТАНГАМ

Ман он абрам, ки мехоҳпд биборад,
Дили тангам ҳавои гиря дорад.
Дили тангам ғариби ин дару дашт,
Намедонад куҷо сар мегузорад?

## РУБОИЁТ

### ОҲАНГИ САФАР

Имрӯз манам, ки роҳии кӯи туам,
Уммеди висол мекашад сӯи туам.
То даст расад шабе ба гесӯи туам,
Меояму ошуфтатар аз мӯи туам.

### ҲАНӮЗ

Ҳарчанд ки гарди ман барангехтаӣ,
Борони бало бар сари ман рехтаӣ.
Чун ашк марав зи пеши чашмам, ки ҳанӯз
Чун нола ба домони дил овехтаӣ.

### ФАРЁД

Чун маҳ, ки зи дашти лола бармехезад,
Аз киштаи шаҳр нола бармехезад.
Фардо, ки ба растахез дар най бидаманд,
Фарёди ҳазорсола бармехезад.

### ДАРСИ ВАФО

Эй оташи афсурдаи афрӯхтанӣ,
Эй ганҷи ҳадаргаштаи андӯхтанӣ.
Мо ишқу вафоро зи ту омӯхтаем,
Эй зиндагию марги ту омӯхтанӣ.

### БУРД

Гар хуни диле беҳуда хӯрдам, хӯрдам,
Чандон ки шабу рӯз шумурдам, мурдам.
Оре, ҳама бохт буд сар то сари умр,
Дасте, ки ба гесӯи ту бурдам, бурдам.

### ОН ИШҚ

Он ишқ, ки дида гиря омӯхт аз ӯ,
Дил дар ғами ӯ нишасту ҷон сӯхт аз ӯ.
Имрӯз нигоҳ кун, ки ҷону дили ман,
Ҷуз ёдею ҳасрате чӣ андӯхт аз ӯ.

### ШУМОРА

Афтода зи бом, хоки даргаҳ шудаам,
Чун сояи нимрӯз кӯтаҳ шудаам.
Рӯзе шавҳар, падар, бародар будам,
Имрӯз ҳамин шумораи даҳ шудаам.

## ҒАМИ ШЕР

Дар кунҷи қафас пушти хаме дорад шер,
Гардан ба каманди ситаме дорад шер,
Дар чашми тараш сояе аз ҷангали дур,
Эй вой, Худоё, чӣ ғаме дорад шер?

## ЗИНДОН

Пиронасарам ранҷу ғами зиндон аст,
Оҳ, аз ғами пирӣ, ки дусад чандон аст.
Ман бархии он пири хирадманд, ки гуфт:
Дунё ҳама зиндони хирадмандон аст.

## ДИДОР

Бархез, дило, ки дил ба дилдор диҳем,
Ҷонро ба ҷамоли он харидор диҳем.
Ин ҷону дилу дида паи дидани ӯст,
Ҷону дилу дидаро ба дидор диҳем.

## ҲАМЗОД

Ҳамзоди дил аст дарду деринаи ман,
Андуҳи ҷаҳон аст дар ойинаи ман.
Эй кӯҳи куҳан, садои нолидани туст,
Ин нола, ки бармешавад аз синаи ман.

## ОРЗУ

Эй дида, туро ба рӯи ӯ хоҳам дод,
Аз гиряи шавқат обрӯ хоҳам дод.
Механд чу ойина, ки дар ҳуҷлаи бахт,
Дасти ту ба дасти орзу хоҳам дод.

## БОЛИ КАБУТАР

Шаб дасти сиёҳи хеш бар сар мезад,
Аз дур касе боли кабӯтар мезад.
Мурғе ба сари шохаи ғам менолид,
Дар синаи ман шавқи ту пар-пар мезад.

## ИШҚИ КУҲАН

Ин ишқи куҳан будаи нофарсуда,
Пиронасарам намеҳалад осуда.
Дар ҳасрати дидори ту кардем сафед,
Ин риши парешони ба ашк олуда.

## ҚИТЪАҲО

### ҲАСРАТ

То дур гаштӣ, эй гули хандон, зи пеши ман,
Абр омаду гирист ба ҳоли пареши ман.
Эй гул, баҳор омаду булбул тарона сохт,
Дигар биё, ки ҷои ту холист пеши ман.

### ГУЛИ РУЪЁ

Туро мехоҳам, эй ойинаи дилхоҳ,
Ки бо нози гули руъё шукуфтӣ.
Ба ҳар зебо, ки дил бастам ту будӣ,
Ки худро дар рухи ӯ менуҳуфтӣ.

### САТУРН

Оҳ, дар боғи бедарахти мо,
Ин табарро ба ҷои гул кӣ нишонд?
Чӣ табар? Аждаҳое аз дӯзах,
Ки  ба ҳар сӯ давиду реша давонд.
Бишнав аз ман, ки ин сатурни шум,
То абад бебаҳор хоҳад монд.
Ҳеч гул аз бараш нахоҳад раст,
Ҳеч булбул бар ӯ нахоҳад хонд.

### МАСТ

Маст аз хоб барангехтамаш,
Даст дар зулфи каҷ овехтамаш.
Ҷоми он бӯса, ки месӯхт маро,
То лаб овардамашу рехтамаш.

### БОНГИ ДАРЁ

Сина бояд кушода чун дарё,
То кунад нағмае чу дарё соз.
Нафасе тоқат озмуда чу мавҷ,
Ки равад сад раҳу барояд боз.
Тани тӯфонкаши шикебанда,
Ки нафарсояд аз нишебу фароз.
Бонги дарёдилон чунин хезад,
Кори ҳар сина нест ин овоз.

### БАР БАРГИ ГУЛ

Ин лолаҳо, ки дар сари кӯи ту киштаанд,
Аз ашк чашму хуни дили мо сириштаанд.

Бингар, ки саргузашти шаҳидони ишқро,
Бар барги гул ба хуни шақоиқ навиштаанд.

**ДУБОРА**

Гар ҷаҳонро набудӣ ин оин,
Кай гумон бурдаме зи душману дӯст?
Хираду дод аз ҷаҳон гум шуд,
В-арна будӣ ҳама ҷаҳон ману дӯст.

**ТАЛХ ЧУН БОДА, ДИЛПАЗИР ЧУ ҒАМ**

Рафт он ёру доғ, сад афсӯс,
Дар дили доғдори ёр гузошт.
Мо сипасмондагони қофилаем,
Ӯ ба манзил расиду бор гузошт.
Дар ҷавонӣ канори ҳам будем,
Чун ҷавонӣ маро канор гузошт.
Тан ба майхона бурду маст афтод,
Ҷони ҳушёр дар хумор гузошт.
Паи теша задан ба решаи хеш,
Даст дар дасти рӯзгор гузошт.
Он чӣ душман накард, бо ман кард,
Ҷон бифарсуду тан низор гузошт.
Ӯ ба поёни роҳи хеш расид,
Ҳамраҳонро дар интизор гузошт.
Ном Уммед дошт, аммо гом
Дар раҳи ноумедвор гузошт.
Масти ҳушёр буду риндона,
Даст бар масту ҳушёр гузошт.
Раҳ наҷуст аз ҳисори шаб берун,
Оташе дар шаби ҳисор гузошт.
Хотаме сохт шоҳкору дар ӯ,
Лаъле аз ҷони хеш кор гузошт.
Қадаҳе пур зи хуни дидаву гул,
Пеши мастони ғамгусор гузошт.
Талх чун бода, дилпазир чу ғам,
Турфа шеъре ба ёдгор гузошт.
Бо қиёмат ғам аз хазонаш нест,
Он кӣ ин боғи пурбаҳор гузошт.
Пеши фарёди ӯ ҷаҳон кар буд,
Ӯ дар ин гӯш гӯшвор гузошт.
Бар рухи рӯзгори хушкандеш,
Селе аз шеъри обдор гузошт.
Бигзар аз неку бад, ки нек бад аст,
Он ки бар неку бад шумор гузошт.
Бар баду неки кору бори ҷаҳон,
Натавон ҳеч эътибор гузошт.
Кай саворе аз ин карева гузашт,
Ки на бар хотире ғубор гузошт?

Синаи Соя бин, ки доғи умед,
Бар сари доғи Шаҳриёр гузошт.
Ашки хунини ман аз ин раҳ дур,
Гули сурхе бар ин мазор гузошт.

## МАСНАВИҲО

### ШАМЪ ВА СОЯ

Дӯш дар узлати ҷонфарсое,
Доштам ҳамдами равшанрое.
Шамъ он ҳамдами деринаи ман,
Сӯхтанҳоро ойинаи ман.
Ҳама шаб мӯнису дамсозам буд,
Ҳамдаму ҳамдилу ҳамрозам буд.
Гарм месӯхту месохт чу ман,
Мастии хеш ҳамебохт чу ман.
Гарчи оташ ҳама шаб дар тан дошт,
На фиғон дошту на шеван дошт.
Гарчи медод сари хеш ба бод,
Ханда мекарду ба по меистод.
То саҳар сӯхтане чун ман дошт,
Шаби торики маро равшан дошт.
Ҳама шаб сӯхту овоз накард,
Ба шикоят даҳане боз накард.
Шамъ аз сӯхтанаш парво нест,
Ки дар ин сӯхтан ӯ танҳо нест.
Марг агар охири ин раҳ чаҳи ӯст,
Низ парвонаи ӯ ҳамраҳи ӯст.
Беҳ аз ин чист, ки ду ёр ба ҳам,
Раҳ сиперанд сӯи мулки адам.
На яке монда гирифтору нажанд
В-он дигар рафта раҳо гашта зи банд.
Ман ба ишқи кӣ бисӯзам шабу рӯз,
Ба умеди кӣ бисозам дар сӯз?
Кӣ хӯрад ғам чу дароям аз пой,
Худ кӣ гиряд чу тиҳӣ созам ҷой?
Гар бисӯзанд пару боли маро,
Ки хӯрад ҳеч ғами ҳоли маро?
Шаби танҳоиву рӯзи ғами ман,
Кист ҷуз сояи ман ҳамдами ман?
Сояро дӯш ҳикоятҳо буд,
Шикваҳо буду шикоятҳо буд.
Қисса мегуфту парешон мегуфт,
Таб магар дошт, ки ҳазён мегуфт?
Кас шунидӣ сухани Соя шунуфт?
Ман шаби дӯш шунидам, мегуфт:
Эй тани хастаи ранҷури низор,
Эй ба ҷон омада аз ёру диёр.
Чанд коҳад зи ғаму ранҷи танат,
Ки танам кост аз ин костанат?

Шоири сӯхтадил дарди ту чист?
Эй гули тоза, рухи зарди ту чист?
Нӯз нашкуфта чаро пажмурдӣ?
Шодногашта зи ғам афсурдӣ.
Шуд хазон тозабаҳори ту чаро?
Зуд омад шаби тори ту чаро?
Ишқ нобохта бадном шудӣ,
Дил напардохта ноком шудӣ.
Кас надидем ба нокомии ту,
Ошиқе нест ба бадномии ту.
Дигарон аз майи ғафлат мастанд,
Фориғ аз ҳар чӣ баланду пастанд.
Май зи ҳар ҷом, ки шуд менӯшанд,
Бо баду неки ҷаҳон меҷӯшанд.
На ба монанди ту нозукбинанд,
Ҳар куҷо ҳаст гуле мечинанд.
Ҳар шабе бо санаме дамсозанд,
Ҳар даме дил ба касе мебозанд.
Коми худ аз маю гул мегиранд,
На ба нокомии ту мемиранд.
Гардиши чарх касерост ба ком,
Ки надонист ҳалоле зи ҳаром.
Ту ҳама умр ғами дил хӯрда,
Хаставу сӯхтаву афсурда.
Нӯз ногашта ҷавон пир шуда,
Аввали умру зи ҷон сер шуда.
Мардумӣ карда ба номардумҳо,
Нешҳо хӯрда аз ин каждумҳо.
Дӯстӣ кардиву душман гаштанд,
Ҳама бар чашми ту сӯзан гаштанд.
Бо ҳама халқи ҷаҳон ёр шуданд,
Чун расиданд ба ту мор шуданд.
Ошнои ҳамаву танҳоӣ,
Ростиро ту магар анқоӣ?
Шамъ ашке ду бияфшонду бимурд,
Рӯшноӣ бишуду Соя бибурд.
Боз ман мондаму ин шоми сиёҳ,
Оҳ, аз бахти сияҳкори ман, оҳ!

## ОВОЗИ МОҲ

Мегузарад он бути нозофарин,
Дар дили ушшоқ ниёзофарин.
Зери бағал танг фушурда китоб,
Умри маро ҷилва диҳад дар шитоб.
Зулф раҳо карда ба рух нозро,
Соя зада наргиси ғаммозро.
Хирмани мӯ рехта бар шонаҳо,
Карда парешон дили девонаҳо.
Фарбеҳу парварда тан, аммо чунон
К-аш ба таносуб нарасида зиён.

Бар танаш он нарм катони сафед,
Ҷомаи маҳтоб бар андоми бед.
Пираҳанаш танг фушурда ба тан,
Лутфи танаш бурда дил аз пираҳан.
Тофта бар чеҳраи вай офтоб,
Гунаи мис ёфта он сими ноб.
Синаи чун ойина тобони ӯ,
Тофта аз чоки гиребони ӯ.
Нарм бурун омада аз остин,
Бозу ва ё мармару оҷ аст ин.
Гардани симин-ш чун шири пок,
Зери гулӯ ойинаи тобнок.
Лаълаш чун шаҳду шакар дилпазир,
Чашмаш оҳуравишу шергир.
Соқаш афсунгару ошӯбсоз,
Бар сари он домон бар рақсу ноз.
Гунааш аз тоб гул андохта,
Рух чу дили сӯхтагон сохта.
Турфа ғизолест ҳама лутфу ноз,
Аз ғазали Соя бувад бениёз.
Шеъри маро аз рухи ӯ обрӯст,
Шеъри муҷассам қаду болои ӯст.
Духтари доништалаби мактабӣ
В-ин ҳама раъноию ширинлабӣ.
Шаб шудаву шефтае беқарор,
Рафта паи дил ба сари кӯи ёр.
Соясифат дар буни девори ӯ,
Монда дар андешаи дидори ӯ.
В-он ба ошиқкушу обидфиреб,
Фориғ аз ин мунтазири ношикеб.
Омада биншаста лаби панҷара,
Фитна ба по карда аз ин манзара.
Дар рухи маҳ ёфта дилхоҳро,
Сар дода нағмаи «Эй моҳ»-ро.
Зуҳра бад-он нағма шуда пойкӯб.
Омада дар рақс дили сангу чӯб.
Бод парешондилу савдозада,
Чанг дар он зулфи дилоро зада.
Бӯйе дуздида аз он гесӯвон,
То бари гулҳо бибарад армуғон.
Моҳ бар ӯ хираву дилбохта,
Пеши ҷамолаш сипар андохта.
Волаи он дилбари тарсо шуда,
Ишқ дар ӯ тоқатфарсо шуда.
Турфа пуле сохта аз хишти сим,
То барад ин нағма ба гӯшаш насим.
Моҳ ба ӯ хира шуда ӯ ба моҳ,
Оҳ, чӣ ғавғост дар ин ду нигоҳ.
Чашмаш беморвашу нимхоб,
Сояи мижгон зада бар офтоб.
Лаб ба ҳам овардаву хомӯш шуда,

Нағмаву овоз фаромӯш шуда.
Хуш ба ҳам омехта нозу ниёз,
Рафта дар андешаи дуру дароз.
Ранг зи рӯи маҳи гардун парид,
Гашт парешону ҳаросон давид.
Дид, ки аз ашк рухаш тар шуда,
Лолаи рӯяш вараќи зар шуда.
Ҳӯла фиристода ба дасти сабо,
Гуфт: Рухаш пок кун, эй марҳабо!
Ёри ману ҷони ҷаҳон аст ин,
Чашму чароғу дилу ҷон аст ин.
Хезу зи нозук баданаш ноз каш,
То нахӯрад ғуссаи дил нозкаш.
Оҳ, аз ин моҳ бидоред даст,
Духтари ошиққуши ошиқ шудаст.

## БАҲОРИ ҒАМАНГЕЗ

Баҳор омад, гулу насрин наёвард,
Насиме бӯи фарвардин наёвард.
Парасту омаду аз гул хабар нест,
Чаро гул бо парасту ҳамсафар нест?
Чӣ афтод ин гулистонро чӣ афтод?!
Ки оини баҳорон рафташ аз ёд.
Чаро менолад абри барқ дар чашм?
Чӣ мегиряд чунин зор аз сари хашм?
Чаро хун мечакад аз шохаи гул?
Чӣ пеш омад? Куҷо шуд бонги булбул?
Чӣ дард аст ин? Чӣ дард аст ин? Чӣ дард аст?
Кӣ дар гулзори мо ин фитна кардаст?
Чаро дар ҳар насиме бӯи хун аст?
Чаро зулфи бунафша сарнагун аст?
Чаро сар бурда наргис дар гиребон?
Чаро биншаста қумрӣ чун ғарибон?
Чаро парвонагонро пар шикастаст?
Чаро ҳар гӯша гарди ғам нишастаст?
Чаро мутриб намехонад суруде?
Чаро соқӣ намегӯяд дуруде?
Чӣ офат роҳи ин ҳомун гирифтаст?
Чӣ дашт аст, ин ки хокаш хун гирифтаст?
Чаро хуршеди фарвардин фурӯ хуфт?
Баҳор омад, гули Наврӯз нашкуфт?
Магар хуршеду гулро кас чӣ гуфтаст?
Ки ин лаб баставу ӯ рух нуҳуфтаст?
Магар дорад баҳори наврасида,
Дилу ҷоне чу мо дар хун кашида?
Магар гул наварӯси шӯймурдаст,
Ки рӯй аз сӯгу ғам дар парда бурдаст?
Магар хуршедро поси замин аст,
Ки аз хуни шаҳидон шармгин аст?
Баҳоро, талх маншин, хезу пеш ой,

Гираҳ во кун зи абрӯ, чеҳра бикшой.
Баҳоро, хезу з-он абри сабукрав,
Бизан обе ба рӯйи сабзаи нав.
Сару рӯе ба сарву ёсуман бахш,
Навои нав ба мурғони чаман бахш.
Барор аз остин дасти гулафшон,
Гуле бар домани ин сабза биншон.
Гиребон чок шуд аз ношикебон,
Бурун овар гул аз чоки гиребон.
Насими субҳдам, гӯ, нарм бархез,
Гул аз хоби зимистонӣ барангез.
Баҳоро, бингар ин дашти мушавваш,
Ки меборад бар он борони оташ.
Баҳоро, бингар ин хоки балохез,
Ки шуд ҳар хорбун чун дашна хунрез.
Баҳоро, бингар ин саҳрои ғамнок,
Ки ҳар сӯ куштае афтода бар хок.
Баҳоро, бингар ин кӯҳу дару дашт,
Ки аз хуни ҷавонон лолагун гашт.
Баҳоро, доманафшон кун зи гулбун,
Мазори куштагонро ғарқи гул кун.
Баҳоро, аз гулу май оташе соз,
Палоси дарду ғам дар оташ андоз.
Баҳоро, шӯри ширинам барангез,
Шарори ишқи деринам барангез.
Баҳоро, сӯзи ишқам бештар кун,
Маро бо ишқи ӯ шиpу шакар кун.
Гаҳе чун ҷуйборам нағма омӯз,
Гаҳе чун озарахшам рух барафрӯз.
Маро чун раъду тӯфон хашмгин кун,
Ҷаҳон аз бонги хашмам пуртанин кун.
Баҳоро, зинда монӣ, зиндагӣ бахш,
Ба фарвардини мо фархундагӣ бахш.
Ҳанӯз ин ҷо ҷавонӣ дилнишин аст,
Ҳанӯз ин ҷо нафасҳо оташин аст.
Мабин к-ин шохаи бишкаста хушк аст,
Чу фардо бингарӣ пурбеди мушк аст
Магӯ, к-ин сарзамини шӯразор аст,
Чу фардо даррасад, рашки баҳор аст.
Баҳоро, бош, к-ин хуни гилолуд,
Барорад сурхгул чун оташ аз дуд.
Барояд сурхгул хоҳӣ-нахоҳӣ
В-агар худ сад хазон орад табоҳӣ.
Баҳоро, шод биншин, шод бихром,
Бидеҳ коми гулу бистон зи гул ком.
Агар худ умр бошад, сар барорем,
Дилу ҷон дар ҳавои ҳам гуморем.
Миёни хуну оташ раҳ кушоем,
Аз ин мавҷу аз ин тӯфон бароем.
Дигар борат чу бинам, шод бинам,
Сарат сабзу дилат обод бинам.

Ба Наврӯзи дигар ҳангоми дидор,
Ба оини дигар ойӣ падидор.

## СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он май, ки ҷон офарид,
Ба ман деҳ, ки ҷон ҷома бар тан дарид.
Куҷо тан кашад бори ҳангомааш,
Ки ӯ ҷони ҷон асту ҷон ҷомааш?
Биё, соқӣ, он май, ки хуни ҳаёт,
Аз ӯ шуд равон дар раги коинот.
Ба ман деҳ, ки хуршеди рахшон шавам,
Зи ганҷи ниҳон гавҳарафшон шавам.
Бидеҳ, соқӣ, он май, ки ҷони баҳор,
Аз ӯ ҷуръае хӯрду шуд пурнигор.
Ба мастии шаб дар гулистон бихуфт,
Саҳар рангубӯ гашту дар гул шукуфт.
Бидеҳ, соқӣ, он май, ки ҳастам ҳанӯз,
Ҳамон ошиқи майпарастам ҳанӯз.
Ба мастӣ, ки ҷон дар сари май кунам,
Ҳама умр дар пои хум тай кунам.
Биё, соқӣ, он май, ки чун гул кунад,
Ҳама боғ пурбонги булбул кунад.
Ба ман деҳ, ки чун гул бихоҳам шукуфт,
Ки рози шукуфтан нашояд нуҳуфт.
Биё, соқӣ, он май, ки чанги сабӯҳ,
Бад-ин моя сар кард овози рӯҳ.
Ба ман деҳ, ки асби сухан зин кунам,
Суруди куҳанро навоин кунам.
Навосанҷи хушхони ман ёд бод!
Ки чандин навои хушам ёд бод!
Бирафту бирафтанд аз худ бурун,
Саропарда бурданд дар дашти хун.
Нигаҳ кун, ки роҳи дилам чун заданд,
Ки ин захма дар пардаи хун заданд.
Биё, соқӣ, он май, ки чун бингарем,
Зи хуни Сиёвуш ёд оварем.
Ба ман деҳ, ки доғи дилам тоза шуд,
Сари дардмандам пуровоза шуд.
Аз оташ гузаштанд бо ҷони пок,
Ки покон аз оташ надоранд бок.
Валекин бадӣ чун кунад доварӣ,
Зи некон ҳамон ташти хун оварӣ.
Ситам буд он хун фурӯ рехтан,
Сазои ситамкора овехтан.
Биё, соқӣ, он май, ки дафъи газанд,
Аз ӯ ҷуст фарзонаи дардманд.
Ба ман деҳ, ки бо доғу дардам ҳанӯз,
Сар аз ҷайби ғам барнакардам ҳанӯз.
Дареғ, он гаронмоя сарви ҷавон,
Ки ногаҳ фурӯ рехт чун арғувон.

Чӣ пурхун навиштанд ин саргузашт,
Диле ку, к-аз ин ғусса пурхун нагашт?
Хирадманди дерина хуш мегирист,
Агар марг дод аст, бедод чист?
Биё, соқӣ, он май, ки чун равшанӣ,
Ба рӯз орад ин шоми аҳриманӣ.
Ба ман деҳ, к-аз ин домгоҳи ҳалок,
Бароям ба тадбири он тобнок.
Ҷаҳон дар раҳи селу мо дар нишеб,
Баромад зи оби хурӯшон ниҳеб.
Кӣ хоҳад расид, эй шабошуфтагон,
Ба фарёди ин бехабар хуфтагон?
Магар Нӯҳ киштӣ бар об афканад,
Каманде ба ғарқоби хоб афканад.

## ЁДГОРИ ХУНИ САРВ

Дило, дидӣ, ки хуршед аз шаби сард,
Чу оташ сар зи хокистар баровард.
Замину осмон гулрангу гулгун,
Ҷаҳон дашти шақоиқ гашт аз ин хун.
Нигар то ин шаби хунин саҳар кард,
Чӣ ханҷарҳо, ки аз дилҳо гузар кард.
Зи ҳар хуни диле сарве қад афрошт,
Зи ҳар сарве тазарве нағма бардошт.
Садои хун дар овози тазарв аст,
Дило, ин ёдгори хуни сарв аст.

## САМОЪИ СӮХТАН

Ишқ-шодист, ишқ-озодист,
Ишқ-оғози одамизодист.
Ишқ-оташ ба сина доштан аст,
Дами ҳиммат бар ӯ гумоштан аст.
Ишқ- шӯре зи худ фазояндаст,
Зоиши Каҳкашони зояндаст.
Тапиши набзи боғ дар донаст,
Дар шаби пила рақси парвонаст.
Ҷунбише дар нуҳуфти пардаи ҷон,
Дар буни ҷони зиндагӣ пинҳон.
Зиндагӣ чист? Ишқ варзидан,
Зиндагиро ба ишқ бахшидан.
Зинда аст он ки ишқ меварзад,
Дилу ҷонаш ба ишқ меарзад.
Одамизодаро чароғе гир,
Рӯшноипарасти шуълапазир.
Хештансӯзе, анҷуманафрӯз,
Шабнишине, ҳамошёнаи рӯз.
Оташи ин чароғи сеҳромез,
Ишқи оташнишини оташхез.

Одамӣ бе зулоли ин оташ,
Мушти хокест пуркудурату ғаш.
Тангу торе, асири обу гил аст,
Санаме сангчашму сангдил аст.
Санамо, гар бадию гар некӣ,
Ту шабе бечароғ, торикӣ.
Оташе дар ту мезанад хуршед,
Кундаат боз шуълае накшид.
Чун дарахт омадӣ, зуғол марав,
Меваӣ, пухта бош, кол марав.
Мева чун пухта гашту оташгун,
Мезанад шаҳди пухтагӣ берун.
Себу биҳ нест меваи ин дор,
Мевааш оташ аст охири кор.
Хушку тар ҳар чӣ дар ҷаҳон бошад,
Мояи сӯхтан дар он бошад.
Сӯхтан, дар ҳавои нур шудан,
Сабук аз ҳабси хеш дур шудан.
Кӯҳ ҳам оташи гудохта буд,
Бар фарозу фуруд тохта буд.
Оташе буд осмоноҳанг,
Дами сарди кӣ кард ӯро санг?
Сақлу сарде сиришти хоро нест,
Нур дар ҷисми хеш зиндонист.
Санг аз ин саргузашт дилтанг аст,
Фикри парвоз дар дили санг аст.
Магараш кӯра дар гузор орад,
Он равони равона боз орад.
Санг бар санг чун бисоӣ танг,
Биҷаҳад оташ аз миёни ду санг.
Барқи чашмест дар шаби дидор,
Хандае ҷаста аз лабони ду ёр.
Ханда нур аст аз рухи шодоб,
Метаровад чу моҳтоб аз об.
Нур худ чист? Хандаи ҳастӣ,
Хандае аз нишоти сармастӣ.
Ҳастӣ аз завқи хеш сармаст аст,
Рақси мастонааш аз ин даст аст.
Нур дар ҳафт парда печидаст,
То дар ин обгина гардидаст.
Ранги пироҳан аст сурху сапед,
Ҷони нури бараҳна натвон дид.
Бар дарахте нишаста соре чанд,
Чанд сор аст бар дарахти баланд?
З-он сиёҳӣ, ки мухтасар гиранд,
Осмон пур шавад чу пур гиранд.
Зарра анбоштию тан кардӣ,
Хештанро ҷудо зи ман кардӣ.
Тан, ки бар тан ҳамеша муштоқ аст,
Ҷуфтҷӯе зи ҷуфти худ тоқ аст.
Рӯд будӣ равон ба сайру сафар,

Аз чӣ дарё шудӣ диранговар?
Зарра анбошӣ чу тӯдаи дуд,
В-арна ҳар зарра офтобе буд.
Тахтабанди танӣ, чӣ ҷои шикеб?
Ба дар ой аз сарочаи таркиб.
Машриқу Мағриб аст ҳар гӯшат,
Осмону замин дар оғӯшат.
Гули сурӣ, ки хуни ҷӯшидаст,
Ширaи офтоб нӯшидаст.
Он ки аз гул гулоб мегирад,
Ширaи офтоб мегирад.
Ҷони хуршед баста дар шишаст,
Шиша аз нозукӣ дар андешаст.
Пурии ҷони ӯст бӯи гулоб,
Мепарад аз гулобдон ба шитоб.
Лолаҳо пайки боғи хуршеданд,
Ки насибе ба хок бахшиданд.
Чун паёме, ки буд, оварданд,
Ҳам ба хуршед боз мегарданд.
Барг, чандон ки нур мегирад,
Бозпас медиҳад чу мемирад.
Вомдор аст шохи оташҷӯ,
Воми хуршед мегузорад ӯ.
Шоха дар кори хирқа дӯхтан аст,
Дар хаёлаш самоъи сӯхтан аст.
Дил дили донабазми ёрон аст,
Чун шаби қадр нурборон аст.
Атру рангу нигор гирди ҳаманд,
То сапедадамон зи гул бидаманд.
Чеҳрапардози гул зи рангу нигор,
Нақши хуршед мебарад дар кор.
Гул ҷавоби саломи хуршед аст,
Дӯст дар рӯи дӯст хандидаст.
Нарму нозук аз он нафас, ки гиёҳ,
Сар барорад зи хоки сарду сиёҳ.
Чашми сабзаш ба сӯи хуршед аст,
Пеш аз оташ ба хоб медидаст.
Дами оҳе, ки дар дилаш хуфтаст,
Ёли хуршедро барошуфтаст.
Дили хуршед низ моили ӯст,
З-он ки ин дона пораи дили ӯст.
Дона аз он замон, ки дар хок аст,
Бо дилаш офтоби идрок аст.
Саргузашти дарахт медонад,
Рақами сарнавишта мехонад.
Гарчи бо рақсу ноз дар чаман аст,
Сарнавишти дарахти сӯхтан аст.
Он дарахти куҳан манам, ки замон,
Бар сарам ронд бас баҳору хазон.
Дасту доман тиҳию по дар банд,
Сар кашидам ба осмони баланд.

Шабам аз беситорагӣ шаби гӯр,
Дар дилам гармии ситораи дур.
Озарахшам гаҳе нишона гирифт,
Ки тагаргам ба тозиёна гирифт.
Бар сарам ошёна баст калоғ,
Осмон тира гашт чун пари зоғ.
Мурғи шабхон, ки бо дилам мехонд,
Рафту ин ошёна холӣ монд.
Оҳувон гум шуданд дар шаби дашт,
Оҳ, аз он рафтагони бебаргашт.
Гар на гул додаму баровардам,
Бар саре чанд соя густурдам.
Дасти ҳезумшикан фуруд омад,
Дар дили ҳема бӯи дуд омад.
Кундаи пуроташандешам,
Орзуманди оташи хешам.

## ХУНИ БУЛБУЛ

Баҳоро, чӣ ширину шод омадӣ,
Ки бо муждадорони дод омадӣ.
Бидеҳ доди моро, ки хун хӯрдаем,
Ситамҳои он сарнагун бурдаем.
Ба дар бурда аз дасти бедодгар,
Диле дар ба дар, ғарқи хуни ҷигар.
Диле монда сад захми ханҷар дар ӯ,
Диле кини хуни бародар дар ӯ.
Диле дар азои азизон ба дард,
Надонӣ, ки номард бо мо чӣ кард?
Гирифтанду бурданду овехтанд,
Чӣ хунҳо, ки ҳар субҳдам рехтанд.
Надоданд рухсат, ки бевазане,
Барорад зи сӯзи ҷигар шеване.
На он сӯгворе, ки нагзоштанд,
Ки аз гиря ҳам бозмедоштанд.
Баҳоро, бибин ин дили реш-реш,
Бало бурда аз тоқати хеш беш.
Диле, к-аш ба сад дард оғиштаанд,
Диле, к-аш ба ҳар субҳдам киштаанд.
Баҳоро, ман аз ашки пинҳон пурам,
Ки ин гиряҳоро фурӯ мехӯрам.
Куҷо будӣ, эй корвони умед,
Ки умре дилам интизорат кашид?
Чӣ овардӣ аз роҳи дуру дароз,
Бигӯ он чӣ буд аз нишебу фароз?
Баҳоро, ба ин дашти гулгун гузар,
Ки гирӣ зи хуни шаҳидон хабар.
Бипурс аз шақоиқ, ки чун медамад,
Ки ҷои гул аз хок хун медамад?
Ту рафтию рӯи чаман зард шуд,
Дили боғбони ту пурдард шуд.

Гули арғувони ту бар хок рехт,
Парасту аз ин боми вайрон гурехт.
Ту рафтию омад зимистони сахт,
Ба сӯги ту гардун сияҳ кард рахт.
Фурӯ хуфт хуршеду ях баст об,
Сари бахтбистон гарон шуд зи хоб.
Магар гирдбоде даромад зи роҳ,
Ки шуд рӯзи равшан чу шоми сиёҳ?
Тагарг аз дарахтон фурӯ рехт барг,
Дарав кард ин киштаро доси марг.
Фуруд омад он барқ бо бонги сахт,
Ба ҷо монд хокистаре аз дарахт.
Ту рафтию ин боғ мотам гирифт,
Сари сарви омодагӣ хам гирифт.
Учоқи шабафтодагон сард шуд,
Сари мард помоли номард шуд.
Ту рафтию доғи ту дар сина монд,
Ба дил оташи ишқи дерина монд.
Нигар то шаби тира чун сӯхтем,
Чароғе зи ҷони худ афрӯхтем.
Нагардад ҷаҳон, то нагардад ҷаҳон,
Баду неки гетӣ намонад ниҳон.
Нагуфтем, ки як рӯз сар бар кунем,
Ҷаҳонро ба оини дигар кунем.
Ба оини дигар барорад баҳор,
Гуле бе ғубори ғами рӯзгор.
Баҳоро, биё, к-он зимистон гузашт,
Гулу лола пур кард домони дашт.
Биё, то бибинем дар кори гул,
Зи шабнам бишӯем рухсори гул.
Баҳоре нав омад ба сад дилбарӣ,
Биё, то аз ӯ гул ба доман барӣ.
Баҳоро, бибин, то чӣ парвардаем,
Зи хуни дили худ гул овардаем.
Фурӯ бурда дар синаи хеш чанг,
Гуле нав баровардa хуршедранг.
Баҳоре бад-ин нозанинӣ куҷост?
Ки ин хунбаҳои шаҳидони мост.
Баҳоро, надидӣ ту он растахез,
К-аз ӯ чашму дил буд хунобарез.
Зи ҳар сӯй бархост бонги дурушт,
Гираҳ кард хашми хурӯшанда мушт.
Чу мушти тиҳӣ пур шавад кӯҳи кист?
Киро пеши сел аст ёрои ист?
Ҳамон об, к-ӯ сар фурӯ афканад,
Чу анбуҳ шуд кӯҳро барканад.
Сарафтодагон чун сар афроштанд,
Аз он хирасар тоҷ бардоштанд.
Фурӯ монд шамшер аз мавҷи хун,
Ситамкора чун тоҷ шуд сарнагун.
Дар он тирборон сипар сина буд,

Ки аз тир дар сина тарсе набуд.
Ба хуни шаҳидони пирӯзгар,
Ки шамшер бар хун наёбад зафар.
Баҳоро, бибин, к-ин хати сарнавишт,
Бародар ба хуни бародар навишт.
Баҳоро, биҳил то бигирям чу абр,
Ки аз дасти дил рафт домони сабр.
Надидӣ ту он кӯдаки ширхор,
Ки ғалтид бар хоки ин раҳгузор.
Зи пистони модар, ки хун мечакид,
Паи шир мегашту хун мемакид.
Надидӣ ту он наварӯси ҷавон,
Зи хун карда ороиши гесӯвон.
Наёсуда дар бистари орзу,
Фурӯ хуфт бар хоки хунини кӯ.
Надидӣ ту он дарди бедодгар,
Писар ғарқи хун рӯи дасти падар.
Аз он наъраи дарду фарёди кин,
Биларзад дили кӯҳу пушти замин.
Ҳама тан набошам чаро гирянок,
Ки сад шоха аз ман ҷудо шуд зи ток?
Чаро хун наборад аз ин саргузашт,
Ки як умр дар хуну ханҷар гузашт?
Баҳоро, нигаҳ кун, ки бар шохсор,
Чӣ мехонад он мурғи озодвор?
Агар хуни булбул наҷӯшад ба боғ,
Куҷо аз гули сурх гирӣ суроғ?
Гули сурх нав мекунад ёди дӯст,
Ки ранги гули сурх аз хуни ӯст.
Баҳоро, гули тозаро ёд деҳ,
Зи сарви куҳан Хусрави рӯз беҳ.
Шабе бо рафиқе даромад ба роз,
Дари хона кардам ба рӯяш фароз.
Кушодаруху меҳрубон дидамаш,
Гирифтам дар оғӯшу бӯсидамаш.
Асоро ба кунҷи саро такя дод,
Кулаҳ баргирифту қабо баркушод.
Нигаҳ кард пешу паси хонаро,
Раҳи омадурафти бегонаро.
Саро буд эман, сабукдил нишаст,
Салоҳу кулоҳаш ба наздики даст.
Зи ҳар дар суханҳои боиста гуфт,
Шаби танги моро гул аз гул шукуфт.
Сабукхезу оҳистарафтор буд,
Пурандешаву гармгуфтор буд.
Ду чашмам ба дидори ӯ хӯ гирифт,
Дилам аз далереш нерӯ гирифт.
Далере, ки фахри далерон бад-ӯст,
Аз ӯ ҳар чӣ омӯхта дорӣ накӯст.
Зиҳӣ, пойдорӣ, ки он пойдор,
Вафоро ба сар бурдӣ то пои дор.

Гузашт аз сару хам нашуд гарданаш,
Сарафкандагӣ монд бо душманаш.
Ба мардонагӣ маргро кард хор,
Зиҳӣ, марду он марги боифтихор.
Касеро бад-ин моя арзандагист,
Ки маргаш кушояндаи зиндагист.
Баҳоро, ба ёд ор аз он сарви ноз,
Ки афтода ҳам сарфароз аст боз.
Дар он вопасин дам, ки дам даркашид,
Насими туро дар ҳаво мешунид.
Туро пеш медид он хушхабар,
Ки бармедамидӣ ниҳон аз назар.
Туро месутуд, эй баҳори шигифт,
Ки боди ту акнун вазидан гирифт.
Дуруди ту ҳангоми бидруд гуфт,
Ки боғи ту дар чашми ӯ мешукуфт.
Биё, то мазораш пур аз гул кунем,
Чунин ёде аз хуни булбул кунем.

## ХОБИ ОЙИНА

Нақши ӯ дар дил чӣ зебо менишаст,
Санги дил ойинаи моро шикаст.
Ойина сад пора шуд дар пои дӯст,
Боз дар ҳар пора акси рӯи ӯст.
Ойина дар ишқбозӣ содиқ аст,
Ойина як дил на, сад дил ошиқ аст.
Солҳо ойина бетасвир монд,
Оҳ, к-ин бе рӯшноӣ дер монд.
Монда дар кунҷи шабистон носабур,
Дидаи бедораш аз дидор дур.
Рӯзгораш чеҳра пӯшид аз ғубор,
То чӣ монад аз ғубори рӯзгор?
Шомгоҳон бо шафақ хун мегирист,
Субҳдам бе меҳр афзун мегирист.
Аз гузори сояҳои абру дуд,
Фикри рақси шуълааш дармерабуд.
Ногаҳон барқе зад он чашми сиёҳ,
Ойина ларзид дар дил з-он нигоҳ.
Гуфт: Инак, вақти дидорам расид,
Сурмасои чашми бедорам расид.
Оҳ, ин ойина ин рӯзи ту нест,
Пушти ин субҳи дурӯғин тирагист.
Эй ғарибафтодаи баргаштарӯз,
Кор дорад бо ту ин ҳиҷрон ҳанӯз.
Ашкҳо хоҳад ҳанӯз аз дида рехт,
Торҳо аз ҷону дил хоҳад гусехт.
Дида барҳам неҳ, к-аз ин субҳи нахуст,
Ҷуз сияҳрӯӣ нахоҳӣ бозҷуст.
Бахти дидоре надорад ойина,
Дида барҳам мегузорад ойина.

Хоб мебинад, ки сар зад офтоб,
Боз шуд лабханди нилуфар бар об.
Хубрӯ омад, ба ороиш нишаст,
Рӯи хуб ороиши ойина аст.
Чун гираҳ банди шаб аз гесӯ кушуд,
Мавҷи абрешим ба дӯш омад фуруд.
Аз баногӯшаш саҳар бармедамид,
Субҳ рӯи шонааш бармедамид.
Синааш ойинадори меҳру моҳ,
Монда дар чоки гиребонаш нигоҳ.
Ҷунбиши чолоки бозу бешитоб,
Печутоби рақси нилуфар бар об.
Сурмасои чашми масташ дашти ноз,
Сурма аз чашмаш сиёҳӣ ҷуста боз.
Дасти гулгун бар лаби чун ғунча бурд,
Ғунчаро гул карду гул бар гул фушурд.
Ойина ҳайрон зи рӯи фаррухаш,
Себи сурхи бӯса мечид аз рухаш.
Оҳ, эй ойинаҷон, ойинаҷон,
Нест аз хоби ту хуштар дар ҷаҳон.
Хоби хуш дидӣ, вале он зебу фар,
Мекунад бедориятро талхтар.
Охир аз себе дилат хун мекунад,
З-ин биҳиштат низ берун мекунад.
Мояи дард аст бедории мард,
Оҳ, аз ин бедории пурдоғу дард.
Хуфтагонро гар сабукборӣ хуш аст,
Шабравонро ранҷи бедорӣ хуш аст.
Гарчи бедорӣ ҳама ҳайф асту кош
Эй дили дидорҷӯ бедор бош!
Ҳам ба бедорӣ тавонӣ пай супурд,
Хуфта ҳаргиз раҳ ба мақсуде набурд.
Пур зи дард аст ойина, пайдост ин,
Чашми гирён мениҳад бар остин.
Ҳар тараф то чашм мебинад шаб аст,
Осмон кӯри шаби бекавкаб аст.
Ойина мегиряд аз бахти сиёҳ,
Гиряи ойина бе ашк асту оҳ.
Дар чунин шабҳои бефарёдрас,
Рӯзи хуш дар хоб бояд диду бас.

## САР ВА САНГ

Сар ба санге мезадам фарёдхон,
Посухам омад шикасти устухон.
Санги сангиндил чӣ медонад, ки мард,
Аз чӣ сар бар санг мекӯбад ба дард?
Ӯ ҳамин санг асту аз сарҳо сар аст,
Санг рӯзи сар шикастан гавҳар аст.
То чунин ҳангомаи санг асту сар,
Қиммати санг аст аз сар бештар.

Рӯзгоро, аз туам миннатпазир,
Гавҳари моро кам аз санге магир.
Ҳар кӣ бо санге зи сӯе тохтаст,
Соя ҳам лаъли диле андохтаст.

## ЧАШМИ БАСТА

Чашм бастандам, ки дунёро мабин,
Дил зи дунё кандаам ман пеш аз ин.
Моли дунё, моли дунё, эй Карим,
Бо ту дар дунёву уқбо нангарем.
Дидаам бас чашми бози беҳузур,
Монда аз дидори он дилдор дур.
В-эй басо хилватнишини покбоз,
Чашми баста рафта то даргоҳи роз.
Он кӣ чашмам дод, бинойӣ диҳад,
Синаро анвори синойӣ диҳад.

## БОНГИ НАЙ
**(Мухтасар)**

Боз бонге аз найистон мерасад,
Ғам ба доди ғампарастон мерасад.
Бишнавед, ин шарҳи ҳиҷрон, бишнавед,
Бо найи ноланда ҳамдастон шавед.
Бе шумо ин нойи нолон бенавост,
Ин навоҳо аз нафасҳои шумост.
Он нафас, к-оташ барангезад зи об,
Он нафас, к-оташ аз ӯ омад ба тоб.
Он нафас, к-оинаро равшан кунад,
Он нафас, к-ин хокро гулшан кунад.
Он нафас, к-ӯ чун вазад бар осмон,
Шӯр бархезад зи ҷони қудсиён.
Он нафас, к-аз ин шаби навмедвор,
Баркушояд хандаи хуршедвор.
Он нафас, к-аз вай чароғи офтоб,
Барфурӯзад бо ҳазорон печутоб.
Он нафас, к-ай шавқи шӯрангези вай,
Бардамад аз ҷони най сад ҳои ваҳй.
Дар найистон ҳар замоне нолаҳост,
То киро гӯшу забони ошност?
Гӯши ҷон то бар лабаш ҳамсоя нест,
З-он навоҳои ниҳонаш моя нест.
Нола мегардад ба гирдогирди сар,
То куҷо гӯш аст гирои асар?
Нури беранг асту мавҷи бесадо,
Ту, биё, рангу садоро кун адо.
Ҳамсафар гаштанд кӯрею каре,
Рафта раҳҷӯён ба ҳар буму баре.
Шомгоҳе пой дар доман кашон,
Бар лаби дарё гузар афтодашон.

Мавҷ бармекӯфт бар санг аз қафо,
Кӯҳи каф садпора мешуд дар ҳаво.
Раъд ҳамчун наърае девонавор,
Ҳар тараф метохт бе асбу савор.
Озарахш аз кӯҳ меомад фуруд,
Чун саворе сурх бар асбе кабуд.
Он яке бонги ҳаюллой шунид,
Монда дар торикии шаб нопадид.
В-он яке девонагӯше гунг дид,
К-аз паи занҷирбонон медавид...
Ҳар кас ин ҷо мебарад навъе гумон,
Аз нишон дур аст тири ин камон.
Осмон осуду дарё ром шуд,
Мурғи субҳ аз ошён бар бом шуд.
Мавҷи  нарм оҳанги рақс оғоз кард,
Мурғи дарё пар заду парвоз кард.
Он яке медид мурғе бе суруд
В-он яке бе мурғ бонге мешунуд.
Ҳайбати дарё на ин асту на он,
Гавҳари дарёст аз соҳил ниҳон.
Нақши дарё аз карон пардохтӣ,
То нарафтӣ дар миён, нашнохтӣ.
Хуфта бар соҳил надонӣ чист ӯ?
Чун дар ӯ уфтӣ, бидонӣ кист ӯ?
Зинда бояд то зи ҷон дил барканад,
Мурдаро дарё ба соҳил афканад.
Ваҳ, ки дарёро фаровон рангҳост,
Ҷанги ӯро ҳар замон оҳангҳост.
То напиндорӣ,  ки дорӣ чашму гӯш,
Он шуниданҳову диданҳот кӯш.
Чашмҳоро ҷилваҳои ноз нест,
Гӯшҳоро лаззати овоз нест.
Гӯшро гар ишқ бахшад нозу нӯш,
Аз шунидан роҳ ҷӯяд дар нуқуш.
Чашмро чун дил бувад фармонраво,
Бишнавад аз ҳар нигоҳе сад наво.
Оре, эй ҷон, чун биҷӯшад ҳуши ту,
Бишнавад чашму бубинад гӯши ту.
Дасти Исо аз чӣ омад дилнавоз?
Дардро медиду мешуд чорасӯз.
Ту набинӣ бодро, илло, ба барг,
Ин-т нобиноию ҳирмону марг.
Гар бубинӣ бодро, бинандаӣ,
В-арна аз дидори худ шармандаӣ.
Ту ба бонги мурғ хӯ кардиву сахт,
Бехабар мондӣ зи овози дарахт.
Мурғро ҳам бар сазо нашнохтӣ,
Дона афшондию дом андохтӣ.
Дар қафас кардӣ ту мурғи хушсухан,
То зи худ хоҳӣ бигӯӣ: Мурғи ман.
Нола аз кунҷи қафас шодикуш аст,

Мурғро парвози озодӣ хуш аст.
Худ қафас гаштӣ пур аз боди ҳавас,
Мегурезад мурғи озод аз қафас.
Боғҳо дар сина дорӣ босафо,
Дар кушо, то мурғат ояд аз қафо.
Мурғи меояд дар оғӯшат мудом,
Бе ниёзи донаву бе ранҷи дом.
Мурғ меояд, ту сангаш мезанӣ,
Дар қафас чун гурба чангаш мезанӣ.
Дар чаманзори дарунат ғулғулест,
З-он ки бар ҳар шохсораш булбулест.
Сар бинеҳ дар худ, ки аз боғи дарун,
Бишнавӣ дар гӯши дил овози хун.
Боғҳоро гарчи девору дар аст,
Аз ҳавошон роҳ бар якдигар аст.
Шоха аз девор сар бар мекашад,
Майли ӯ бар боғи дигар мекашад.
Бод меорад паёми он ба ин
Ваҳ, аз ин пайку паёми нозанин.
Шохаҳоро аз ҷудоӣ гар ғам аст,
Решаҳоро даст дар дасти ҳам аст.
Ту на камтар аз дарахтӣ сар барор,
Пой аз зиндони худ берун гузор.
Дасти ман бо дасти ту дастон шавад,
Кори мо, з-ин даст кoристон шавад.
Эй бародар, дар нишебу дар фароз,
Одамӣ бо одамӣ дорад ниёз.
Гар ту чашми ӯ шавӣ, ӯ гӯши ту,
Пас падид ояд чӣ дарёҳои ну...
Бигзар аз дарёву роҳи хеш гир,
Шеваи дарёдилон дар пеш гир.
Ку ҳарифе ҳамдаму ҳамдарди най?
То бинолад ҷони ғампарварди най.
Най ба хоби хокии пеш аз вуҷуд,
Аз дами гарми ту дорад чашми ҷуд.
Ҳам аз он дам, к-аз дили найзор руст,
Дар таманнои лабу дандони туст.
Дар ҳавоят месупорад сар ба бод,
Эй сари ушшоқ барбоди ту бод.
Банд-бандаш ташнаи он теғи тез,
То ниҳад сар бе дареғу беситез.
Ҷони маҳҷураш насими боғи туст,
Дар дили тангаш ҳавои доғи туст.
То насими рӯҳбахшат кай вазад?
Шаккари ёди лабатро мемазад.
Эй хушо, дам бо дамат омехтан,
Он лаби ширину шӯр ангехтан.
Он шакарлаб ҳамчу ноям баргирифт,
Ҳон, бинол, эй дил, ки оташ даргирифт.
Ваҳ, ки ин оташ аҷаб хуш мезанад,
Оташе, к-оташ дар оташ мезанад.

Ман ҳамон ноям, ки гар хуш бишнавӣ,
Шарҳи дардам бо ту гӯяд маснавӣ:
Як нафас дардам, ҳазор овоз бин,
Рӯҳро шайдоии парвоз бин.
Бо лаби дамсози худ ҷуфт омадам,
Гуфтанӣ, бишнав, ки дар гуфт омадам.
Ман ҳамон ҷомам, ки гуфт он ғамгусор,
Бо дили хунин, лаби хандон биёр.
Ман хамӯш кардам хурӯши чангро,
Гарчи сад захм аст ин дилтангро.
Ман ҳамон ишқам, ки дар Фарҳод буд,
Ӯ намедонисту худро месутуд.
Ман ҳамекандам, на теша, кӯҳро,
Ишқ ширин мекунад андӯҳро.
Дар рухи Лайлӣ намудам хешро,
Сӯхтам Маҷнуни хомандешро.
Мегиристам дар дилаш бо дарди дӯст,
Ӯ гумон мекард ашки чашми ӯст.
Гар ҷаҳон аз ишқ саргаштасту маст,
Ҷони масти ишқ бар ман ошиқ аст.
Ноз ин ҷо мениҳад рӯи ниёз,
Гар диле дорӣ, биё, ин ҷо бибоз...
Ин туӣ, эй кам гирифта бешро,
Бешу кам бигзору бистон хешро.
Ту наи моию дар ту медамем,
Ҳам ту дар мо дам, ки мо нои туем.
Бе ту ин олам нигине бебаҳост,
З-он ки ангушти Сулаймонӣ туրост.
Фикри ҳастиофарин аз ҳасти ту,
Офарини офариниш дасти ту.
Дасти ту бар сози ҳастӣ парда баст,
Созҳо аз дасти ту омад ба даст.
Захмҳоро ҳамчу борон рехтӣ,
Шӯрҳо аз пардаҳо ангехтӣ.
Аз дили худ об додӣ рангро,
Нақш бастӣ номаи Аржангро.
Пайкари нозук тарошидӣ зи санг,
Ҷон бурун овардӣ аз зиндони танг.
Аз ту омад номвар лавҳу қалам
В-ин аломатҳо ба олам шуд алам.
Баргирифтӣ машъали андешаро,
Сӯхтӣ торикии ин бешаро.
Рӯшноиҳо зи доноии туст,
Ҳам зи donoӣ тавоноии туст.
Гавҳари ганҷинаи шоён туӣ,
Юсуфӣ, бо ҳусни бепоён туӣ.
Боз шавқи Юсуфам доман гирифт,
Пири моро бӯи пироҳан гирифт.
Эй дареғо, нозукорои танаш,
Бӯи хун меояд аз пироҳанаш.

Эй бародарҳо, хабар чун мебаред?
Ин сафар он гург Юсуфро дарид.

## НАВҲАИ МОДАР

Юсуфи ман пас чӣ шуд пироҳанат?
Бар чӣ хоке рехт хуни равшанат?
Бар замини сард хуни гарми ту,
Рехт он гургу набудаш шарми ту.
То напиндорӣ зи ёдат ғофилам,
Гиря меҷӯшад шабу рӯз аз дилам.
Доғи мотамхост бар ҷонам басе,
Дар дилам пайваста мегиряд касе.
Эй дареғо, пораи дил, ҷуфти ҷон,
Бе ҷавонон монда ҷовидон ҷаҳон.
Бар сари гаҳвора лоло хондамат,
То биҷунбонӣ ҷаҳон, ҷунбондамат.
Дарси паймону вафо омӯхтӣ,
Ҷони модар, ҷони модар сӯхтӣ.
Муждаи домодият мехостам,
Ҳуҷлаат охир зи хун оростам.
Дар баҳори умр, эй сарви ҷавон,
Рехтӣ чун баргрези арғувон.
Арғувонам, арғувонам, лолаам,
Дар ғамат хун мечакад аз нолаам.
Дар дили вайронаам гӯре бикан,
К-ин шаҳидонанд бе гӯру кафан.
Гӯрҳо дар синаи худ кандаем,
Сӯгворонем, мо то зиндаем.
Ин ҳама хун дар дили мо мекунӣ,
Бишканӣ, эй дасти хунӣ, бишканӣ!

## ПАЁМИ ШАҲИД

Оҳ, эй модар, паи гӯрам магард,
Нақши хун дорад нишони гӯри мард.
Он шақоиқ руста дар домони дашт,
Гӯш кун, то бо ту гӯяд саргузашт.
Абр он борон, ки бар саҳро гирист,
Бо ту мегӯяд, ки ин гирянда кист.
Гар на коме аз ҷавонӣ рондаам,
Бо ҷавонон чун ҷавонӣ мондаам.
Нағмаи нохондаро додам ба рӯд,
То бихонад бо ҷавонон ин суруд:
Чашмае дар кӯҳ меҷӯшад манам,
К-аз даруни санг берун мезанам.
Қатраи дар шиша монда тангу тор,
Об равшан шуд равон дар ҷӯйбор.
Аз нигоҳи об тобидам ба гул
В-аз рухи худ ранг бахшидам ба гул.

Пар задам аз гул ба хуноби шафақ,
Нола гаштам дар гулӯи мурғи ҳақ.
Пур шудам аз хуни булбул лаб ба лаб,
Рафтам аз ҷоми шафақ дар коми шаб.
Озарахш аз синаи ман равшан аст,
Тундари тӯфанда фарёди ман аст.
Ҳар куҷо муште гираҳ шуд, мушти ман,
Захмии ҳар тозиёна пушти ман.
Ҳар куҷо фарёди озодӣ манам,
Ман дар ин фарёдҳо дам мезанам.
Дар дили шаб гӯш дор аз пушти дар,
Мешиносӣ бонги пои раҳгузар.
Гӯш бо он гоми нармовоз кун,
Он манам, дар мезанам, дар боз кун.
Чун гурезад дар ту он оҳунигоҳ,
Дар паноҳаш гир аз сагҳои роҳ.
Дар нигоҳи ӯ саломат мекунам,
Бо саломаш эҳтиромат мекунам.
Аз даруни чашми ӯ мебинамат,
Бӯсаҳо аз рӯю мӯ мечинамат.
Хуни ман дар гунаи гулгуни ӯст,
Оташи сӯзони ман дар хуни ӯст.
Оташи ман дар дили ӯ равшан аст,
Дар нафасҳояш нафасҳои ман аст.
То нафас бо ҳамдилон омехтам,
Сад баҳорам, гарчи чун гул рехтам.
Ноларо дам медиҳам ҳар дам аз он,
К-он ниҳон дар нола бикшояд забон.
Бе лабу дандони он донои роз,
Нашнавӣ аз най навои дилнавоз.
Аз навозишҳои он нӯшофарин,
Мешавад ин нолаи най дилнишин.
Дилнишинтар мешавад, вақте ки ӯ,
Менишинад дар дилат бо гуфтугӯ.
Сар ба гӯшат мегузорад, гӯш кун,
Нағмаҳои нағзи ӯро нӯш кун.
Ӯ нишони ошиқон дорад бибин,
Ошиқе сад доғи ишқаш бар ҷабин.
Ошиқон чун зиндагӣ зояндаанд,
Ошиқон дар ошиқон пояндаанд.
Ишқ аз ҷоне ба ҷоне меравад,
Достон аз ҷовидонӣ меравад.
Ҷовидон аст он нави деринасол,
Рафта аз ҷоме ба ҷоме ин зулол.
Мурдани ошиқ намемиронадаш,
Дар чароғе тоза мегиронадаш.
Он, ки хасми худ ба хок андохтаст,
Дар гумон бурд аст, аммо бохтаст.
Мард чун бо мард рӯ дар рӯ шавад,
Мардумӣ аз ҳарду сӯ яксӯ шавад.
Шодии он дар ғами он мудғам аст,

Хира он шодӣ, ки товонаш ғам аст.
Ошиқон дар хуни худ ғалтидаанд,
Зиндагиро зиндагӣ бахшидаанд.
Зиндагӣ зебост, эй зебописанд,
Зиндаандешон ба зебоӣ расанд.
Ончунон зебост ин бебозгашт,
К-аз барояш метавон аз ҷон гузашт...
Боз шавқи Юсуфам доман гирифт,
Пири моро бӯи пироҳан гирифт.
Эй дареғо, нозукорои танаш,
Бӯи хун меояд аз пироҳанаш.
Эй бародарҳо, хабар чун мебаред?
Ин сафар он гурги Юсуфро дарид.
Эй шумо озурдагони нозанин,
Умратон бодо дарозу беш аз ин.
Юсуфе дар чоҳу ин Канъониён,
Бар сари бозори суданду зиён.
Чун набинӣ он ҷамоли нурдеҳ,
Чашми Яъқубу Зулайхо кӯр беҳ.
Фош мегӯям ба овози баланд,
Ҳамчу най гар банд-бандам бигсаланд.
Рӯзгори пирро то ёд буд,
Пояи ин тахт бар бедод буд.
Ҳам аз он Заҳҳок то ин аждаҳо,
Аз ситам ҳаргиз нашуд мардум раҳо.
Гар накӯ дар кори шоҳон бингарӣ,
Ҳар яке бинӣ батар аз дигаре.
Пас зи ҳар дасте ситам афзуда шуд,
Номаи олам сиёҳ з-ин дуда шуд.
Некӯӣ кам-кам дигаргунӣ гирифт,
То бадӣ ин моя афзунӣ гирифт.
Дод даст, аз додхоҳӣ даркашид,
То ситамгорӣ бад-ин ғоят расид.
Чун бад афтад мардуми огоҳро,
Бонги ёбӯӣ гузинад шоҳро.
Ёбӯе аз бӯи ҷуфт огоҳ шуд,
Дориюш он шоҳи шоҳон шоҳ шуд.
Хондаӣ, к-он мордӯши мағзхор,
Подшоҳӣ ронд бар соле ҳазор.
Он ситамгарро на чандон сол буд,
Халқро ҳар рӯз соле менамуд.
Мағзи мардумхорагӣ шуд пешааш,
З-он ки аз андеша буд андешааш.
Чун ба нопокӣ сар аз мардум битофт,
Бӯсаи Иблисро подош ёфт.
Бас ба дасти зӯри гирдоварди ганҷ,
То ба бодаш дод он бозуи ранҷ.
Ҳар кӣ дар худ Ковае дорад ниҳон,
Эй бародар, Коваатро вораҳон.
Коваро озод кун, то барҷаҳад,
Хирасарро теғ бар гардан ниҳад.

Эй хушо, рӯзе, ки халқи додхоҳ,
Бигсалад аз даступо занҷири шоҳ.
Додхоҳонро чӣ шӯре дар сар аст,
Рост пиндорӣ, ки рӯзи маҳшар аст.
Дарди пинҳон дар ҷигар овехта,
Гашт фарёде ҷаҳон ангехта.
Эй дил, ар фарёд бардорӣ равост,
К-аз найистон шӯри растохез хост.
Олам аз бонги нае пурхун шавад,
Гар найистоне бинолад чун шавад?
Каргасе худро ба симурғӣ гирифт,
Монда аз кораш ҷаҳоне дар шигифт.
Гуфт: Ман ҳоҷатгусори ҳар касам,
То паре аз ман бисӯзӣ даррасам.
Гарчи аз гандаш ҷаҳон оганда шуд,
Мурдахоронро ҳавасҳо зинда шуд.
Дӯзахе аз ҳирсу оз афрӯхтанд,
Ҳам пари ӯ, ҳам паи худ сӯхтанд.
В-аҳ, ки з-он худсӯхтан суде набуд,
Балки дуде низ бар дуде фузуд.
Халқ чун дарёву дарё тундхӯст,
Хашми пинҳонҷӯши тӯфонҳо дар ӯст.
Метапад дарё зи тӯфоне шигифт,
Нохудо ин мавҷро осон гирифт.
Мехурӯшад мавҷу юриш мебарад,
Тозиёна-ш мезанад он бехирад.
Сахту сангин менамоӣ ин замон,
Бош то гирдоб бикшояд даҳон.
Гуфтамат, аммо чӣ ҳосил? Нашнавӣ,
Бод мекорӣ, ки тӯфон бидравӣ.
Подшоҳе буд бо шохе кулуфт,
Шохро дар тоҷи заррин менуҳуфт.
Шохи пинҳон рози он густох буд,
Тоҷдоре худ куҷо бе шох буд?
Сартароше, к-ӯ сари шаҳ месутурд,
Пай ба рози шоҳ бурду ҷон набурд.
Шох ҳар дам дар дилаш сар мекашид,
Бими ҷонаш буду дам дармекашид.
Чун гарон шуд бар дилаш рози нуҳуфт,
Рафту он ногуфтаро дар чоҳ гуфт.
Аз даруни чоҳ ное бардамид,
Ной бин, к-аз нолае омад падид.
Оре, оре, нола бунёди най аст,
Рустану болидани най аз вай аст.
Най, ки оламро ба нолидан гирифт,
Дар ҳавои нола болидан гирифт.
Он кӣ аз вай шуд дили най нолахез,
Ноларо хоҳони най кардаст низ.
Нолаю най монда дере безабон,
Ваъдашон кунҷи забони он шубон.
Он шубони дардманди додхоҳ,

Галлағораткардаи гургони шоҳ.
Омаду банд аз даҳони най кушод
В-он лаби хомӯшро бар лаб ниҳод.
«Шох дорад шоҳ»-ро най дам гирифт
«Шох дорад шоҳ» дар олам гирифт.

* * *

Эй найи маҳзун, куҷоӣ, сӯхтем?
Тира шуд ойинае, к-афрӯхтем.
Оҳ, аз он оташ, ки мо дар худ задем,
Дуди саргардони бесомон шудем.
Рондагони дил ниҳода бо Ватан,
Мондагони ғурбати тоқатшикан.
Сина меҷӯшад зи дарди безабон,
Эй навои бенаво, найро бихон.
Най ҳадиси ҳасрату ҳирмони мост,
Най давои дарди бе дармони мост.
Най хабар дорад аз он борон, ки рехт,
Ошёни лаклаке аз ҳам гусехт.
Най хабар дорад аз он гумкарда ҷуфт,
Оҳуи куҳӣ, ки ҷуз дар хун нахуфт.
Най хабар дорад зи ашки паҳлавон,
Дашна дар паҳлӯи Суҳроби ҷавон.
Най хабар дорад аз он мардони мард,
Хунашон гулгунаи рухсори зард.
Най хабар дорад зи дарди иштиёқ,
Синаҳои шарҳа-шарҳа аз фироқ.
«Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,
Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад»...

## ҚИССАИ ХУНИ ДИЛ

**Марсия дар ёди Эҳсон Табарӣ, ки соли 1368 суруда шудааст ва ба сурати дастхат даст ба даст мегашт.**

Рӯзгоро, қасди имонам макун,
З-он чӣ мегӯям пушаймонам макун.
Кибриёӣ, хубӣ аз хубон магир,
Фазли маҳбубӣ зи маҳбубон магир.
Гум макун аз роҳ пешоҳангро,
Дур дор аз номи мардон нангро.
Гар бадӣ гирад ҷаҳонро сарбасар,
Аз дилам уммеди хубиро мабар.
Чун тарозуям ба санҷиш оварӣ,
Санги судамро манеҳ дар доварӣ.
Чунки ҳангоми нисор ояд маро,
Ҳубби зотамро макун фармонраво.
Гар дурӯғе бар ман орад костӣ,
Кач макун роҳи маро аз ростӣ.
Пой агар фарсудаму ҷон костам,
Ончунон рафтам, ки худ мехостам.

Ҳар чӣ гуфтам ҷумлагӣ аз ишқ хост,
Ҷуз ҳадиси ишқ гуфтан дил нахост.
Ҳашмати ин ишқ аз фарзонагист,
Ишқ бе фарзонагӣ девонагист.
Дил чу бо ишқу хирад ҳамраҳ шавад,
Дасти навмедӣ аз ӯ кӯтаҳ шавад.
Гар дар ин роҳи талаб дастам тиҳист,
Ишқи ман пеши хирад шарманда нест.
Рӯй агар бо хуни дил оростам,
Равнақи бозори ӯ мехостам.
Раҳ сипардам дар нишебу дар фароз,
Пой ҳиштам бар сари озу ниёз.
Сар ба савдое наёвардам фуруд,
Гарчи дасти орзу кӯтаҳ набуд.
Он қадар аз хоҳиши дил сӯхтам,
То чунин бехоҳишӣ омӯхтам.
Ҳар чӣ бо ман буду аз ман буд, нест,
Дасту дил танг асту оғӯшам тиҳист.
Сабри талхам гар ба ӯ боре надод,
Ҳаргизам андуҳи навмедӣ мабод.
Пора-пора аз тани худ мебурам,
Обе аз хуни дили худ мехӯрам.
Ман дар ин бозӣ чӣ бурдам? Бохтам,
Доштам лаъли диле, андохтам.
Бохтам, аммо ҳаме бурди ман аст,
Бозие з-ин даст дарх(в)арди ман аст.
Зиндагонӣ чист? Пур болову паст,
Рост ҳамчун саргузашти Юсуф аст.
Аз ду пироҳан бало омад падид,
Роҳат аз пироҳани саввум расид.
Гар чунин хун меравад аз гурдаам,
Дашнаи дашноми душман хӯрдаам.

* * *

Сарви болое, ки меболид рост,
Рӯзгори каҷраваш хам карду кост.
Ваҳ, чӣ сарве бо чӣ зебею фаре?
Сарве аз нозукдиле, нилуфаре.
Эй ки чун хуршед будӣ бошукӯҳ,
Дар ғуруби ту чӣ ғамнок аст кӯҳ?
Баргузаштӣ умре аз болову паст,
То чунин пиронасар рафтӣ зи даст.
Хӯша-хӯша гирд кардӣ, эй шигифт,
Раҳзанат ногаҳ сари хирман гирифт.
Тавба кардӣ, з-он чӣ гуфтӣ, эй ҳаким,
Ин ҳадисе дарднок аст аз қадим.
Тавба кардӣ гарчи медонӣ яқин,
Гуфтаву ногуфта мегардад замин.
Тоибе гар з-он ки ҷоме зад ба санг,
Тавбафарморо фузунтар бод нанг.

Шабчароғе чун ту рашки офтоб,
Чун шикастандат чунин зору хароб?
Чун туе дигар кучо ояд ба даст?
Бишканад дасте, ки ин гавҳар шикаст.
Кошки худ мурда будӣ пеш аз ин,
То намемурдӣ чунин, эй нозанин.
Шумбахте бин, Худоё, ин манам,
К-орзуи марги ёрон мекунам.
Он кӣ аз ҷон дӯсттар медорамаш,
Бо забони талх меозорамаш.
Гарчи ӯ худ з-ин ситам дилхунтар аст,
Ранҷи ӯ аз ранҷи ман афзунтар аст.
Оташе мурду саро пурдуд шуд,
Мо зиён дидему ӯ нобуд шуд.
Оташе хомӯш шуд дар маҳбасе,
Дарди оташро чӣ медонад касе?
Ӯ ҷаҳоне буд андар худ ниҳон,
Чанду чуни хеш беҳ донад ҷаҳон.
Баски нақши орзу дар ҷон гирифт,
Худ ҷаҳони орзу гашт он шигифт.
Он ҷаҳони хубию хайри башар,
Он ҷаҳони холӣ аз озору шар.
Хилқати ӯ худ хато буд аз нахуст,
Шиша кай монад ба сангистон дуруст?
Ҷони нозоини он ойинаранг,
Чун кунад бо силии ин сели санг?
Аз шикасти ӯ кӣ хоҳад тарф баст?
Тангии дасти ҷаҳон аст ин шикаст.

* * *

Пеши рӯи мо гузашт ин моҷаро,
Ин карӣ то чанд, ин кӯрӣ чаро?
Ноҷавонмардо, ки бар андоми мард,
Захмҳоро диду фарёде накард.
Пири доно аз паси ҳафтод сол,
Аз чӣ афсунаш чунин афтод ҳол?
Сина мебинеду захми хунфишон,
Чун намебинед аз ханҷар нишон?
Бингаред, эй хомҷӯшон, бингаред,
Инчунин чун хобгардон магзаред.
Оҳ, агар ин хоб афсун бигсалад,
Аз надомат хорҳо дар ҷон халад.
Чашмҳотон боз хоҳад шуд зи хоб,
Сар фурӯ афканда аз шарми ҷавоб.
Он чӣ буд? Он дӯст душман доштан,
Синаҳо аз кинаҳо анбоштан.
Он чӣ буд? Он ҷангу хунҳо рехтан,
Он задан, он куштан, он овехтан.
Пурсише, к-он ҳаст ҳамчун дашна тез,
Посухе дорад ҳама хунобарез.

Он ҳама фарёди озодӣ задед,
Фурсате афтоду зиндонбон шудед.
Он кӣ ӯ имрӯз дар банди шумост,
Дар ғами фардои фарзанди шумост.
Роҳ меҷустеду дар худ гум шудед,
Мардумед, аммо чӣ номардум шудед.
Каҷравон бо ростон дар кинааанд,
Зиштрӯён душмани ойинаанд.
Ой, одам! Ин садои қарни мост,
Ин садо аз ваҳшати ғарқи шумост.
Дида дар гирдоб кай во мекунед?
Ваҳ, ки ғарқи худ тамошо мекунед.

## КИТОБИ «САРОБ»

### ОНО

Субҳ механдаду боғ аз нафаси гарми баҳор,
Мекушояд мижаву мешиканад мастии хоб.
Осмон тофта дар биркаву з-ин тобиши гарм,
Оташ ангехта дар синаи афсурдаи об.

Офтоб аз паси Албурз нуҳуфтасту аз ӯ,
Оташин найза баровардa сар аз синаи кӯҳ.
Субҳ меояд аз ин оташи ҷӯшанда ба тоб,
Боғ мегирад аз ин шуълаи гулгуна шукӯҳ.

Оҳ, дерест, ки ман мондаам аз хоб ба дур,
Монда дар бистару дил баста ба андешаи хеш.
Монда дар бистараму ҳар нафас аз тешаи фикр,
Мезанам бар сари худ то биканам решаи хеш.

Чист андешаи ман? Ишқи хаёлошӯбе,
Ки ба бозуям гирифтаст ба бедорию хоб.
Менамояд ба мани шефта дил рух ба фиреб,
Мерабояд зи тани хастаи ман тоқату тоб.

Он чӣ ман дорам аз ӯ ҳаст хаёле, ки зи дур
Чеҳр бартофта дар ойинаи хотири ман.
Ҳамчу маҳтоб, ки натвонеш овард ба чанг,
Дур аз дасти таманнои ману дар бари ман.

Мекунам ҷома ба тан, меравам аз хона бурун,
Меравам аз паи ӯ бо дили девонаи хеш.
Паи он гумшуда мегардаму меоям боз,
Хаставу кӯфта аз гардиши рӯзонаи хеш.

Хоб меояду дар чашм намеёбад роҳ,
Як тараф ашк раҳаш баставу як сӯй хаёл.

Нашнавам нолаи худро дигар аз мастии дард,
Оҳ, гӯшам шуда кар, ё ки забонам шуда лол?

Чашмҳо дӯхта бар бистари ман сеҳромез,
Хоб бар сақф нишастаст чу ҷодуи сиёҳ.
Оҳ, аз хеш тиҳӣ мешавам ором, ором,
Мегурезад нафаси хастаам аз сина чу оҳ.

Бонг бармезанам аз шавқ, ки: Оно! Оно!
Ногаҳон мепарам аз хоб кушода оғӯш,
Мешавад боз ду дасти ману меафтад суст,
Ҳеч кас нест ба ҷуз шаб, ки сиёҳ асту хамӯш.

## САРОБ

Умре ба сар давидам дар ҷустуҷӯи ёр,
Ҷуз дастрас ба васли ваям орзу набуд.
Додам дар ин ҳавас дили девонаро ба бод,
Ин ҷустуҷӯ набуд.

Ҳар сӯ шитофтам паи он ёри ношинос,
Гоҳе зи шавқ ханда задам, гаҳ гиристам,
Бе он ки худ бидонам аз ин гуна беқарор,
Муштоқи кистам?

Рӯе шикаст чун гули руъёву дида гуфт:
Ин аст он парӣ, ки зи ман менуҳуфт рӯ,
Хуш ёфтам, ки хуштар аз ин чеҳрае натофт,
Дар хоби орзу.

Ҳар сӯ маро кашид паи хеш дар ба дар,
Ин хушписанд дидаи зебопарасти ман,
Шуд раҳнамои ин дили муштоқи беқарор,
Бигрифт дасти ман.

В-он орзуи гумшуда беному бенишон,
Дар дургоҳи дидаи ман ҷилва менамуд,
Дар водии хаёл маро маст медавонд
В-аз хеш мерабуд.

Аз дур мефирефт дили ташнаи маро,
Чун баҳр мавҷ мезаду ларзон чу об буд.
В-он гаҳ ки пеш рафтам бо шӯру илтиҳоб,
Дидам сароб буд.

Бечора ман, ки аз паси ин ҷустуҷӯ ҳанӯз,
Менозад аз ман ин дили шайдо, ки ёр ку?
Ку он, ки ҷовидона маро медиҳад фиреб,
Бинмо, куҷост ӯ?

## НИГОҲИ ОШНО

Зи чашме, ки чун чашмаи орзу,
Пурошӯбу афсунгару дилрабост.
Ба сӯи ман ояд нигоҳе зи дур,
Нигоҳе, ки бо ҷони ман ошност.

Ту гӯӣ, ки бар пушти барқи нигоҳ,
Нишонида амвоҷи шавқу умед,
Ки боз ин дили мурда ҷоне гирифт,
Саросема гардиду дар хун тапид.

Нигоҳе сабукболтар аз насим,
Равонбахшу ҷонпарвару дилфурӯз,
Барорад зи хокистари ишқи ман,
Шароре, ки гарм асту равшан ҳанӯз.

Яке нағмаҷӯ шуд ҳамоғӯши ноз,
Дар он пурфусун чашми розошён,
Ту гӯи нуҳуфтаст дар он ду чашм,
Навоҳои хомӯши саргаштагон.

Зи чашме, ки натвонам онро шинохт,
Ба сӯям фиристода ояд нигоҳ.
Ту гӯӣ, ки он нағмаи мусиқист,
Ки хомӯш мондаст аз дергоҳ.

Аз он дур ин ёри бегона кист,
Ки дуздида дар рӯи ман бингарад?
Чу маҳтоби поиз ғамгину сард,
Ки бар рӯи зарди чаман бингарад.

Ба сӯи ман ояд нигоҳе зи дур,
Зи чашме, ки чун чашмаи орзуст,
Қадам мениҳам пеш андешанок,
Худоё, чӣ мебинам? Ин чашми ӯст.

## ДАР ЛАБХАНДИ Ӯ

Дидаму меомад аз муқобили ман дӯш,
Хандаи талхе ниҳода бар лаби пурнӯш.
Ғамзада чун моҳтоби охири поиз,
Дӯхта бар рӯи ман нигоҳи ғамангез,
Ман ба хаёли гузашта баста дилу ҳуш.

Моҳ дурахшанда буду дарё ором,
Соҳили мурдоб дар хамӯшиву абҳом,
Шаб зи тараб мешукуфт чун гули руъё,
Акси рухи маҳ дар обгинаи дарё,
Чун рухи соқӣ, ки вожгун шуда дар ҷом.

Ӯ ба бари ман нишаста обиду маъбуд,
Дӯхта бар чашми ман ду чашми ғамолуд,
Завраќи мо мегузашт бар сари мурдоб,
Чеҳраи ӯ зери сояи равшани маҳтоб,
Лаззати андуҳ буду мастии ғам буд.

Сар ба сари дӯши ман ниҳодаву дилшод,
Замзама мекарду зулфаш аз нафаси бод,
Бар лаби ман мегузашт нарму ҳавасхез,
Чун маи ширин ба бӯсаҳои дилангез,
Ҳуши маро мерабуду самте медод.

Масти тараб буду чун шукуфаи сероб,
Бар рухи ман ханда мезад он гули шодоб,
Хандаи ӯ ҷилваи уммеду сафо буд,
Роҳати ҷон буд, ишқ буд, вафо буд,
Лаззати ғам менишаст дар дили бетоб.

Дидаму меомад аз муқобили ман дӯш,
Хандаи талхе ниҳода бар лаби пурнӯш,
Оҳ, к-аз он ханда ошкор шукуфтам,
Бингар рафтам, дигар зи дасти ту рафтам,
Нола фурӯ монд дар паси лаби хомӯш.

Ғамзада чун моҳтоби охири поиз,
Дӯхта бар рӯи ман нигоҳи ғамангез,
Дигар дар хандааш умеду сафо нест,
Роҳати ҷон несту ишқ несту вафо нест,
Дигар ин ханда нест нағзу диловез.

Менигарам дар хаёлу мешунавам боз,
Мераваду медиҳад ба гӯши ман овоз,
Бингар рафтам, дигар зи дасти ту рафтам...

## ШАБТОБ

Дар зери сояравшани маҳтоби тобнок,
Дар домани сукути шабе хаставу хамӯш.
Оҳистагом мегузарад шоире ба роҳ,
Масту рамидаҳуш.

Меистад муқобили деворе ошно,
Он ҷо, ки ояд аз дил ҳар зарра бӯи ёр,

Дар тангнои сина дили хаста метапад
Муштоқу беқарор.

Аз пушти шиша менигарад моҳи шабнаворд,
Он ҷо ба он нигор, ки хобида масти ноз,
Дар пешгоҳи ин ҳама зебоию ҷамол,
Маҳ мебарад намоз.

Дунболи моҳтоб хаёли кушодабол,
Оҳиста меравад ба даруни утоқи ӯ,
Ман монда ҳамчунон паси девор маҳву маст
Аз иштиёқи ӯ.

Маҳ гашта хира бар ваю он мояи умед,
Ширин ба хоб рафта дар он хобгоҳи ноз
В-эй зулфи тобдору парешону беқарор,
Аз боди ишқбоз.

Дар бистар орамида чу нилуфаре бар об,
Пошида моҳтоб дар ӯ судаҳои сим.
Лағзад паранд бар тани ҳамчу барги гул,
Аз ҷунбиши насим.

Афтода сояравшани маҳтоби симранг,
Нарму сапед чун пару боли фариштагон,
Бар он ду кӯи оҷ, ки барҷаста тобнок,
Аз зери парниён.

Он симгуна соқ, ки бо бӯсаи насим,
Лағзида ҳамчу барги гул аз чини доманаш
В-он сояҳои зулф, ки печида масти ноз,
Бар гирди гарданаш.

Он зулфи тобхӯрда ба пешонии сапед,
Чун сояи умед дар ойинаи хаёл
В-он чеҳри шармнок, ки тобида ҳамчу моҳ,
Дар ҳолаи малол.

Он сояҳои дарҳами мижгон, ки зери чашм,
Ғамгин ба хоб рафта ҳамоғӯши рози хеш
В-он чашми орамидаи руъёфиреби ӯ,
Дар хоби нози хеш.

Ман монда беқарору хаёли рамидаҳуш,
Масти ҳавас гирифта аз он моҳ бӯсҳо,
То он замон, ки оварад аз субҳ огаҳӣ,
Бонги хурӯсҳо.

Бармедамад сапедаву дилдода шоире,
Аз гардиши шабонаи худ хаста меравад,

Дунболи ӯ паридаву беранг Сояе,
Оҳиста меравад.

## ШАБИ СИЁҲ

Барчид меҳр домани зарбафту хун гирист,
Чашми уфуқ ба мотами рӯзи сиёҳи бахт.
В-аз ҳавли хун чу кӯдаки тарсида мурғи шаб,
Нолид бар дарахт.

Шаб соя барфишонду калоғони хастабол,
Аз роҳҳои дур расиданд ташнаком.
Ранги шафақ париду сиёҳӣ фурӯ хазид,
Аз гӯшаҳои бом.

Ман дар шиканҷаи табу ҷонам ба печутоб,
Дар дидаи пуробам акси ҷамоли ӯст,
Бармеҷаҳад зи чашмаи ҷӯшони мағзи ман,
Ҳардам хаёли дӯст.

Чун моҳтоб бар сари вайронаҳои дил,
Мастона пой кӯбад дар ҷомаи сапед.
Печад садои хандаи ӯ дар дили хароб,
Ларзад танам чу бед.

Ин мутриб аз куҷост, ки аз нағмаҳои ӯ
Бар хонаи хароби дилам сели дард рехт?
Ин захма дасти кист, ки бар тор мезанад?
Тори дилам гусехт.

Чун вои марги ҷигарсӯзу дилхарош,
Чун нолаи видоъи ғамангезу ҷонгузост.
Андуҳноку шум чу фарёди мурғи ҳақ,
Ин нағмаи азост.

Ин нағмаи азост, ки ин ишқи мурдаро,
Имшаб ба гӯр мебараму хок мекунам
В-аз ашки ғам, ки мечакад аз чашми орзу,
Рух пок мекунам.

## МАРГИ РӮЗ

Мерафт офтобу ба дунбол мекашид,
Доман зи дасти куштаи худ рӯзи нимаҷон.
Хунин фитода рӯз аз он теғи хунфишон,
Дар хок метапиду паи ёр мехазид.

Хандид офтоб, ки ин ашку оҳ чист?
Хуш бош рӯзи ғамзада ҳангоми рафтан аст.

Чун ман биханд хурраму хуш ин чӣ шеван аст?
Мо ҳарду меравем, дигар ҷои шиква нест.

Нолид рӯзи хаста, ки: Эй подшоҳи нур,
Шодӣ аз они туст, на аз они ман, бале,
Мо ҳарду меравем аз ин раҳгузар, вале
Ту меравӣ ба ҳуҷлаву ман меравам ба гӯр.

**МЕХОҲАМ АЗ ТУ БИШНАВАМ**

Мехоҳамат суруд бути базлагӯи ман,
Рӯи лабаш шукуфт гули орзуи ман.
Хандид осмону фурӯ рехт офтоб,
Дар дидаи умедам борони равшанӣ,
Ҷушид ашки шодӣ аз ин партавафканӣ.

Бахшид тозагӣ ба гули гулшани шабоб,
Мехоҳамат шунуфтаму пиндоштам, ки ӯст,
Пиндоштам, ки муждаи он субҳи равшан аст,
Пиндоштам, ки нағмаи гумгаштаи ман аст.
Пиндоштам, ки шоҳиди гумноми орзуст,
Хоби фиреб боз зи лолоии умед,
Дар чашми озмоиши ман ошёна сохт.

Боз аз барои бӯсаи дил хоҳишам тапид,
Мехоҳамат шунуфтаму дунболи ин суруд,
Рафтам ба осмони фурӯзандаи хаёл,
Дидам чу бозгаштам аз ин раҳ шикастабол.
Ин нағма, оҳ, нағмаи сози фиреб буд,
Мехоҳамат бигӯву дигарбораам бисӯз.

Дар шуълаи фиреби дами дилнишини хеш,
То нав кунам умеди шикебофарини хеш.
Оре, ту ҳам бигӯ, ки дар ин ҳасратам ҳанӯз,
Поёни ин фасонаи ногуфтаи туро,
Найранги ин шукуфаи нашкуфтаи туро.
Медонаму ҳанӯз зи афсуни орзу,
Дар домани сароби фиребандаи умед.
Дар ҷустуҷӯи мастии ин ҷоми нопадид,
Мехоҳам аз ту бишнавам, эй дилрабо, бигӯ.

**ИШҚИ ГУМШУДА**

Он шаб, ки бӯи зулфи ту бо бӯсаи насим,
Мастона сар ба синаи маҳтоб мегузошт.
Бо хандае, ки рӯи лабат ранг менуҳуфт,
Чашми ту зери сояи мижгон чӣ ноз дошт?

Дар боғи дил шукуфт гули тозаи умед,
К-аз чашмаи нигоҳи ту борони меҳр рехт.

Печид бӯи зулфи ту дар боғи ҷони ман,
Парвона шуд хаёламу бо бӯи гул гурехт.

Он ҷо, ки мечакид зи чашми сиёҳи шаб
Бар гунаи сапеди саҳар ашки вопасин.
В-аз партави шароби шафақ бар ҷабини рӯз,
Гул мешавад мастии хандони оташин.

Он гоҳ ки мешукуфт гули зарди офтоб,
Бар рӯи обгинаи дарёчаи кабуд
В-аз ларзаҳои бӯсаи парвонагони бод,
Мерехт баргу боз гули нав шукуфта буд.

Он ҷо, ки меғунуд чаманзори сабзпӯш,
Дар бистари шукуфаи заррини офтоб
В-аз чанги боду бӯсаи парвонагони маст,
Домони кӯҳ буд чу гесӯ ба печутоб.

Он ҷо, ки меҳри кӯҳнишин масту саргарон,
Бармегирифт аз раҳи шаб домани нигоҳ.
Дар парниёни нозуки маҳтоб мешукуфт,
Нилуфари шаб аз дили истахри шомгоҳ.

Он ҷо, ки мечакид сиришки ситораҳо,
Бар чеҳри нилгун гули шабтоби осмон.
Дар ҷустуҷӯи шабнами лағзандаи шаҳоб,
Маҳтоб мекашид ба рухсори гул забон.

Дар партави нигоҳи хушат шабрави хаёл,
Роҳи биҳишти гумшудаи орзу гирифт.
Чун сояи умед, ки дунболи орзуст,
Дил низ болу пар заду дунболи ӯ гирифт.

Овах, ки дар нигоҳи ту он нӯшханди меҳр,
Чун кавкаби саҳар бидурахшиду ҷон супурд.
Хомӯш шуд ситораи бахти сапеди ман
В-аз нав умеди ғамзада дар синаам фусурд.

Баргаштам аз ту ҳам, ки дар он чашми худписанд,
Он меҳри дилнавоз даме бештар назист.
Баргаштаму даруни дили беумеди ман,
Бар гӯри ишқ гумшуда ёди ту мегирист.

## ОВОЗИ НИГОҲИ ТУ

Мешунавам, мешунавам ошност,
Мусиқии чашми ту дар гӯши ман,
Мавҷи нигоҳи ту ҳамовози ноз
Рехт чу маҳтоб дар оғӯши ман.

Мешунавам, дар нигаҳи гарми туст,
Гумшуда гулбонги биҳишти умед,
Ин ҳама гаштам ману дилхоҳи ман,
Дар нигаҳи гарми ту меорамид.

Замзамаи шеъри нигоҳи туро,
Мешунавам, бо дилу ҷон ошност.
Ашки зулоли ғазали Ҳофиз аст,
Нағмаи мурғони биҳиштинавост.

Мешунавам, дар нигаҳи гарми туст,
Нағмаи он шоҳиди руъёнишин,
Боз зи гулбонги ту сар мекашад,
Шуълаи ин орзуи оташин.

Мусиқии чашми ту гӯётар аст,
Аз лаби пурнолаву овози ман,
Ваҳ, ки ту ҳам гар битавонӣ шунид,
З-ин нигаҳи нағмасаро рози ман.

## ОШНОСӮЗ

Чаро пинҳон кунам? Ишқ асту пайдост,
Дар ин ошуфта андуҳи нигоҳам.
Туро мехоҳам, эй чашми фусунбор,
Ки месӯзӣ ниҳон аз дергоҳам.

Чӣ мехоҳӣ аз ин хомӯшии сард?
Забон бикшо, ки меларзад умедам.
Нигоҳи беқарорам бар лаби туст,
Ки мебахшӣ ба шодиҳо навидам.

Дилам танг асту чашми ҳасратам боз
Чароғе дар шаби торам барафрӯз!
Ба ҷон омад дил аз нози нигоҳат,
Фурӯ рез ин сукути ошносӯз!

## АНДУҲРАНГ

Меравӣ, аммо гурези чашми ваҳширанги ту,
Рози ин андуҳи беором натвонад нуҳуфт.
Меравӣ хомӯшу мепечид ба гӯши хастаам,
Он чӣ бо ман ларзиши лабҳои бе тоби ту гуфт.

Чист, эй дилдор, ин андуҳи беором чист,
К-аз нигоҳат метаровад ноздору шармгин?
Оҳ, меларзад дилам аз нолаи андуҳбор
Кист ин бемор дар чашмат, ки мегиряд ҳазин?

Чун хазоноро гули маҳтоб рӯъёрангу маст,
Мешукуфад дар нигоҳат рози ишқе ношикеб.
В-аз миёни сояҳои ваҳшии андуҳранг,
Ханда мерезад ба чашмат орзуи дилфиреб.

Чун сафои осмон дар субҳи намноки баҳор,
Метаровад аз нигоҳат гиряи пинҳони дӯш.
Оре, эй чашми гурезоҳанги сомонсӯхта,
Бар чӣ гирён гашта будӣ? Оҳ, эй чашми сиёҳ.

Аз тапидан бозмемонад дили хушбоварам,
Дар гумони ин ки шояд шояд он ашки ниҳон,
Буд дар хилватсарои синаат ёдоварам.

## НӮШИ НИГОҲ

Боз во шуд зи чашмаи нӯше
Ҳамчу боронзулоли нозу нигоҳ,
Боз дар ҷоми ҷони ман сар дод,
Ҳамчу маҳтоб бодаи дилхоҳ.

Бозам аз даст мебарад нигаҳе,
Нигаҳе чун шароб мастибахш,
Чӣ нигоҳе, ки ҳамчу бӯи гулоб,
Мешавад дар машоми ҷонам пахш.

Оҳ, менӯшамат чу шираи гул,
Чистӣ, эй нигоҳи нозолуд?
Ту гулобӣ, гулоби шаҳдогин,
Ту шаробӣ, шароби гулолуд.

Чӣ шаробе, к-аз он пиёлаи чашм,
Ҳамчу лағзоб соғари лабрез,
Мечакад хуш ба коми ташнаи ман,
Оташафрӯзу орзуангез.

Оҳ, паймонае дигар, ки ҳанӯз
Мегудозад зи ташнагӣ ҷигарам.
Чӣ шаробӣ ту? Ваҳ, чӣ шӯрангез,
Сар кашидам турову ташнатарам.

## ДАРДИ ГУНГ

Намедонам, чӣ мехоҳам бигӯям?
Забонам дар даҳонам боз бастаст.
Дари танги қафас боз асту афсӯс,
Ки боли мурғи овозам шикастаст.

Намедонам, чӣ мехоҳам бигӯям?
Ғаме дар устухонам мегудозад,

Хаёли ношиноси ошноранг,
Гаҳе месӯзадам, гаҳ менавозад.

Гаҳе дар хотирам меҷӯшад ин ваҳм,
Зи рангомезии ғамҳои анбӯҳ,
Ки дар рагҳом ҷои хун равон аст,
Сияҳдоруи заҳрогини андӯҳ.

Фиғоне гарму хунолуду пурдард,
Фурӯ мепечадам дар синаи танг.
Чу фарёди яке девонаи гунг,
Ки мекӯбад сари шӯрида бар санг.

Сиришке талху шӯр аз чашмаи дил,
Ниҳон дар сина меҷӯшад шабу рӯз.
Чунон мори гирифторе, ки резад,
Шаранги хашмаш аз неши ҷигарсӯз.

Парешон сояе ошуфтаоҳанг,
Зи мағзам метаровад геҷу гумроҳ,
Чу рӯҳи хобгарде моту мадҳуш,
Ки бе сомон ба раҳ афтад шабонгоҳ.

Даруни синаам дардест хунбор,
Ки ҳамчун гиря мегирад гулӯям,
Ғаме, ошуфтадарде гиряолуд
Намедонам, чӣ мехоҳам бигӯям?

## АНДУҲ

Хаставу ғамзада бо замзамаи ҳузнолуд,
Шаб фурӯ мехазад аз боми кабуд.
Тозабанд омада борону насиме намнок,
Метаровад зи дили сарди шабонгоҳ хамӯш.
Шамъи афсурдаи моҳ аз паси он абри сиёҳ,
Гоҳ механдаду метобад аз андуҳе сард,
Хандае ғамзада чун хандаи дард,
Тобише хаставу берангу табоҳ.
Чун нигоҳе, ки дар он мавҷ занад сояи марг,
Сӯзнок аз дили вайрони дарахтони хамӯш,
Мерасад гоҳ яке нағмаи ошуфта ба гӯш.
Нағмае гумшуда аз синаи ное мавҳум,
Бонге овораву шум.

Мекашад мурғи шабоҳанг хурӯш,
Меравад абру яке сояи анбуҳи хамӯш.
Нарму хомӯш фурӯ мехазад аз гӯшаи бом,
Оҳ, дардест дар он ахтари ларзанда, ки гоҳ
Кӯрсӯ мезанаду мешавад аз дида ниҳон.

В-аз ниҳеби нафаси тираи шом,
Мекашад мурғи шабоҳанг фиғон,
Оҳ, эй мурғи шабоҳанг хамӯш,
Бас кун ин бонгу хурӯш.
Бишкан ин нолаи пурсӯзу гудоз,
Бишкан ин нола, ки он мояи ноз,
Тоза рафтаст ба хоб.
Оре, эй мурғаки андуҳпараст,
Бас кун ин шӯру шитоб,
Бас кун ин замзама, ӯ бемор аст!

## БАР САНГИ ЧАШМИ Ӯ

Бар сари гӯре, ки рӯзе буд оташгоҳи ишқи ман
В-аз лаҳиби орзуе равшану хуштоб,
Шуъла меафрошт
В-инак аз хокистаре пӯшида,
К-аз вай чуз хомӯшӣ чашм натвон дошт.
Мечакад ашки нигоҳам талх,
Мечакад ашки нигоҳам низ дар он ҷоми заҳрогин,
К-аз шаранги бӯса лабрез аст
В-аз фусуне тоза мехонад маро ҳар дам, ки
Боз о, ин чӣ парҳез аст?

В-аз ниҳеби гӯри сарди чашми ӯ,
К-андар он ҳар гуна уммеде фурӯ мурдаст,
Пой вопас мениҳам,
Бениёзи бӯсае пуршӯр,
К-аз фиребе тоза мерақсад дар он лабханд,
Бе ниёз аз хандае дилбанд.
К-аз фусуне тоза меҷӯшад дар он овоз,
Мечакад ашки нигоҳам боз,
Бар сари гӯре, ки рӯзе буд оташгоҳи ишқи ман
В-инак аз хокистари андуҳ пӯшидаст.

Дар миёни ин хамӯшободи беҳосил,
Дар сукути чираи ин шоми бефарҷом.
Мечакад ашки нигоҳам бар мазори дил,
Месарояд қиссаи дарди маро бо санг.
Чашми ӯ
Бо ғаме, к-андар дилам зад чанг
В-аз палоси ҳастиам бигсехт тору пуд,
Меравам, мегӯямаш бидрӯд.
В-аз нигоҳи хаставу пажмурда чун маҳтоби поизи малолангез,
Мегузорам бар мазори орзуҳоям гуле вайрон,
Ёдгори он умеди гумшуда, он ишқи ёдовез.

## ПАРДА АФТОД

Парда афтод,
Саҳна хомӯш,
Осмону замин монда мадҳуш,
Нақшҳо, рангҳо чун маҳу дуд,
Рафта барбод,
Монда дар пардаи гӯш,
Рақси хомӯши фарёд.

Парда афтод,
Саҳна хомӯш
В-аз шигифти ин рангу найранг,
Ханда ях баста бар лаб,
Гиря хушкида дар чашм.

Парда афтод,
Саҳна хомӯш
В-он намоиш,
Ки ҳамчун фиребанда хобе шигифт,
Дил аз ман ҳамебурд поён гирифт.

Ва ман,
Ки бозигари моти ин саҳна будам,
Чу марди фусунбастаи хоббанд,
Ки чашм аз шикасти фусун баркушояд,
Ба ҷои тамошогарон ёфтам хешро.

Шигифто!
Киро бахти он додаанд,
Тамошогари бозии хеш бошад?
В-аз ин гуна чун ман тарошад,
Фиреби дили хештанро,
Ки охир раги ҷон харошад.

Бале,
Парда афтоду поён гирифт,
Фусункории ин шаби бедиранг
Ва ман дар шигифт,
Ки чун кӯдакон,
Бихандам бар ин хоби афсонаранг?
Ва ё дар нуҳуфти дили танги хеш,
Бигирям ба андуҳи ин саргузашт?

## ОЗОД

Духтаре хобида дар маҳтоб,
Чун гули нилуфаре бар об,
Хоб мебинад,
Хоб мебинад, ки бемор аст дилдораш
В-ин сияҳруъё шикеб аз чашми беморaш.
Боз мечинад,

Менишинад хастадил дар домани маҳтоб,
Чун шикаста бодбони завраќе бар об.
Мекунад андеша бо худ,
Аз чӣ кӯшидам ба озораш?
В-аз пушаймонӣ саркаше гарм,
Медурахшад дар нигоҳи чашми бедораш,
Рӯзи дигар,
Боз чун дилдода мемонад ба роҳи ӯ,
Рӯй метобад зи дидораш.
Мегурезад аз нигоҳи ӯ,
Боз мекӯшад ба озораш.

## ШАБГИР

Дигар ин панҷара бикшой, ки ман
Ба сутӯҳ омадам аз ин шаби танг.
Дергоҳест, ки дар хонаи ҳамсояи ман хонда хурӯс
В-ин шаби талхи абӯс.
Мефишорад ба дилам пои диранг.

Дергоҳест, ки ман дар дили ин шоми сиёҳ,
Пушти ин панҷара бедору хамӯш,
Мондаам чашм ба роҳ,
Ҳама чашму ҳама гӯш,
Масти он бонги диловез, ки меояд нарм,
Маҳви он ахтари шабтоб, ки месӯзад гарм.
Моти ин пардаи шабгир, ки мебозад ранг.

Оре, ин панҷара бикшой, ки субҳ,
Медурахшад паси ин пардаи тор,
Мерасад аз дили хунини саҳар бонги хурӯс,
В-аз рухи ойинаам месутурад занги фусӯс.
Бӯсаи меҳр, ки дар чашми ман афшонда шарор,
Хандаи рӯз, ки бо ашки ман омехта ранг.

## ЭЙ ФАРДО

Мехонаму меситоямат пуршӯр,
Эй пардаи дилфиреби руъёранг,
Мебӯсамат, эй сапедаи гулгун,
Эй фардо, эй умеди бе найранг.

Дерест, ки ман  паи ту мепӯям,
Ҳар сӯ, ки нигоҳ мекунам, овах,
Ғарқ аст дар ашку хуни нигоҳи ман,
Ҳар гом, ки пеш меравам барпост,
Сарнайзаи хунфишон ба роҳи ман.

В-ин роҳ ягона роҳи бебаргашт,
Раҳ меситарем ҳамраҳи уммед,,

Огоҳ зи ранҷу ошно бо дард,
Як мард агар ба хок меафтад,
Бармехезад ба ҷои ӯ сад мард.

Ин аст, ки корвон намемонад,
Оре, зи даруни ин шаби торик,
Эй фардо, ман сӯи ту меронам,
Ранҷ асту диранг нест, метозам,
Марг асту шикаст нест, медонам.

Обистани фатҳи мост ин пайкор,
Медонамат, эй сапедаи наздик,
Эй чашмаи тобноки ҷонафрӯз,
К-аз ин шаби шумбахти бадфарҷом,
Бармеоӣ шукуфтаву пирӯз.

В-аз омадани ту зиндагӣ хандон,
Меойиву бар лаби ту сад лабханд,
Меойиву дар дили ту сад уммед,
Меойиву аз фурӯғи шодиҳо,
Тобанда ба домони ту сад хуршед.

Дар синаи гарми туст, эй фардо,
Дармони умедҳои ғамфарсуд,
Дар домани поки туст, эй фардо,
Поёни шиканҷаҳои хунолуд,
Эй фардо, эй умеди бе найранг.

## МЕҲРГОНИ НАВ

Бикушоем кафтаронро бол,
Бифрӯзем шуъла бар сари кӯҳ.
Бисароем шодмона суруд
В-ин чунин бо ҳазор гуна шукӯҳ.
Меҳргонро ба пеш боз равем,
Рақси хушпечутоби парчамҳо.
Зери парвози кафтарони сапед,
Шодии орамида гоми сипеҳр,
Хандаи навшукуфтаи хуршед,
Меҳргонро дуруд мегӯянд.
Гарм ҳар кор, маст ҳар пиндор,
Ҳамраҳи ҳар паёми ҳар савганд,
Дар дили ҳар нигоҳи ҳар овоз,
Туе ҳар бӯса, рӯи ҳар лабханд,
Бисароем:
Меҳргон хуш бод!

## ДИД

Кӯдаки ман - кӯдаки мискин,
Аз барои ту,
Дардҳои кӯр,
Чашм мепояд.
Дар шикеби интизори солҳои дур
В-инак ин ҷо ман,
Бо талоши тоқати ранҷозмои хеш,
Чашм мепоям барои ту,
Шодии фардои хандонро,
Кӯдаки ман - кӯдаки ширин.

## ДУХТАРИ ХУРШЕД

Дар нуҳуфти пардаи шаб,
Духтари хуршед,
Нарм мебофад,
Домани раққосаи субҳи тилоиро
В-аз ниҳонгоҳи сиёҳи хеш,
Месарояд мурғи маргандеш:
Чеҳрапардози саҳар мурдаст,
Чашмаи хуршед афсурдаст.
Медавонад дар раги шаб,
Хуни сарди ин фиреби шум
В-аз нуҳуфти пардаи шаб духтари хуршед,
Ҳамчунон оҳиста мебофад,
Домани раққосаи субҳи тилоиро.

## СУЛҲ

Ҷунбиши гаҳвора,
Нағмаи лолоӣ,
Резиши чашмаи шир,
Ба лаби ғунчаи тар,
Пар-пари парвона,
Ҷик-ҷики гунҷишк,
Тобиши чашмшинохт,
Тапиши хоҳиши гунг,
Нигаҳи шавқу шикеб,
Бӯсаи ишқу шитоб,
Хандаи дилкаши гулҳои сапед,
Бар смри зулфи арӯс,
Ҷунбиши гаҳвора,
Нағмаи лолоӣ...

## ШОЯД

Дар бикшоед,
Шамъ биёред,
Ӯд бисӯзед,
Парда ба як сӯ занед аз рухи маҳтоб,

Шояд
Ин аз ғубори роҳ расида,
Он сафари ҳамнишини гумшуда бошад.

## ҒУРУБ

Дарахте пир,
Шикаста, хушк, танҳо, гум,
Нишаста дар сукути ваҳмноки дашт,
Нигоҳаш дур,
Фусурда дар ғуруби мурдаи дилгир
Ва ҳангоме ки бармегашт,
Калоғе хаста сӯи ошёни хеш,
Ғамовар бар сари он шохаҳои хушк,
Фурӯғи вопасини хандаи хуршед,
Шуд хомӯш.

## НУҚУС

Бонги ноқус дар дилам бархост,
Ман саросемавору хоболуд,
Ҷастам аз ҷо,
Чӣ буд?
Оҳ, чӣ буд?
Рӯзи шодист?
Ё навои азост?
Ҳеч кас лаб ба посухам накшуд,
Бод ҷунбиду кушта шуд фонӯс,
Шаб гаронбору тира чун кобӯс.
Бонги ноқус дар дилам бархост,
Оҳ, мепурсам аз худ,
Ин чӣ навост?
Аз барои кӣ мезанад ноқус?

## КОБУС

Мепарад нили шаб аз хокистари сарди саҳар
В-аз нуҳуфти ин маҳолуди абӯс.
Метаровад субҳи ранговар,
Вопасин фарёди мурғи ҳақ,
Мечакад бо лахтаҳои хун,
Рӯи хокистар
В-аз ҳароси рӯзи дигаргун,
Метапад чун чашмаи симоб,
Чашми ҳар ахтар.
Рӯи ҳар девор,
Истода сояе чун ваҳшати кобӯс,
Кӯру кингустар.
В-аз садои пои ҳар обир,
Дар кисвати пурҳароси хеш меларзанд,

Сояҳои шуми хавфовар,
Дар ҳамин ҳангом,
Аз сипеҳри нилии зартор,
Метаровад субҳи озаргун,
Зери пои марди чакмапӯш,
Чӯбаҳои дор мерӯяд,
Мешукуфад хун.

## БАР САВОДИ САНГФАРШИ РОҲ

Бо тамоми хашми хеш,
Бо тамоми нафрати девонавори хеш,
Мекашам фарёд:
Эй ҷаллод!
Нангат бод!
Оҳ, ҳангоме ки як инсон,
Мекушад инсони дигарро,
Мекушад дар хештан инсон буданро.
Бишнав, эй ҷаллод!
Мерасад охир,
Рӯзи дигаргун,
Рӯзи кайфар,
Рӯзи кинхоҳӣ,
Рӯзи бор овардани ин шӯразори хун.
Зери ин борони хунин,
Сабз хоҳад гашт базри кин.
В-ин кавири хушк,
Борвар хоҳад шуд аз гулҳои нафрин,
Оҳ, ҳангоме ки хун аз хашми саркаш,
Дар танӯри қалбҳо мегирад оташ,
Барқи сарнайза чӣ ноқис аст
Ва хурӯши халқ
Ҳангоме ки мепечад,
Чун танини раъд аз офоқ то офоқ,
Чӣ диловез аст.
Бишнав, эй ҷаллод!
Мехурӯшад хашм дар шайпур,
Мекӯбад ғазаб бар табл,
Ҳар тараф сар мекашад исён.
Ва даруни бистари хунини хашми халқ,
Зода мешавад тӯфон.
Бишнав, эй ҷаллод!
Ва мапӯшон чеҳра бо дастони хунолуд,
Мешиносандат ба сад нақшу нишони мардум,
Медурахшад зери барқи чакмаҳои ту,
Лаккаҳои хуни домангир.
Ва ба кӯҳу дашт печидаст,
Номи нангини ту бо ҳар мурдабоди халқи кайфархоҳ
Ва ба ҷо мондааст аз хуни шаҳидон,
Бар саводи сангфарши роҳ,
Нақши як фарёд:

Эй ҷаллод!
Нангат бод!

## НИЛУФАР

Эй кадомин шаб,
Як нафас бикшой,
Ҷангали анбуҳи мижгони сиёҳатро,
То билағзад бар булӯри биркаи чашми кабуди ту.
Пайкари маҳтобгуни духтаре, к-аз дур
Бо нигоҳи хеш меҷӯяд,
Бӯсаи ширини рӯзе офтобиро.
Аз навозишҳои гарми дастҳои ман,
Духтари нилуфарин шабранги маҳтобӣ,
Метапад бетоб дар хоби ҳавасноки умеди хеш,
Пой то сар як ҳавас оғӯш
Ва танаш лағзону бор меҷӯяд.
Чун маҳи печон ба рӯи дараҳои хоболуди сапедадам,
Бистарамро то билағзад аз талаб саршор,
Ҳамчу мавҷи бӯсаи маҳтоб,
Рӯи гандумзор.
То бинӯшад дар навозишҳои гарми дастҳои ман,
Шабнами як ишқи ваҳширо,
Эй кадомин шаб,
Як нафас бикшой сиёҳатро.

## ДЕВОР

Пушти ин кӯҳи баланд,
Лаби дарёи кабуд,
Духтаре буд, ки ман
Сахт мехостамаш.
Ва ту гӯӣ, ки Голӣ,
Офарида шуда буд,
Ки манаш дӯст бидорам пуршӯр
Ва маро дӯст бидорад ширин
Ва шумо медонед,
Оҳ, эй ахтаракони ширин.
Ва шумо медонед,
Оҳ, эй ахтаракони хомӯш,
Ки чӣ хушдил будем,
Ману ӯ масти шакархоб будем.
Ва чӣ хушбахтии пок,
Дар нигоҳи ману ӯ механдид.
В-инак, эй духтаракони ғаммоз,
Гар на лоледу на гунг,
Бикушоед забон.
Ва бигӯед, ки аз як буҳтон,
Чун шуд ин чашми ғуборолуда,
Ва миёни ману ӯ,

Инак, ин дашти бузург,
Инак, ин роҳи дароз,
Инак, ин кӯҳи баланд...

## МАРГИ ДИГАР

Марг дар ҳар ҳолате талх аст,
Аммо ман,
Дӯсттар дорам, ки чун аз раҳ дарояд марг,
Дар шабе ором чун шамъе шавам хомӯш.
Лек марги дигаре ҳам ҳаст,
Дарднок, аммо шигарфу саркашу мағрур,
Марги мардон, марг дар майдон.
Бо тапиданҳои таблу шевани шайпур,
Бо сафири тиру барқи ташнаи шамшер,
Ғарқа дар хунпайкаре афтода дар зери суми асбон.
Ваҳ, чӣ ширин аст,
Ранҷ бурдан,
По фушурдан,
Дар раҳи як орзу мардона мурдан.
В-андар умеди бузурги хеш,
Бо суруди зиндагӣ бар лаб,
Ҷон супурдан.
Оҳ, агар бояд,
Зиндагониро ба хуни хеш ранги орзу бахшид,
Ва ба хуни хеш нақши  сурати дилхоҳ зад бар пардаи уммед,
Ман ба ҷону дил пазиро мешавам ин марги хунинро.

## ЭҲСОС

Бистарам
Садафи холии як танҳоист
Ва ту чун марворид,
Гардановези касони дигарӣ.

## КОРВОН

Дер аст, Голиё,
Дар гӯши ман фасонаи дилдодагӣ махон!
Дигар зи ман таронаи шӯридагӣ махоҳ!
Дер аст, Голиё.
Ба раҳ афтод корвон.

Ишқи ману ту?
Оҳ!
Ин ҳам ҳикоятест,
Аммо дар ин замона, ки дармонда ҳар касе,
Аз баҳри нони шаб,
Дигар барои ишқу ҳикоят маҷол нест.

Шоду шукуфта дар шаби ҷашни таваллудат,
Ту бист шамъ хоҳӣ афрӯхт тобнок.
Имшаб ҳазор духтари ҳамсоли ту,
Вале
Хобидаанд гурснаву лухт рӯи хок.

Зебост рақсу нози сарангуштҳои ту,
Бар пардаҳои соз,
Аммо ҳазор духтари бофанда ин замон,
Бо чирку хуни захми сарангуштҳояшон,
Ҷон мекананд дар қафаси танги коргоҳ.
Аз баҳри дастмузди ҳақире, ки беш аз он
Партоб мекунӣ ту ба домони як гадо.

В-ин фарши ҳафтранг, ки помоли рақси туст,
Аз хуну зиндагонии инсон гирифта ранг.
Дар тору пуди ҳар хату холаш ҳазор ранг,
Дар обу ранги ҳар гулу баргаш ҳазор нанг.

Ин ҷо ба хок хуфта ҳазор орзуи пок,
Ин ҷо ба ёд рафта ҳазор оташи ҷавон.
Дасти ҳазор кӯдаки ширини бегуноҳ,
Чашми ҳазор духтари бемори нотавон.

Дер аст, Голиё,
Ҳангоми бӯсаву ғазали ошиқона нест,
Ҳар чиз ранги оташу хун дорад ин замон,
Ҳангомаи раҳоии лабҳою дастҳост,
Исёни зиндагист.

Дар рӯи ман маханд,
Ширинии нигоҳи ту бар ман ҳаром бод!
Бар ман ҳаром бод аз ин пас шаробу ишқ,
Бар ман ҳаром бод тапишҳои қалби шод!

Ёрони ман ба банд,
Дар дахмаҳои тираву намноки Боғшоҳ,
Дар узлати табовари таъбидгоҳи Хорк,
Дар ҳар канору гӯшаи ин дӯзахи сиёҳ.

Зуд аст, Голиё!
Дар гӯши ман ҷасонаи дилдодагӣ махон!
Акнун зи ман таронаи шӯридагӣ махоҳ!
Зуд аст, Голиё!
Нарасидаст корвон.

Рӯзе, ки бозувони булӯрини субҳдам,
Бардошт теғу пардаи торики шаб шикофт.
Рӯзе, ки офтоб
Аз ҳар дарича тофт.

Рӯзе, ки гунаву лаби ёрони ҳамнабард,
Ранги нишоту хандаи гумгашта бозёфт.

Ман низ боз хоҳам гардид он замон,
Сӯи таронаҳову ғазалҳову бӯсаҳо,
Сӯи баҳорҳои дилангези гулфишон,
Сӯи ту, ишқи ман!

**МАРҶОН**

Сангест зери об,
Дар гӯди шаб гирифта дарёи нилгун,
Танҳо нишаста дар таги он гӯри саҳмнок,
Хомӯш монда дар дили он сардию сакун.

Ӯ бо сукути хеш
Аз ёд рафтаест дар он дахмаи сиёҳ,
Ҳаргиз ба ӯ натофта хуршеди нимрӯз,
Ҳаргиз ба ӯ натофта маҳтоби шомгоҳ.

Бисёр шаб, ки нола баровarду кас набуд,
К-он нола бишнавад,
Бисёр шаб, ки ашк барафшонду ёва гашт,
Дар гӯди он кабуд.

Сангест зери об, вале он шикастасанг,
Зиндаст, метапад ба умеде дар он нуҳуфт.
Дил буд, агар ба синаи дилдор менишаст,
Гул буд, агар ба сояи хуршед мешукуфт.

**ЗАМИН**

З-ин пеш шоирони санохон, ки чашмашон
Дар саъду наҳси толеъу сайриситора буд.
Бас нуктаҳои нағзу суханҳои пурнигор,
Гуфтанд дар ситоиши ин гунбади кабуд.

Аммо замин, ки бештар аз ҳар чӣ дар ҷаҳон,
Шоистаи ситоишу такрими одамист.
Гумному ношинохтаву бе сипос монд,
Имрӯз ин манам, ки ситоишгари туам,
Аз туст решаву рагу хуну хурӯши ман,
Фарзанди ҳақгузори туву шокири туам.

Бас рӯзгор гашту баҳору хазон гузашт,
Ту мондию кушодагии бекаронаат.
Тӯфони Нӯҳ ҳам натавонист шуъла кишт,
Аз оташи гудохтаи ҷовидонаат.

Ҳар паҳлавон ба хок расидаст гурдааш,
Ғайр аз ту, эй замин, ки дар ин саҳнаи ситез.
Мондӣ ба ҷои хеш,
Пайваста зўрманду гаронсангу устувор,
Фарзанди бадсиголе агар чун ҳаромиён
Бе ҳурмати ту тохт,
Ҳаргиз тиҳӣ нашуд дилат аз меҳри модарӣ,
Бо ҷумла носипосии фарзанди бешинохт.

Оре, замин ситоишу такримро сазост,
Аз ўст ҳар чӣ ҳаст дар ин паҳнборгоҳ,
Парвардагони домону гаҳвораи ваянд,
Сухроби паҳлавону Сулаймони подшоҳ.

Эй бас, ки тозиёнаи хунини барқу бод,
Печида дарднок,
Бар гурдаи замин,
Эй бас, ки сели лаб ба каф овардаи абўс,
Ҷўшида саҳмнок бар ин хоки саҳмгин.

З-он гуна маргбор, ки пиндоштӣ, дареғ,
Дигар замини ҳамеша тиҳимонда аз ҳаёт,
Аммо замин ҳамеша ҳамон гуна сахтпушт,
Берун кашида тан,
Аз зери ҳар бало,
В-оғўши бозкарда ба лабханди офтоб.

Заррину пурсаховату сарсабзу дилкушо,
Бигзор, чун замин,
Ман бигзаронам ин шаби тўфонгирифтаро,
Он гаҳ ба нўшханди гуҳарбори офтоб,
Пеши ту густарам ҳама ганҷи нуҳуфтаро.

## ЗИНДАГИНОМА

Ёдҳо анбуҳ шуд,
Дар сари пурсаргузашт,
Ҷуз танини хастаи афсўс нест,
Рафтаҳоро бозгашт.

## ДЕБОЧАИ ХУН

На, ҳаросе нест,
Ман ҳазорон бор,
Тирборон шудаам
Ва ҳазорон бор
Дили зебои маро аз дор овехтаанд.
Ва ҳазорон бор
Бо шаҳидони тамоми торих,
Хуни ҷўшони маро

Ба замин рехтаанд.
Саргузашти дили ман,
Зиндагиномаи инсон аст,
Ки лабаш дӯхтаанд,
Зиндааш сӯхтаанд
Ва ба дораш задаанд.
Оҳ, эй Бобаки Хуррамдин,
Ту Лумумборо медидӣ
Ва Лумумбо медид.
Марги хунини маро дар Бӯливӣ.
Рози сарсабзии Ҳаллоҷ ин аст:
Реша дар хун шустан,
Боз аз хун растан.
Дар Ветном ҳазорон бор,
Зери теғи ҷаллод
Захм бардоштаам.
В-андар он оташу хун,
Боз чун парчами фатҳ,
Қомат афроштаам.
Оҳ, эй озодӣ,
Дергоҳест, ки аз Индунезӣ то Шилӣ,
Хоки ин дашти ҷигарсӯхта бо хуни ту меомезад,
Дергоҳест, ки аз пайкари маҷруҳи Фаластин шабу рӯз,
Хун фурӯ мерезад
Ва ҳанӯз аз Лубнон,
Дуд бармехезад.
Солҳо пеш маро бо кайвон куштанд,
Шоҳ ҳаррӯз маро мекушт.
Ва ҳанӯз
Дасти шоҳона дароз аст паи куштани ман,
Ҳам аз он даст палид аст, ки дар Хузистон,
Дар Ҳавеза Бастони Сусангард,
Инчунин дар хун оғушта шудам.
Ва ҳамин имрӯз бо мусалмонҷавоне, ки хати пушти лабаш,
Тоза сабзӣ мезад кушта шудам,
На, ҳаросе нест,
Хуни мо роҳи дарози башариятро гулгун кардаст.
Дасти торих зафарномаи инсонро,
Зеби дебочаи хун кардаст.
Оре, аз марг ҳаросе нест,
Марг дар майдони ин орзуи ҳар мард аст.
Ман дилам аз душманком шудан месӯзад,
Марг бо дашнаи дӯст?
Дӯстон, ин дард аст,
На, ҳаросе нест.
Пеши мо содатарин масъала марг аст,
Марги мо саҳлтар аз кандани як барг аст.
Ман ба ин боғ меандешам,
Ки яке пушти дараш бо табари тез камин кардааст.
Дӯстон, гӯш кунед,
Марги ман - марги шумост,

Магузоред шуморо бикушанд,
Магузоред, ки ман бори дигар,
Дар шумо кушта шавам.

## ОҲ, ОЙИНА

Ӯро зи гесӯвони баландаш шинохтанд,
Эй хок, ин ҳамон тани пок аст?
Ин сон ҳамин хулосаи хок аст?
Вақте ки шона мезад,
Анбуҳи гесӯвони баландашро,
То дурдасти ойина меронд,
Андешаи хаёлписандашро.
Ӯ бо саломи субҳ,
Хандон гуле зи ойина мечид.
Дасте ба гесӯвонаш мебурд,
Шабро канор мезад.
Хуршедро дар ойина медид,
Андешаи баромадани рӯз,
Бороне аз ситора фурӯ мерехт.
Дар осмони чашми ҷавонаш,
Он гоҳ он табассуми ширин,
Дар мекушуд бар рухи ойина,
Аз боғи офтобии ҷонаш,
Дуздони кӯри ойина, афсӯс,
Он чашми меҳрубонро
Аз остони субҳ рабуданд.
Оҳ, эй баҳори сӯхта,
Хокистари ҷавонӣ,
Тасвири баркашидаи ойинаи тиҳӣ,
Бо ёди гесӯвони баландат,
Ойина дар ғубори саҳар оҳ мекашад,
Мурғони боғ беҳуда хонданд,
Ҳангоми гул набуд.

## АРҒУВОН

Арғувон-шохаи ҳамхуни ҷудомондаи ман,
Осмони ту чӣ ранг аст имрӯз?
Офтобист ҳаво?
Ё гирифтаст ҳанӯз?
Ман дар ин гӯша, ки аз дунё берун аст,
Офтобе ба сарам нест,
Аз баҳорон хабарам нест,
Он чӣ мебинам девор аст.

Оҳ,
Ин сахти сиёҳ,
Ончунон наздик аст,
Ки чу бармекашам аз сина нафас,

Нафасамро бармегардонад.
Раҳ чунон баста, ки  парвози нигаҳ,
Дар ҳамин як қадаме мемонад.

Кӯр сӯе зи чароғе ранҷур,
Қиссапардози шаби зулмонист.
Нафасам мегирад,
Ки ҳаво ҳам ин ҷо зиндонист.

Ҳар чӣ бо ман ин ҷост,
Ранги рух бохтааст.
Офтобе ҳаргиз,
Гӯшаи чашме ҳам,
Бар фаромӯшии ин дахма наяндохтааст.

Андар ин гӯшаи хомӯши фаромӯшшуда,
К-аз дами сардаш ҳар шамъе хомӯш шуда.
Ёди рангине дар хотири ман,
Гиря меангезад:
Арғувонам он ҷост,
Арғувонам танҳост.

Арғувонам дорд мегиряд,
Чун дили ман, ки чунин хунолуд,
Ҳар дам аз дида фурӯ мерезад.
Арғувон,
Ин чӣ розест, ки ҳар сол баҳор,
Бо азои дили мо меояд?
Ки замин ҳар сол аз хуни парастуҳо рангин аст
В-ин чунин бар ҷигари сӯхтагон,
Доғ бар доғ меафзояд?

Арғувон панҷаи хунини замин,
Домани субҳ бигир
В-аз саворони хиромандаи хуршед бипурс,
Кай ба ин дарди ғам мегузаранд?
Арғувон—хӯшаи хун,
Бомдодон, ки кабӯтарҳо,
Бар лаби панҷарае боз саҳар ғулғула меоғозанд,
Ҷон гули ранги маро,
Бар сари даст бигир,
Ба тамошогаҳи парвоз бибар.

Оҳ,
Биштоб, ки ҳампарвозон,
Нигарони ғами ҳампарвозанд.
Арғувон- байрақи гулгуни баҳор,
Ту барафрошта бош!
Шеъри хунбори манӣ,

Ёди рангини рафиқонамро,
Бар забон дошта бош!

Ту бихон нағмаи нохондаи ман,
Арғувон-шохаи ҳамхуни ҷудомондаи ман.

## ТАСВИР

Хонаи холии танҳоӣ,
Мисли ойина бе тасвир,
Дар шаби танги шикебоӣ,
Аксе овехта бар девор,
Мисли ёде сабз,
Монда дар зеҳни шаби поиз,
Духтаре
Гардан афрошта бо бораш гесӯи баланд.
Писаре
Дар нигоҳаш ғами хомӯши падар.
Ва зане раъно, аммо дур
Дар шаби танги шикебоӣ марде танҳо,
Мисли ойина бе тасвир,
Холӣ хонаи танҳоӣ.
Сояи хомӯш,
Дар шаби танҳоӣ мегиряд.
Оҳ, ҳаргиз сад акс,
Пур нахоҳад кард,
Ҷои як замзамаи сокити поро бар фарш,
Ин ки ҳамроҳи ту мегиряд ойинааст,
Ту ҳамин чеҳраи танҳоӣ.

## ПАНДИ РӮДАКӢ

Гуфтам: Агар падар натавонист, ё нахост,
Ҳамвор кард хоҳам гетиро.
Фарзанди ман ба уҷби ҷавонӣ ту ин магӯй,
Ман хостам, вале натавонистам,
То худ чӣ хоҳиву чӣ тавонӣ?

## ШОИР

Шабе...
Кадом шаб?
Шабе...
Ситорае даҳон кушуд.
Чӣ гуфт?
Нагуфт аз лабаш чакид.
Сухан чакид?
Сухан на, ашк,
Ситора мегирист,
Ситораи кадом Каҳкашон?

Ситорае, ки Каҳкашон надошт,
Сапедадам, ки хок
Дар интизори рӯзи хуррам аст,
Ситорае, ки дар ғами шабонааш ғуруб кард,
Нуҳуфта дар нигоҳи шабнам аст.

## ЗИНДАГӢ

Чӣ фикр мекунӣ,
Ки бодбони шикастазавраҷи ба гил нишастаест зиндагӣ?
Дар ин хароб рехта,
Ки ранги офият аз ӯ гурехта.
Ба бун расида роҳи бастаест зиндагӣ.
Чӣ саҳмнок буд сели ҳодиса,
Ки ҳамчу аждаҳо даҳон кушуд,
Замину осмон зи ҳам гусехт,
Ситора хӯша-хӯша рехт.
Ва офтоб дар кабуддараҳои об ғарқ шуд,
Ҳаво бад аст,
Ту бо кадом бод меравӣ?
Чӣ абри тирае гирифта синаи туро,
Ки бо ҳазор сол бораш шабонарӯз ҳам дили ту во намешавад,
Ту аз ҳазораҳои дур омадӣ,
Дар ин дарознои хунфишон,
Ба ҳар қадам нишони нақши пои туст.
Дар ин дуруштноки девлох,
Зи ҳар тараф танини гомҳои раҳкушои туст.
Баланду паст ин кушода домгоҳи нангу ном,
Ба хун навишта номаи вафои туст.
Ба гӯши Бесутун ҳанӯз,
Садои тешаҳои туст.
Чӣ тозиёнаҳо, ки бо тани ту тоби ишқ озмуд,
Чӣ дорҳо, ки аз ту гузашт сарбаланд.
Зиҳӣ шукуҳи қомати баланди ишқ,
Ки устувор монд дар ҳуҷуми ҳар газанд.
Нигоҳи ман
Ҳанӯз он баланди дур,
Он сапеда, он шукуфазори инфиҷори нур,
Каҳрабои орзуст,
Сапедае, ки ҷони одамӣ ҳамора дар ҳавои ӯст.
Ба бӯи як нафас дар он зулол дам задан,
Сазад агар ҳазор бор,
Биафтӣ аз нишеби роҳу боз,
Рӯ ниҳӣ бад-он фароз,
Чӣ фикр мекунӣ?
Ҷаҳон чу обгинаи шикастаест,
Ки сарви рост ҳам дар ӯ шикаста менамоядат,
Чунон нишаста кӯҳ дар камини дараҳои ин ғуруби танг,
Замони бекаронаро
Ту бо шумори гоми умри мо масанҷ,
Ба пои ӯ дамест ин диранги дард,

Ва ранҷ
Ба сони рӯд,
Ки дар нишеби дара сар ба санг мезанад,
Раванда бош!
Умеди ҳеч муъҷизе зи мурда нест,
Зинда бош!

## ТОСЁН

Хона дилтанг, ғурубе хафа буд,
Мисли имрӯз, ки танг аст дилам,
Падарам гуфт: Чароғ
Ва шаб аз шаб пур шуд.
Ман ба худ гуфтам:
Як рӯз гузашт,
Модарам оҳ кашид,
Зуд бархоҳад гашт.
Абре оҳиста ба чашмам лағзид
Ва сипас хобам бурд,
Кӣ гумон дошт, ки ҳаст ин ҳама дард,
Дар камини дили он кӯдаки хурд?
Оре, он рӯз чу мерафт касе,
Доштам омаданашро бовар.
Ман намедонистам,
Маънии ҳаргизро,
Ту чаро бознагаштӣ дигар?
Оҳ, эй вожаи шум,
Хӯ накардаст дилам бо ту ҳанӯз,
Ман пас аз ин ҳама сол,
Чашм дорам дар роҳ,
Ки биёянд азизонам, оҳ!

## БӮСА

Гуфтамаш:
Ширинтарин овоз чист?
Чашми ғамгинаш ба рӯям хира монд,
Қатра-қатра ашкаш аз мижгон чакид,
Ларза афтодаш ба гесӯи баланд.
Зери лаб ғамнок хонд:
Нолаи занҷирҳо бар дасти ман.

Гуфтамаш:
Он гаҳ ки аз ҳам бигсаланд.
Хандаи талхе ба лаб оварду гуфт:
Орзуе дилкаш аст, аммо дареғ,
Бахти шӯрам раҳ бар ин уммед баст.
В-он тилои завраҳи хуршедро,
Сахраҳои соҳили мағриб шикаст.

Ман ба худ ларзидам аз дарде, ки талх
Дар дили ман бо дили ӯ мегирист.

Гуфтамаш:
Бингар дар ин дарёи кӯр,
Чашми ҳар ахтар чароғи завраҷест,
Лекин ин шаб низ дарёест жарф,
Эй дареғо, шабравон, к-аз нимароҳ,
Мекашад афсуни шаб дар хобашон.

Гуфтамаш:
Фонӯси моҳ,
Медиҳад аз чашми бедоре нишон
Гуфт:
Аммо дар шабе ин гуна гунг,
Ҳеч овое намеояд ба гӯш.

Гуфтамаш:
Аммо дили ман метапад,
Гӯш кун, инак садои пои дӯст,
Гуфт:
Эй афсӯс, дар ин доми марг,
Боз сайди тозаеро мебаранд,
Ин садои пои ӯст,
Гиряе афтод дар ман беамон.

Дар миёни ашкҳо пурсидамаш:
Хуштарин лабханд чист?
Шуълае дар чашми торикаш шукуфт,
Ҷӯши хун дар гунааш оташ фишонд.
Гуфт:
Лабханде, ки ишқи сарбаланд,
Вақти мурдан бар лаби мардон нишонд,
Ман зи ҷо бархостам,
Бӯсидамаш.

## ГУРЕЗ

Аз ҳам гурехтем
В-он нозанин пиёлаи дилхоҳро,
Бар хок рехтем,
Ҷони ману ту ташнаи пайванди меҳр буд.
Дардо, ки ҷони ташнаи худро гудохтем.
Бас дарднок буд ҷудоӣ миёни мо,
Аз ҳам ҷудо шудему бар ин дард сохтем.

Дидори мо, ки ин ҳама шавқу умед дошт,
Инак, нигоҳ кун, ки саросар малол гашт.
В-он ишқи нозанин, ки миёни ману ту буд,
Дардо, ки чун ҷавонии мо поймол гашт.

Бо он ниёз, ки ман доштам ба ту,
Парҳези ошиқонаи ман ногузир буд.
Ман борҳо ба сӯи ту бозомадам, вале
Ҳар бор дер буд.

Инак, ману туем ду танҳои бенасиб,
Ҳар як ҷудо гирифта раҳи сарнавишти хеш.
Саргашта дар кашокаши тӯфони рӯзгор,
Гум карда ҳамчу Одаму Ҳавво биҳишти хеш.

## САРГУЗАШТ

Боз борон асту шаб чун ҷангале анбӯҳ,
Аз замин оҳиста мерӯяд,
Бо навоҳои ба ҳам печида зери резиши борон,
Бо худ ӯро зери лаб наҷвост.
Саргузаште талх мегӯяд:
Кӯча торик аст,
Бонги пое мешавад наздик,
Шохае бар панҷара ангушт месояд,
Ашки борон мечакад бар шишаи торик,
Ман нишаста пеши оташ дар учоқам ҳема месӯзад.
Духтарам, Ялдо,
Хуфта дар гаҳвора меҷунбонадаш модар,
Шаб гаронбор асту борон ҳамчунон якрез меборад,
Сояи борикандоми зане афтода бар девор.
Бачаашро мефишорад дар бағал навмед,
Дар дилаш ангор чизеро,
Мекунанд аз реша хунолуд.
Лаҳзае меистад, хам мешавад,
Оҳиста бо тардид,
Раъд меғуррад,
Сел меборад,
Охирин андешаи модар:
Чӣ хоҳӣ шуд?
Осмон гӯӣ зи чашми ӯ фурӯ меборад ин борон,
Боз борон асту шаб чун ҷангали анбӯҳ,
Бар замин густурда ҳар сӯ шоху баргашро,
Бо садоҳое ба ҳам печида дорад зери лаб наҷво.
Ман нишаста тангдил пеши учоқи сард,
Духтарам Ялдо,
Хуфта дар гаҳвораааш ором.

## ПАРДАГӢ

Ҷангали сарсабз дар ҳариқи хазон сӯхт,
Хира бар ӯ чашми хунгирифтаи хуршед.
Домани дашт аз ғубори сӯхта пур шуд,
Мурғи шаб аз ошёна пар заду нолид.

Ҷангали оташгирифта аз нафас афтод
В-он ҳама рангу тарона гашт фаромӯш,
Абри сияҳ хайма зад гирифтаву сангин,
Бар сари вайронаҳои ҷангали хомӯш.

Аммо шабҳо, ки ҷуз ситора касе нест,
Замзамае дар миёни ҷангал хуфтаст,
Хок нафас мекашад ҳанӯз ту гӯӣ,
Дар нафасаш бӯи боғҳои шукуфтаст.

Синаи ин хоки хушки сӯхтаҳосил,
Бистари бас ҷӯйборҳои равон аст.
Дар дили густурдааш чу абри гаронбор,
Ашки зулоли ҳазор чашма ниҳон аст.

Пур зи аташ решаҳои зиндаи саркаш,
Чанг фурӯ мебаранд дар ҷигари хок.
Қалби замин мезанад зи ҷунбиши растан,
Бо тапиши пуршитоби хуни тарабнок.

Дар дили ҳар донае зи шавқи шукуфтан,
Рақси диловези ноз мешавад оғоз.
Гӯӣ дар боғи офтобии ҷонаш,
Омада ногаҳ ҳазор мурғ ба парвоз.

Роҳкушоёни базрҳои ниҳонӣ,
Гар шуда аз зери санг раҳ бикшоянд.
Нозукҷонони сабзпӯши баҳорӣ,
Рақсон-рақсон зи хоку хора бароянд.

Ҷӯшиши он рангубӯ, ки дар тани соқаст,
То нашавад гул зи кор бознамонад.
Шираи хуршед дар рагаш ба такопӯст,
То ки чун рангинкамон шукуфа фишонад.

Инак, эй боғбон, шукӯҳи шукуфтан,
Соқа ҷавона заду ҷавона тарк хӯрд.
Шохаи хушке, ки дар тамоми зимистон,
Зиндагешро нуҳуфта дошт, гул овард.

## САНГВОРА

Ин сокити сабур, ки чун шамъ,
Сар карда дар канори ғами хеш,
Бо ин шаби дарозу дирангаш,
Ҷонаш ҳама фиғону дареғ аст,
Фарёдхост дар дили тангаш.

Дар хилвати ғамовари марҷон,
Пайҳои ҳои гиря шабе нест,

Аммо хурӯши ваҳшии дарё,
Гум мекунад дар ин шаби тӯфон,
Фарёдҳои хастаи ӯро.

Бас дар ҳисори ин шаби дилгир,
Мондам нигоҳи баста ба равзан,
Ҳамчун гиёҳ раста буни чоҳ,
Як-як ситораҳо ба сари ман
Чун ашк пур шуданду чакиданд,
Ное наруст охир аз ин чоҳ.

То нолаҳои ман битавонад,
Рӯзе ба гӯши раҳгузаре гуфт:
В-аз хуни талхи ман гули сурхе,
Дар ин кавири сӯхта нашкуфт.

Бас орзу, ки дар дили ман мурд,
Чун ишқҳои даври ҷавонӣ,
Аммо умед ҳамраҳи ман монд,
Танҳо гиристем ниҳонӣ.

Мурғи қафас агарчи асир аст,
Боз орзуи пар заданаш ҳаст.
Инак, ситам, ки мурғи ҳаворо,
Аз ёд рафтааст, дареғо.

Руъёи ошёна дар абр,
Шабҳо дар интизори сапеда,
Бо оташе, ки дар дили ман буд,
Чун шамъ қатра-қатра чакидам.
Афсӯс, бар даричаи бод аст,
Фонӯси нимаҷони умедам.

Бас дер мондӣ, эй нафаси субҳ,
К-ин ташнаком чашмаи хуршед,
Дар орзуи лаъл шудан мурд
В-имрӯз зери резиши айём,
Худ сангвораест зи умед.

## ТАШВИШ

Биншинему бияндешем,
Ин ҳама бо ҳам бегона,
Ин ҳама дурию безорӣ,
Ба куҷо оё хоҳем расид охир?
Ва чӣ хоҳад омад бар сари мо бо ин дилҳои пароканда?
Ҷангале будем,
Шоха дар шоха ҳама оғӯш,
Реша дар реша ҳама пайванд.
В-инак анбуҳи дарахтони танҳоем,

Меҳрубоне ба дили бастаи мо мурғест,
К-аз қафас дар накушодемаш
Ва ба узре, ки фазое нест.
В-андарин боғи хазонхӯрда,
Ҷуз самуми ситамоварда ҳавое нест,
Раҳи парвоз надодемаш.
Ҳастии мо, ки чу ойина,
Танг бар сина фушурдемаш аз ваҳшати сангандоз,
На сафову на тамошо ба чӣ кор омад?
Душмане дилҳоро бо кин хӯгир кард,
Дастҳо бо дашна ҳамдастон гаштанд,
Ва замин аз бадхоҳӣ ба сутӯҳ омад,
Эй дареғо, ки дигар душман рафт аз ёд,
В-инак аз синаи дӯст,
Хун фурӯ мерезад,
Дӯст, к-андар бари вай гиряи анбоштаро,
Натвонӣ сар дод,
Чӣ тавон гуфтамаш?
Бегона аст.
Ва сарое, ки ба чашмандози панҷарааш,
Нест дарахте, ки бар ӯ мурғе,
Ба фиғони ту диҳад посух зиндон аст.
Ман ба аҳде, ки бадӣ мақбул
Ва тавоноӣ доноист,
Бо ту аз хубӣ мегӯям,
Аз ту доноӣ меҷӯям.
Хуби ман, доноиро биншон бар тахт
Ва тавоноиро ҳалқа ба гӯшаш кун,
Ман ба аҳде, ки вафодорӣ,
Достоне малоловар
Ва аблаҳе нест дигар, афсӯс,
Доштани ҷанги бародарҳоро бовари оштиро
Ба умеде, ки хирад фармон хоҳад ронд,
Мекунам талқин.
В-андар ин фитнаи бетадбир,
Бо чӣ дилшӯра ва биме нигаронам ман,
Ин ҳама бо ҳам бегона,
Ин ҳама дурию безорӣ,
Ба куҷо оё хоҳем расид охир?
Ва чӣ хоҳад омад бар сари мо бо ин дилҳои пароканда?
Биншинему бияндешем.

## ГИРЯ

Сояҳо зери дарахтон дар ғуруби сабз мегирянд,
Шохаҳо чашминтизори саргузашти абр
Ва осмон чун ман ғуборолуди дилгирӣ,
Бод бӯи хоки боронхӯрда меорад.
Сабзаҳо дар раҳгузори шаб парешонанд,
Оҳ, акнун бар кадомин дашт меборад?

Боғ ҳасратноки боронист,
Чун дили ман дар ҳавои гиряи серӣ.

**ШИКАСТ**

Осмон зери боли авҷи ту буд,
Чун шуда, эй дил, ки хоксор шудӣ?
Сар ба хуршед доштиву дареғ,
Зери пои ситам ғубор шудӣ.

Тарсам, эй дилнишини дерина,
Саргузашти ту ҳам зи ёд равад.
Орзумандро ғами ҷон нест,
Оҳ, агар орзу ба бод равад.

**ҲАФТУМИН АХТАР**

Эй дареғо, чӣ гуле рехт ба хок,
Чӣ баҳоре пажмурд?
Чӣ диле рафт ба бод?
Чӣ чароғе афсурд?
Ҳар шаб ин дилхураи оташсӯз,
Хобам аз дида рабуд,
Ҳар саҳар чашм кушудам нигарон,
Чӣ хабар хоҳад буд?
Сарнавишти дили ман буд дар ин биму умед,
Оҳ, эй чашмаи нӯшини ҳаёт,
Эй умеди дилбанд.
Гарчи сад бор дилам аз ту шикаст,
Ҳеч гоҳ аз лаби нӯшат набуридам пайванд.
Охир, эй субҳдами хунолуд,
Омад он ханҷари бедод фуруд.
Шаш ситора ба замин дарғалтид,
Шаш дили шер фурӯ монд аз кор.
Шаш садо шуд хомӯш,
Бонги хун дар дили решам бархост,
Пур шудам аз фарёд.
Ҳафтумин ахтари субҳи сайёҳ,
Дили ман буд, ки бар хок афтод.

**ҲАВЛ**

Боз тӯфони шаб аст,
Ҳавл бар панҷара мекӯбад мушт.
Шуъла меларзад дар танҳоӣ,
Бод фонуси маро хоҳад кушт...

**МАН БА БОҒИ ГУЛИ СУРХ**

Дар кушуданд ба боғи гули сурх
Ва мани дилшударо
Ба саропардаи рангини тамошо бурданд.

Ман ба боғи гули сурх,
Бо забони булбул хондам,
Дар самоъи шаби сарвистон даст афшондам.
Дар парихонаи пурнақш ҳазор ойинааш,
Хештанро ба ҳазорон симо дидам.
Бо лаби ойина хандидам.

Ман ба боғи гули сурх.
Ҳамраҳи қофилаи рангу нигор,
Ба сафар рафтам,
Аз хок ба гул,
Рақси рангини шукуфтанро
Дар чашмаи нур
Мужда додам ба баҳор.

Ман ба боғи гули сурх,
Зери он соқаи тар,
Атрро замзама кардам то субҳ.

Ман ба боғи гули сурх,
Дар тамоми шаби сард,
Рӯшноиро хондам бо об
Ва саҳарро ба гулу сабза башорат додам.

## ТАРҲ

Гулӯи мурғи саҳарро буридаанду ҳанӯз,
Дар ин шати шафақ овози сурхи ӯ ҷорист.

## СУРХ ВА САФЕД

То наёроед гесӯи кабудашро бо шақоиқҳо,
Субҳ фархунда
Дар ойина нахоҳад хандид.

## ФАЛАҚ

Эй субҳ,
Эй башорати фарёд,
Имшаб хурӯсро
Дар осмони омаданат
Сар буридаанд.

## МАРСИЯИ ҶАНГАЛ

Имшаб ҳама ғамҳои оламро хабар кун,
Биншину бо ман гиря сар кун,
Гиря сар кун.
Эй ҷангал, эй анбуҳи андуҳҳои дерин,
Эй чун дили ман, эй хамӯши гиряогин.
Сар дар гиребон дар паси зону нишаста,
Абрӯ гираҳ афканда, чашм аз дард баста.
Дар пардаҳои ашк пинҳон карда болин.

Эй ҷангал, эй дод,
Аз ошёнат бӯи хун меоварад бод.
Бар боли сурхи кашгарак пайғоми шумест,
Он ҷо чӣ омад бар сари он сарви озод?

Эй ҷангал, эй шаб,
Эй беситора,
Хуршеди торик,
Ашки сиёҳи каҳкашонҳои гусаста,
Ойинаи деринаи зангорбаста,
Дидӣ чароғеро, ки дар чашмат шикастанд?

Эй ҷангал, эй ғам,
Чанги ҳазоровои боронҳои мотам,
Дар сояафканди кадомин норбун рехт,
Хун аз гулӯи мурғи ошиқ?
Мурғе, ки мехонд,
Мурғе, ки бо овозаш аз кунҷи қафас парвоз мекард,
Мурғе, ки мехост,
Парвоз бошад.

Эй ҷангал, эй ҳайф,
Ҳамсояи шабҳои талхи номуродӣ,
Дар остони сабзи фарвардин, дареғо,
Он ғунчаҳои сурхро барбод додӣ.

Эй ҷангал, эй пайваста поиз,
Эй оташи хес,
Эй сурху зард, эй шуълаи сард,
Эй дар гулӯи абру маҳ фарёди хуршед,
То кай ситам бо мард хоҳад кард номард?

Эй ҷангал, эй дар худ нишаста,
Печида бо хомӯшии сабз,
Хобида бо руъёи рангини баҳори нағмапардоз,
З-ин пила кай он нозанин парвона хоҳад кард парвоз?

Эй ҷангал, эй ҳамрози Кӯчакхони сардор,
Ҳамаҳди сарҳои бурида,
Пур карда доман

Аз меваҳои коли чида.
Кай менишинад дарди ширини расидан дар шири пистонҳои сабзат?

Эй ҷангал, эй хашм,
Эй шуълавар чун озарахши пираҳани чок,
Бо ман бигӯ аз саргузашти он сапедор,
Он саҳмгин пайкар, ки бо фарёди тундар,
Чун порае аз осмон афтода бар хок.

Эй ҷангал, эй пир,
Боландаи афтода озоди замингир,
Хун мечакад ин ҷо аз захми дерини табарҳо,
Эй ҷангал! Ин ҷо синаи ман чун ту захмист,
Ин ҷо дамодам доркӯбе бар дарахти пир мекӯбад.

## ХОБ

Бо гиря менависам
Аз хоб,
Бо гиря по шудам,
Дастам ҳанӯз
Дар гардани баланди ту овехтааст
Ва атри гесӯвони сиёҳи ту бо лабам омехтааст,
Дидор шуд муяссару бо гиря по шудам.

## ПАРАНДА МЕДОНАД

Хаёли дилкаши парвоз дар таровати абр,
Ба хоб мемонад.
Паранда дар қафаси хеш,
Хоб мебинад.
Паранда дар қафаси хеш,
Ба рангу равғани тасвири хоб менигарад.
Паранда медонад,
Ки бод бе нафас аст
Ва боғ тасвирест,
Паранда дар қафаси хеш,
Хоб мебинад.

## СУҚУТ

Гардане меафрошт,
Сараш аз чарх фаротар мерафт,
Осмон бо ҳама ахтарҳояш,
Бӯса мезад ба сари ангушташ,
Сиккаи хуршед,
Буд дар мушташ.
Як сару гардан
Гоҳ
На кам аз фосилаи кайҳонист

В-аз сарафрозӣ то хорӣ,
Ҷуз як сари мӯ фосила нест.
Ӯ саре хам кард
Аа осмон бо ҳама ахтарҳош,
Дур шуд аз сари ӯ.

## ГИРЯИ СЕБ

Шаб фурӯ меафтод,
Ба дарун омадаму панҷараҳоро бастам,
Бод бо шоха даровехта буд.
Ман дар ин хонаи танҳо танҳо,
Ғами олам ба дилам рехта буд.
Ногаҳон ҳис кардам,
Ки касе он ҷо
берун дар боғ,
Дар паси панҷараам мегиряд,
Субҳгоҳон шабнам,
Мечакад аз гули себ.

## САБУҲӢ

Бардошт осмонро
Чун косае кабуд
Ва субҳи сурхро
Лоҷуръа сар кашид,
Он гоҳ
хуршед дар тамоми вуҷудаш
тулуъ кард.

## ШОДБОШ

Хезу сафо кун, ки мурдаи саҳар омад,
Чашми ту равшан,
Боғи ту обод,
Даст марезод.
Ҳиммати Ҳофиз ба ҳамраҳи ту, ки охир
Даст ба коре задию ғусса саромад.
Бахти ту бархост,
Субҳи хандид.
Аз нафасат тоза гашт оташи умед,
Ваҳ, ки ба зиндони зулмати шаби ялдо,
Нур зи хуршед хостию баромад.
Гул ба канор аст,
Бода ба кор аст.
Гулшану кошона пур зи шӯри баҳор аст,
Булбули ошиқ бихон ба коми дили хеш,
Боғи ту шуд сабзу сурхгул ба бар омад.
Ҷоми ту пурнӯш,
Коми ту ширин,

Рӯзи ту хуш бод!
«К-аз паси он рӯзгори талхтар аз заҳр,
Бори дигар рӯзгори чун шакар омад».
Размӣ ту пирӯз,
Базми ту пурнур!
Ҷом ба ҷоми ту мезанам зи раҳи дур,
Шодии он субҳи орзу, ки бубинам.
Бум аз ин бом рафту хушхабар омад.

## ОЗОДӢ

Эй шодӣ!
Озодӣ!
Рӯзе, ки ту боз оӣ,
Бо ин дили ғампарвард,
Ман бо ту чӣ хоҳам кард?
Ғам ҳомони сангин аст,
Дил ҳомони хунин аст.
Аз сар то помон хун меборад,
Мо сар то по захмӣ,
Мо сар то по хунин,
Мо сар то по дардем.
Мо ин дили ошиқро,
Дар роҳи ту омочи бало кардем.
Вақте ки забон аз лаб метарсид,
Вақте ки қалам аз коғаз шак дошт.
Ҳатто, ҳатто ҳофиза аз ваҳшати дар хоб сухан гуфтан меошуфт,
Мо номи туро дар дил,
Чун нақше бар ёқут,
Мекандем.
Вақте ки дар он кӯчаи торикӣ,
Шаб аз паи шаб мерафт
Ва ҳавли сукуташро,
Бар панҷараи фурӯбаста фурӯ мерехт.
Мо бонги туро бо фаврони хун,
Чун санге дар мурдоб,
Бар бому дар афкандем.
Вақте ки фиреби дев,
Дар рахти Сулаймонӣ,
Ангуштарро якҷо бо ангуштон мебурд,
Мо рамзи туро чун исми аъзам,
Дар қавлу ғазал қофия мебастем.
Аз май, аз гул, аз субҳ,
Аз ойина, аз парвоз,
Аз симурғ, аз хуршед
Мегуфтем.
Он мурғ, ки дар абр сафар мекард,
Он базр, ки дар хок чаман мешуд,
Он нур, ки дар ойина мерақсид,
Дар хилвати дил бо мо начво дошт,
Бо ҳар нафасе муждаи дидори ту меовард.

Дар мадраса, дар бозор,
Дар масҷид, дар майдон,
Дар зиндон, дар занҷир,
Мо номи туро замзама мекардем.
Озодӣ! Озодӣ! Озодӣ!
Он шабҳо, он шабҳо, он шабҳо,
Он шабҳои зулмати ваҳшатзо,
Он шабҳои кобус,
Он шабҳои бедод,
Он шабҳои имон,
Он шабҳои фарёд,
Он шабҳои тоқату бедорӣ,
Дар кӯча туро ҷустем,
Бар бом туро хондем,
Озодӣ! Озодӣ! Озодӣ!
— Мегуфтем.
Рӯзе, ки ту бозоӣ,
Ман қалби ҷавонамро,
Чун парчами пирӯзӣ,
Бархоҳам дошт.
В-ин байрақи хунинро,
Бар боми баланди ту,
Хоҳам афрошт.
Мегуфтем,
Рӯзе, ки ту бозоӣ,
Ин хуни шукуфонро,
Чун дастаи гули сурхе,
Дар пои ту хоҳам рехт.
В-ин ҳалқаи бозуро,
Дар гардани мағрурат
Хоҳам овехт.
Эй озодӣ, бингар озодӣ,
Ин фарш, ки дар пои ту густурдааст,
Аз хун аст,
Ин ҳалқа гули хун аст.
Эй озодӣ!
Аз роҳи хун меоӣ, аммо
Меоию ман дар дил меларзам,
Ин чист, ки дар дасти ту пинҳон аст?
Ин чист, ки дар пои ту печидаст?
Эй озодӣ, оё бо занҷир меоӣ?

## БОЗГАШТ

Бе мурғ ошёна чӣ холист,
Холитар ошёнаи мурғе,
К-аз ҷуфти худ ҷудост.
Оҳ, эй кабӯтарони сапеди шикастабол,
Инак, ба ошёнаи дерин хуш омадед!
Аммо дилам ба ғорат рафтааст,
Бо он кабӯтарон, ки париданд.

Бо он кабӯтарон, ки дареғо,
Ҳаргиз ба хона бознагаштанд.

## КАЙВОН СИТОРА БУД

Мо аз нажоди оташ будем,
Ҳамзоди офтоби баланд, аммо
Бо сарнавишти тираи хокистар,
Умре миёни кӯраи бедод сӯхтем.
Ӯ чун шарора рафт,
Ман бо шикеби хокистар мондам.

Кайвон ситора шуд,
То бар фарози ин шаби ғамнок,
Уммеди равшаниро
Бо мо нигоҳ дорад,

Кайвон ситора шуд,
То шабгирифтагон
Роҳи сапедро бишносанд.

Кайвон ситора шуд,
Ки бигӯяд:
Оташ
Он гаҳ оташ аст,
К-аз андаруни хеш бисӯзад
В-ин шоми тираро бифрӯзад.

Ман дар тамоми ин шаби ялдо,
Дасти умеди хастаи худро,
Дар дастҳои равшани ӯ мегузоштам,
Ман дар тамоми ин шаби ялдо.
Имони офтобии худро,
Аз партави ситораи ӯ гарм доштам.

Кайвон ситора буд,
Бо нур зиндагонӣ мекард,
Бо нур даргузашт,
Ӯ дар миёни мардумаки чашми мо нишаст,
То ин ватеаро,
Рӯзе ба субҳдам биспорем.

## ЗИ БОЛИ СУРХИ ҚАНОРӢ

Ҳуҷуми ғорати шаб буду хуни гарми шафақ,
Ҳанӯз меҷӯшид,
Ҳанӯз пайкари гулгуни офтоби шаҳид,
Бар он каронаи дашти кабуд меҷунбид.
Ҳанӯз биркаи ғамгин ба ёд меовард,
Пардаи ранге рӯзе, ки дам ба дам мекост.

Ту бо чароғи дили хеш омадӣ бар бом,
Ситораҳо ба саломи ту омаданд: Салом!
Салом бар ту, ки чашми ту гоҳвораи рӯз,
Салом бар ту, ки дасти ту ошёнаи меҳр.
Салом бар ту, ки рӯи ту рӯшноии мост,
Салом бар ту, ки аз нур доштӣ пайғом.

Ту чун шаҳоб гузаштӣ бар он сукути сиёҳ,
Ту чун шаҳоб навиштӣ ба хуни равшани хеш,
Ки субҳи тоза зи хуни шаҳид хост,
Зи боли сурхи ту хондам дар он ғуруби қафас,
Ки офтоб раҳо гаштани қанориҳост.

## БЕРУН ШУД АЗ ГУМОР

Роҳ дар ҷангали авҳом гум аст,
Сина бикшой чу дашт,
Агарат партави хуршеди ҳақиқат бояд,
Вақте аз ҷангал гум.
По ниҳодӣ берун
Ва раҳо гаштӣ.
Аз он гираҳи кӯри гумор,
Ногаҳон обшоре аз нур,
Бар сарат мерезад.
Ва осмон
Бо ҳама паҳноварии бе марзаш,
Дар ту меомезад.
Эй фароз омада аз ҷангали кӯр,
Ҳастии равшани дашт,
Ошкоро бодат,
Бар лаби чашмаи хуршеди зулол,
Ҷуръаи нури гуворо бодат.

## ГУЛҲОИ ЁС

Дӯш аз риштаҳои ёс, ки буд,
Хуфта бар синаи дилангезат.
Рост гуфтӣ, ки орзуи ман аст,
Ки чунон гашта гардановезат.

Бо чӣ лабхандҳои нозолуд,
Бо чӣ ширин нигоҳи шӯрангез,
Боз кардӣ зи гардану додӣ,
Ба ман он ёсҳои атромез.

Бӯса додам басе ба ёди туаш,
Дилам аз даст рафту маст шудам.
Ончунонаш ба шавқ бӯйидам,
Ки ба бӯи хушаш зи даст шудам.

Дӯш то вақти бомдод маро,
Гули ту дар канори болин буд.
Дар бари ман бихуфту атр афшонд,
Бистарам то ба субҳ мушкин буд.

Ба шигифт омадам, ки ин ҳама бӯй,
Зи гуле инчунин аҷаб бошад.
Ҳайратам зад, ки рози ин гул чист?
Ки чунинам аз он тараб бошад.

Оҳ, донистам, эй шукуфаи ноз,
Рози ин бӯи мастиомезат.
К-андар он ришта буд печида,
Торе аз гесӯи диловезат.

**ГӮРИ ШАБ**

Шаб омаду чира шуд сиёҳӣ,
Ором гирифт мурғу моҳӣ.
Танҳо манам ашкбору бедор,
Эй шаб, ту зи ҷони ман чӣ хоҳӣ?

Бишкебу манол, эй шабоҳанг,
Андуҳ мафизо ба ин дили танг.
Бигзор ба дарди худ бигирям,
Дар хуни дилам фурӯ мазан чанг.

Эй моҳ, матоб бар ман имшаб,
Оташ ба дилам маяфкан имшаб.
Чашмак мазан, эй ситора, хомӯш,
Хунам мафишон ба доман имшаб.

Эй бод, ба кӯи ман чӣ пӯӣ?
Озори дили маро чӣ ҷӯӣ?
З-он духтари шӯхчашми танноз,
Бо ман сухане дигар нагӯӣ.

Наздик маё, хаёли ӯ дур,
Дур аз мани дардманди маҳҷур.
Бигрез аз ин шикастаи дард,
Бигзор маро дар ин шаби гӯр.

Оҳ, эй шаби табгирифта, пеш ой,
В-оғӯши сиёҳи хеш бикшой!
Бифшор, маро ба сина, бифшор,
Бирбой маро, зи хеш бирбой!

**ШАБИ СИЁҲ**

Барчид меҳри домани зарбафту хун гирист,
Чашми уфуқ ба мотами рӯзи сиёҳбахт
В-аз ҳавли хун чу кӯдаки тарсида мурғи шаб,
Нолид бар дарахти шаб.

Соя барафшонду калоғони хастабол,
Аз роҳҳои дур расиданд ташнаком.
Ранги шафақ париду сиёҳӣ фурӯ хазид,
Аз гӯшаҳои бом.

Ман дар шикани табу тобам ба печу тоб,
Дар дидаи пуробам акси ҷамоли ӯст,
Бармеҷаҳад зи чашмаи ҷӯшони ашки ман,
Ҳардам хаёли дӯст.

Чун моҳтоб бар сари вайронаҳои дил,
Мастона пой кӯбад дар ҷомаи сапед.
Печад садои хандаи ӯ дар дили хароб,
Ларзад танам чу бед.

Ин мутриб аз куҷост, ки аз нағмаҳои ӯ,
Бар хонаи хароби дилам сели дард рехт?
Ин захма дасти кист, ки бар тор мезанад?
Тори дилам гусехт.

Чун вои марги ҷигарсӯзу дилхарош,
Чун нолаи
видоъи ғамангезу ҷонгузост,
Андуҳноку шум чу фарёди мурғи ҳақ,
Ин нағмаи азост.

Ин нағмаи азост, ки ман ишқи мурдаро,
Имшаб ба гӯр мебараму хок мекунам.
В-аз ашки ғам, ки мечакад аз чашми орзу,
Рух пок мекунам.

## ЗАҲРХАНД

Биё, нигоро, биё, биё дар оғӯши ман,
Бизан зи май оташам, бибар дилу ҳуши ман.
Зи зулф во кун гираҳ, ки масту ошуфта беҳ,
Бирез ин мушкро, бирез бар дӯши ман.

Аз ин каманди баланд ба гардани ман бибанд,
Бикаш ба ҳар сӯ маро чу шери сар дар каманд.
Ба ноз бар ман битоз, ба ғамза корам бисоз,
Ба нолаи ман биракс, ба гиряи ман биханд.

Бихандy гесӯ зи ноз бирез бар шонаҳо,
Сабук ба ҳар сӯ бипар, бипар чу парвонаҳо.

Ба ишва домони хеш бурун каш аз дасти ман,
Маро ба дунболи хеш давон чу девонаҳо.

Зи ишваҳо тоза кун ба сар ҷунуни маро,
Ба нола афкан дили чу арғунуни маро.
Чу лаб ниҳам бар лабат, лабам ба дандон бигир,
Лабам ба дандон бигир, бинӯш хуни маро.

Гаҳе ба қаҳрам бисӯз чу шамъи оташпараст,
Гаҳе дар оғӯши ман бипеч чун мори маст.
Ба бӯсае захрнок, аз он лабам кун ҳалок,
Сарам сиёҳӣ гирифт, бимон, ки рафтам зи даст.

Биёву биншин, биё, гули хиромони ман,
Сари гарон аз шароб бинеҳ ба домони ман.
Даме дар оғӯши ман бихоб, ширин бихоб,
Парид ҳуш аз сарам, мапурс сомони ман.

Бирез, пур кун, бирез зи бода ҷоми маро,
Барор, имшаб барор, зи нанг номи маро.
Сапеда бармедамад зи нолаҳои хурӯс,
Шаби сабуксоя рафт, надода коми маро...

Бибӯс, оре, бибӯс, лаби маро нӯш кун,
Маро бад-ин чашму лаб харобу мадҳуш кун.
Ту ҳам чу бурдӣ зи даст, маро бад-ин чашми маст,
Бирав зи наздики ман, маро фаромӯш кун...

## ЖОЛА

Шаб ҳама шаб ба базми боғ гуле,
Ба сабо бӯса доду ком гирифт.
Ҳавасе ронду бодае паймуд,
Ҳосил аз умри бедавом гирифт.

Доман аз даст доду маст афтод,
То шаробе зи ҷоми васл чашид.
Булбули бенаво зи ҳасрату сӯз,
То саҳар нола карду оҳ кашид.

Рӯи домони чоки гул жола,
Ёдгоре зи қиссаи дӯш аст.
Гул сарафканда, субҳ механдад,
Булбули дилшикаста хомӯш аст.

## РАМИДА

Хаставу беморваш ба гарданам овехт,
Он ҳавпсангез дилбари гунаҳомӯз.

Дидааш ошуфта аз хумори ҳавасбор,
Гунааш аз оташи гуноҳ гулафрӯз.

Чанг фурӯ бурду гесӯвони сияҳро,
Нарм зи пешонии баромада пас рехт.
Нози сарангушти вай, ки гумшудае дошт,
Рӯи баногӯши ман хазиду ҳавас рехт.

Синааш афшурда рӯи синаи ман танг,
Дар тапиш аз мастии гуноҳи диловез.
Нарму навозишгар орамида ба дӯшам,
Гармии он бозувони лухти ҳавасхез.

Шуълаи сарди шикебу сояи парҳез,
Рафта дар он чашмҳои майзада дар хоб.
Дар нигоҳаш орзуи ташнаи лабрез,
Дар нафасаш илтиҳоби бӯсаи бетоб.

Гарм дар оғӯши ман хазиду ҳаваснок,
Бар лабам афшурд он лабони таболуд.
Ман зи хаёле рамида сарду сабукмеҳр,
Бӯсаи ман сардтар зи бӯсаи бидруд.

Лаб зи лабам баргирифту аз сари афсӯс,
Ғамзада дар чашми ман давид нигоҳаш.
В-аз нигаҳи хастааш ба чашми ман овехт,
Сарзаниши безабони чашми сиёҳаш.

Дид, ки боз андар ин ду дидаи намнок,
Ишқи касе шамъи ёдгор фурӯзад.
Дид, ки боз ин дили рамидаи бетоб,
Дар ғами он орзуи гумшуда сӯзад.

Аз паси ашке, ки ҳамчу ҳолаи андуҳ,
Парда дар он чашмҳои майзада овехт.
Боз таманнои кому ҳасрати оғӯш,
З-он нигаҳи ташнаи ҳавасзада мерехт.

## БАР САНГИ ЧАШМИ Ӯ

Бар сари гӯре, ки рӯзе буд оташгоҳи ишқи ман
В-аз лаҳиби орзуе равшану хуштоб,
Шуъла меафрошт.
В-инак аз хокистаре пӯшида,
К-аз вай чуз хамӯшӣ чашм натвон дошт,
Мечакад ашки нигоҳам талх,
Мечакад ашки нигоҳам низ дар он ҷоми заҳрогин,
К-аз шаранги бӯса лабрез аст.

В-аз фусуне тоза мехонад маро ҳар дам ки:
Боз о, ин чӣ парҳез аст?!
В-аз ниҳеби гӯри сарди чашми ӯ,
К-андар он ҳар гуна уммеде фурӯ мурдаст,
Пой вопас мениҳам,
Бениёз аз бӯсае пуршӯр,
К-аз фиребе тоза мерақсад дар он лабханд,
Бениёз аз хандаи дилбанд.

К-аз фусуне тоза мечӯшад дар он овоз,
Мечакад ашки нигоҳам боз,
Бар сари гӯре, ки рӯзе буд оташгоҳи ишқи ман
В-инак аз хокистари пӯшидаст,
Дар миёни ин хамӯшободи беҳосил,
Дар сукути чираи ин шоми бефарҷом,
Мечакад ашки нигоҳам бар мазори дил.

Месарояд қиссаи дарди маро бо санги чашми ӯ,
Бо ғаме, к-анар дилам зад чанг
В-аз палоси ҳастиям бигсехт тору пуд,
Меравам, мегӯямаш бидруд
В-аз нигоҳе хаставу пажмурда чун маҳтоби поизи малолангез,
Мегузорам бар мазори орзуҳоям гуле вайрон,
Ёдгори он умеди гумшуда, он ишқи ёдовез...

## ОЗОР

Духтаре хобида дар маҳтоб,
Чун гули нилуфаре бар об,
Хоб мебинад.
Хоб мебинад, ки бемор аст дилдораш
В-ин сияҳруъё шикеб аз чашми бемораш,
Боз мечинад
Менишинад хастадил дар домани маҳтоб,
Чун шикаста бодбони завраќе бар об.
Мекунам андеша бо худ:
Аз чӣ кӯшидам ба озораш?
В-аз пушаймонӣ сиришки гарм,
Медурахшад дар нигоҳи чашми бедораш.
Рӯзи дигар
боз чун дилдода мемонад ба роҳи ӯ,
Рӯй метобад зи дидораш,
Мегурезад аз нигоҳи ӯ,
Боз мекӯшад ба озораш.

## СУРУДИ РАСТОХЕЗ

Ба по бархостам,
Пурдарду хашмолуд,
Зи по бигсехта занҷир,

Даст озод,
Нигоҳам шуълахези кӯраи оташфишони хашм
Ва ман лабрези хашми ваҳшии фарёд.

Ба по бархостам,
Дасте ниҳода бар дили хунбор
Ва дасте бо дирафши халқи размоҳанг,
Забонам ташнасӯзи вожаи дилхоҳ,
Сурудам шуълавар дар чашми оташранг.

Суруди оташу хун,
Шуълатоби кӯраи бедод,
Суруде додхоҳи кинаҳое гумшуда аз ёд,
Суруди ташнаи лабрез,
Суруди хашми растохез.
Суруди ранҷзоду зиндагипарвард,
Суруде, к-аш шиканҷи марг натвонаш шикаст овард.

Ва инак ман,
Ки бо лабҳои рангафсурдаи хомӯш,
Шукуфти ғунчаҳои хандатонро дӯст медорам,
Чу ширин хандаҳои боғ,
Ба домони баҳори шӯхи гармоғӯш,
Зимистони сукути хештанро мегузорам дар дили пурдоғ
Ва дар мотамсарои синаҳотон,
Шуъла мeороям аз ин бонги оташгир,
Фурӯ гиред ашк аз гунаҳои зард,
Ва бардоред даст аз нолаҳои сард.

Ва биспоред бо ман гӯш,
Суруди синаи танги шумо меҷӯшад аз ин бонги оташнок
Ва аз баҳри шумо бармекушояд ин суруд оғӯш
Ва ман дар ин суруди пок,
Гулӯи нолаҳои хешро афшурдаам хомӯш
Ва ашки дардҳои хешро афшондаам бар хок.

Чӣ шодиҳо,
Ки дар худ метапад пуршӯр,
Ба шавқи ин диловар синаҳои реш?
Чӣ бас хуршед,
Ки дар дил мепазад руъёи боми зарнигори субҳ,
Дар ин чуғдошёни шуми маргандеш.

Чӣ бас ахтар,
Ки мерезад нигоҳи интизорашро,
Бар ин роҳи ғуборолуд,
Ба бӯи хандаи хуршеди равшангар.

Ва ман аз дур,
Ҳам акнун шавқи лабханди зафарманд шуморо метавонам дид,

Ки пар-пар мезанад дар орзуи бӯсаи лабҳоятон бетоб
Ва пинҳон чеҳра меорояд аз хилватсарои пардаи уммед
Ва мехонам аз ин лабханди беором,
Ки меорад ба ман пайғом:
- Суруде ҳам барои фатҳ бояд сохт!

**БА НОЗИМ ҲИКМАТ**

Мисли як бӯсаи гандум,
Мисли як ғунчаи сурх,
Мисли як парчами хунини зафар,
Дили афрӯхтаамро ба ту мебахшам, Нозим Ҳикмат!

Ва на танҳо дили ман,
Ҳама ҷо хонаи туст:
Дили ҳар кӯдаку зан,
Дили ҳар мард,
Дили ҳар кӣ шинохт,
Башаре нағмаи уммеди туро,
Ки дар он ҳар шабу рӯз,
Зиндагӣ ранги дигар, тарҳи дигар мегирад.

Зиндагӣ, зиндагӣ,
Аммо на бад-ин гуна, ки ҳаст,
На бад-ин гуна табоҳ,
На бад-ин гуна палид,
На бад-ин гуна, ки акнун ба диёри ману туст.

Ба диёре, ки фурӯ мешикананд,
Шабчароғе чу ту гетиафрӯз.
В-аз сипеҳри Ватанаш меронанд,
Оре, эй Ҳикмат, хуршеди бузург!

Офтобе чун ту,
Ба куҷо хоҳад рафт,
Ки набошад Ватанаш?
Ва ту медонӣ, Нозим Ҳикмат!
Рӯи коғаз зи касе,
Ватанашро натавонанд гирифт.

Оре, эй Ҳикмат, хуршеди бузург!
Шарқ то Ғарб ситоишгари туст.
В-аз карон то ба карон гӯши ҷаҳон,
Пардаи нағмаи ҷонпарвари туст.

Чуғдҳо,
Дар шаби табзадаи Меҳани мо,
Мефишонанд ба хок,
Ҳар куҷо ҳаст чароғе тобон
Ва гулу ғунчаи боғи моро,

Ба ситам мерезанд,
Пеши пои хукон.

Ва ба коми хаффош
Парда меовезанд,
Пеши ҳар ахтари пок,
Ки ба ҷон месӯзад
В-ин шабистони фурӯрехта меафрӯзад.

Лек ҷондорӯи ширини умед,
Ҳамчу хуни хуршед,
Метапад дар раги мо
Ва гули гумшуда сар мекашад аз хоки шикеб,
Ғунча меорад бе ранги фиреб.

Ва ба мо медиҳад ин ғунча навид,
Аз гули обии субҳ,
Хуфта дар бистари сурхи хуршед,
Нағмаи хеш раҳо кун, Ҳикмат,
То фурӯ печад дар гӯши ҷаҳон!

Ва суруди худро,
Чун гули хандаи хуршед бипош,
Аз карон то ба карон!
Чуғдҳо, хаффошон,
Меҳаросанд зи гулбонги умед,
Меҳаросанд зи пайғоми саҳар.

Бисароем, бихонем, рафиқ!
Нағмаи хуни шафақ,
Нағмаи хандаи субҳ,
Пардаи нағмаи мост,
Гӯши фардои бузург
Ва навобахш суруди дили мост,
Лаби ояндаи пок...

## БАРОИ РОЗЕНБЕРГҲО

Хабар кӯтоҳ буд:
- Эъдомашон карданд.
Хурӯши духтарак бархост,
Лабаш ларзид,
Ду чашми хастааш аз ашк пур шуд,
Гиряро сар дод...

Ва ман бо кӯшише пурдард ашкамро,
Ниҳон кардам:
—Чаро эъдомашон карданд?
Мепурсад зи ман бо чашми ашколуд:
—Чаро эъдомашон карданд?

— Азизам, духтарам!
Он ҷо шигифтангез дунёест:
Дуруғу душманӣ фармонравоӣ мекунад он ҷо,
Тило ин кимиёи хуни инсонҳо,
Худоӣ мекунад он ҷо,
Шигифтангез дунёе, ки ҳамчун қарнҳои дур,
Ҳанӯз аз нанги озори сиёҳон доман олудаст,
Дар он ҷо ҳаққу инсон ҳарфҳои пучу беҳудаст.
Дар он ҷо раҳзанӣ, одамкушӣ, хунрезӣ озод аст
Ва дасту пои озодист дар занҷир.

Азизам, духтарам!
Онон
Барои душманӣ бо ман,
Барои душманӣ бо ту,
Барои душманӣ бо ростӣ,
Эъдомашон карданд
Ва ҳангоме ки ёрон,
Бо суруди зиндагӣ бар лаб,
Ба сӯи марг мерафтанд,
Умеди ошно мезад чу гул дар чашмашон лабханд.
Ба шавқи зиндагӣ овоз мехонданд
Ва то поён ба роҳи равшани худ бовафо монданд.

Азизам!
Пок кун аз чеҳра ашкатро зи ҷо бархез,
Ту дар ман зиндаӣ, ман дар ту, мо ҳаргиз намемирем,
Ману ту бо ҳазорони дигар
Ин роҳро дунбол мегирем.
Аз они мост пирӯзӣ,
Аз они мост фардо бо ҳама шодию беҳрӯзӣ.

Азизам!
Кори дунё рӯ ба ободист
Ва ҳар лола, ки аз хуни шаҳидон медамад имрӯз,
Нааиди рӯзи озодист.

## ДАР ЗАНҶИР

Боли фариштагони саҳарро шикастаанд,
Хуршедро гирифта ба занҷир бастаанд,
Аммо ту ҳеч гоҳ напурсидаӣ, ки мурд,
Хуршедро чӣ гуна ба занҷир мекашанд?
Гоҳе чунон дар ин шаби табкардаи абӯс,
Пои замон ба қир фурӯ меравад, ки мурд.
Андеша мекунад,
—Шабро гузор нест.
Аммо ба чашмҳои ту, эй чашмаи умед,
Шаб пойдор нест.

## ҚИССА

Ҳаргиз ин қисса надонист касе,
Он шаб омад ба сарои ману хомӯш нишаст.
Сар фурӯ дошт, намегуфт сухан,
Нигаҳаш аз нигаҳам дошт гурез.
Муддате буд, ки дигар бо ман,
Бар сари меҳр набуд.
Оҳ, ин дарди маро мефарсуд:
«Ӯ ба дил ишқи дигар меварзад».
Гиря сар додам дар домани ӯ,
Ҳой- ҳое, ки ҳанӯз
Танаам аз хотирааш меларзад.
Бар сарам даст кашид,
Дар канорам биншаст,
Бӯса бахшид ба ман,
Лек медонистам,
Ки дилаш бо дили ман сард шудаст.

## ДАРАХТ

Шунидаам, ки дарахт аз дарахт бохабар аст,
Ва ман гумон дорам,
Ки санг ҳам аз санг.
Ва зарра-зарра олам, ки ошиқони ҳаманд,
Магар дили ту, ки бегона аст бо дили ман.

## БО БӮСАИ БАРОДАРӢ

Беҳуда гумон мебаранд,
Ки ман ба рӯи ту теғ хоҳам кашид, рафиқ!
Ва ё дари хонаамро ба рӯи ту хоҳам баст.
Кӣ теғ кашидааст ба рӯи дӯст?
Ва кӣ бастааст
Даричаи пилкҳои хешро
Ба рӯи рӯшноии чашм?

Беҳуда гумон мебаранд,
Ки ман рӯ дар рӯи ту хоҳам истод
Ва нангу номро
Хоҳам бурд аз ёд.

Ман теғеро,
Ки бо хуни бародарам
Ва ашки модарам
Об доданд,
Нахоҳам кашид
Ҷуз ба рӯи душман
Ва нахоҳам истод

Рӯ дар рӯи ту
Ҷуз барои бӯса додан.

Оҳ, мо теғ нахоҳем кашид,
Ба рӯи рафиқе,
Ки ҳангоми озодӣ ба хонаи мо меояд!
Ва оташ нахоҳем кушуд
Ба сӯи парчаме,
Ки бо нишони путку дос,
Ҳамранги хуни мост.

## МАРГИ ДИГАР

Марг дар ҳар ҳолате талх аст, аммо ман
Дӯст медорам, ки чун аз раҳ дарояд марг,
Дар шаби ором чун шамъе шавам хомӯш,
Лек марги дигаре ҳам ҳаст,
Дарднок, аммо шигарфу саркашу мағрур,
Марги мардон, марг дар майдон,
Бо тапиданҳои таблу шевани шайпур
Бо сафири тиру барқи ташнаи шамшер,
Ғарқа дар хун, пайкаре афтода дар зери суми асбон.

Ваҳ, чӣ ширин аст?
Ранҷ бурдан,
По фушурдан,
Дар раҳи як орзу мардона мурдан
В-андар уммеди бузурги хеш,
Бо суруди зиндагӣ бар лаб,
Ҷон супурдан.
Оҳ, агар бояд,
Зиндагониро ба хуни хеш ранги орзу бахшид
Ва ба хуни хеш нақши сурати дилхоҳ зад бар пардаи уммед,
Ман ба ҷону ди пазиро мешавам ин марги хунинро.

## НОЁФТА

Рӯзгоре дили рамидаи ман
Аз ду гулчеҳра бӯсае мехост,
Он яке сар кашиду ноз афзуд
В-ин яке бӯса доду базм орост.

Ин яке аз шароби бӯсаи хеш
Кард саршори мастии тарабам.
В-он яке дар сароби ваъдаи дур,
Медавонад ҳанӯз ташналабам.

Бӯсаҳое, ки ин яке додаст,
Гарчи ширинтар аз маю шакар аст.

Дили девона боз мегӯяд:
Лаззати он надода бештар аст.

## ПАРВОЗ

Хаёли дилкаши парвоз дар таровати абр,
Ба хоб мемонад.
Паранда дар қафаси хеш
Ба ранги равғану тасвири боғ менигарад.
Паранда медонад,
Ки бод бе нафас аст
Ва боғ тасвирест,
Паранда дар қафаси хеш хоб мебинад.

## НОҚУС БАРОИ КӢ МЕЗАНАД?

Бонги ноқус дар дилам бархост,
Ман саросемавору хоболуд,
Ҷастам аз ҷо:
Чӣ буд, оҳ чӣ буд?
Рӯзи шодист, ё навои азост?
Ҳеч кас лаб ба посухам накшуд.

Бод ҷунбиду кушта шуд фонус,
Шаб гаронбору тира чун кобус,
Бонги ноқус дар дилам бархост.
Оҳ, мепурсам аз худ:
Ин чӣ навост,
Аз барои кӣ мезанад ноқус?

## ЁДГОРҲО ВА ЁДБУДҲО

**Ёди ёри мехрубон ояд ҳаме**
**Рӯдакӣ**

Шаб магар шуш сояи гесӯи ӯ,
К-инчунин ошуфта шуд бар рӯи ӯ?
Оҳ, гум шуд рӯи ӯ дар чашми ман,
Боз дил ошуфта шуд чун мӯи ӯ.
Ҳар чӣ меҷӯям, намеёбам нишон,
Аз фурӯғи чехраи дилҷӯи ӯ.
Гум шудам дар ин шаби торику боз
Медавад чашму дили ман сӯи ӯ.
Гарчи ӯ дигар зи дастам рафт, ҳаст
Ёдгори ӯ, ки дорад бӯи ӯ.

Номае, мӯе, гули пажмурдае,
Ёдгори ишқи зудафсурдае.

Номаашро бӯи ҷон ояд ҳанӯз,
Ҷону дилро з-ӯ тавон ояд ҳанӯз.
Чун кушоям номаи он дилситон,
Бӯи ишқи дилситон ояд ҳанӯз.
Дил ҳанӯз аз номааш ҷӯяд умед,
З-он ки бӯиишқ аз он ояд ҳанӯз.
Ваҳ, ки аз он риштаи гулҳои ёс,
Бӯи он номеҳрубон ояд ҳанӯз.
Ваҳ, ки аз он тори мӯи нозанин,
Ёди он ороми ҷон ояд ҳанӯз.

Ёди он паймоншикан хуш, ёд аз ӯ
Ёди ӯ хуш, гарчи дорам дод аз ӯ.

Ёди он фархунда шабҳои Хазар,
Ёди он шабҳои зебои Хазар.
Ёди он шабҳо, ки бо ӯ доштам,
Шабравиҳо рӯи дарёи Хазар.
Обҳо, пиндоштӣ, симоб буд,
Ваҳ, чӣ зебо буд симои Хазар.
Мавҷ меғалтид зери пои мо,
Моҳ метобид болои Хазар.
Дасти ӯ дар дасти ман, шодикунон
Буд саргарми тамошои Хазар.

Эй дарег, он навбаҳорон, ёд бод!
Ёд бод, он рӯзгорон, ёд бод!

## ТО РАСИДАН ҲАНӮЗ БОЯД РАФТ

Эй ҳама роҳ омадӣ, оре,
Бинишин хастаию ҳақ дорӣ.
Нафасе тоза кун, намедонам,
Чанд мондаст аз шаби душвор?
То расидан ҳаӯз бояд рафт,
Кор сахт асту роҳ ноҳамвор.

## МЕБИНАМ ОН ШУКУФТАНИ ШОДИРО

Мебинам,
Он шукуфтани шодиро,
Парвози баланди одамизодиро,
Он ҷашни бузурги рӯзи озодиро.

Кайвон
Хандон ба Соя мегӯяд:
Дидӣ?
Ба ту мегуфтам!
Оре.
Ту ҳамеша рост мегуфтӣ.

Мебинам.
Мебинам.

## СУБҲИ ДУРӮҒИН

Ҳанӯз шаб нагузаштаст, эй шикеби бузург,
Бимон, ки бе ту маро тоби зинда мондан нест.
Фурӯғи субҳи дурӯғин фиреб медиҳадат,
Хурӯси таҷриба донад, ки вақти хондан нест.

## КУНФАЯКУН

Ту ба умри рафтаи ман монӣ,
Ки чу рӯзи мунтазирон тай шуд.
Ба кӣ дасти дӯстӣ бидиҳем?
Ки на дӯст монду на даст,
Афсӯс.
Ту бигӯ чӣ буду чӣ шуд?
Кай шуд?

## САРВИСТОН

Соҳати гӯри ту сарвистон шуд,
Эй азизи дили ман!
Ту кадомин сарвӣ?

## МЕРОС

Падарҷон, дар дили тангат чӣ абре буд,
Ки ман чандон, ки мегирям,
Ҳанӯзаш ҳеч поён нест.
Чи сабре доштӣ,
Аммо
Аз он дандон, ки бар ҳам мефушурдӣ,
Ҳамчунон хуни дилам ҷорист.
Ғамат бо ман
Дар ин шабҳои абрӣ
Зинда монд,
Аммо
Намедонам умедам дар дили танги кӣ хоҳад зист?

## ОВОЗИ ҒАМ

Дар ман касе пайваста мегиряд,
Ин ман, ки аз гаҳвора бо ман буд.
Ин ман, ки бо ман
То гӯр ҳамроҳ аст.
Дардест чун ханҷар,
Ё ханҷаре чун дард?
Ҳамзоди хун дар дил

Абрест боронӣ,
Абре, ки гуӣ гиряҳои қарнҳоро дар гулӯ дорад,
Абре ки дар ман
Якрез меборад.
Шабҳои боронӣ,
Ӯ бо садои гиряааш ғамнок мехонад.
Рӯдест бе оғозу бе анҷом,
Бо ҳой-ҳои гиряаш дар бекарони дашт меронад,
Пире ҳикоятгӯст,
К-аз кӯдакӣ бо худ маро мебурд.
Дар боғҳои мардуме гирён,
Аммо чӣ боғе?
Дӯзахе, к-он ҷо
Ҳар дам гуле шашкуфта мепажмурд.
Мурғест хунинбол,
К-аз зери пари чашмаш,
Андуҳноки сангборонҳост,
Ӯ дар ҳавои меҳрубонӣ бол меорост:
—Кай меҳрубонӣ боз хоҳад гашт?
— На, меҳрубонӣ
Оғоз хоҳад гашт.
Аз аҳди Одам
То ман, ки ҳардам,
Ғам бар сари ғам мегузорам,
Он ғамгусори ғамгусоронро ба ҷон хондем
В-аз роҳу бероҳ
Ошиқваш аз қарне ба қарне сӯи ӯ рондем
В-он орзуангези айёр,
Ҳаррӯз сабре беш мехоҳад зи ошиқ,
Дидорро ҷон пеш мехоҳад зи ошиқ
В-он гаҳ ки рӯе менамояд,
Ё чашму абрӯе паривор бознамедонанд,
Нақшаш намехонанд.
Дил мегурезонанд аз ӯ чун ваҳшате афтода дар ойинаи тор,
Ҳаргиз наёмад бар забонаи ҳарфи нодилхоҳ.
Аммо чӣ гуфтам, ҳар чӣ гуфтам, оҳ,
Пои сухан ланг асту дасти вожа кӯтоҳ аст.
Аз ман ба ман фарсангҳо роҳ аст,
Хомӯшам, аммо
Дорам ба овози ғами худ медиҳам гӯш,
Вақте касе овоз мехонад,
Хомӯш бояд буд.
Ғам достоне тоза сар кардааст,
Ин ҷо саропо гӯш бояд буд:
—Дард аз ниҳоди одамизод аст.
Он пири ширинкори талхандеш,
Ҳақ гуфт,
Оре, одамӣ дар олам,
Хоке намеояд ба даст, аммо
Ин бандӣ аз ӯ ниёзи хеш,
Ҳаргиз тавонад сохт оё оламе дигар?

Ё одаме дигар?...
— Эй ғам раҳо кун, қиссаи хунбор,
Чун дашна дар дил менишинад ин сухан, аммо
Ман дидаам бисёр мардоне, ки худ мизони шаъни одамӣ буданд
В-аз кибриёи рӯҳ бар мизони шаъни одамӣ бисёр афзуданд.
—Оре, чунин буданд.
Он зиндаандешон, ки дасти маргро бар гардани худ шохи гул карданд
Ва маргро аз партгоҳи нестӣ то ҳастии ҷовид пул карданд.
—Эй ғам!
Ту бо ин корвони сӯгворон то куҷо ҳамроҳ меоӣ?
Дигар ба ёди кас намеояд,
Оғози ин роҳи ҳаросангез,
Чунон ки хоҳад рафт аз ёди касон афсонаи мо низ.
— Бе мову бо мо он диловези куҳан зебост,
Дар роҳи будани сарнавишти мост.
Рӯзи ҳумоюни расиданро,
Пайваста бояд хост.
—Эй ғам! Намедонам,
Рӯзи расидан рӯзии гоми кӣ хоҳад буд?
Аммо дар ин кобуси хунолуд,
Дар печутоби ин шаби бунбаст,
Баингар чӣ ҷонҳои гиромӣ рафтаанд аз даст.
Дардест чун ханҷар,
Ё ханҷаре чун дард?
Ин ман, ки дар ман
Пайваста мегиряд,
Дар ман касе оҳиста мегиряд.

## САРОИ УМЕД

Эрон, эй сарои умед,
Бар бомат сапеда дамид,
К-аз ин раҳи пурхун,
Хуршеде хуҷаста расид.

Агарчи дилҳо пурхун аст,
Шукӯҳу шодӣ афзун аст.
Сапедаи мо гулгун аст,
Вой, гулгун аст,
Ки дасти душман дар хун аст.

Эй Эрон, ғамат марасод,
Ҷовидон шукӯҳи ту бод.
Роҳи мо - роҳи ҳақ,
Роҳи беҳрӯзист.
Иттиҳод, иттиҳод,
Рамзи пирӯзист.

Сулҳу озодӣ ҷовидона,
Бар ҳама ҷаҳон хуш бод!

Ёдгори хуни ошиқон, эй баҳор,
Эй баҳори тоза ҷовидон,
Дар ин чаман шукуфта бош!

## ОФТОБО, ЧӢ ХАБАР?

Офтобо, чӣ хабар?
Ин ҳама роҳ омадаӣ,
Ки ба ин хоки ғарибӣ бирасӣ?
Арғувонамро дидӣ сари роҳ?
Мисли ман пир шудаст?
Чӣ ба ӯ гуфтӣ?
Ӯ бо ту чӣ гуфт?
На,
Чаро мепурсам?
Арғувон хомӯш аст,
Дергоҳест, ки ӯ хомӯш аст.
Ошноёни забонаш рафтанд,
Арғувон вайрон аст,
Ҳардумон вайронем.

Клан, хурдодмоҳи 1396

## ДОС ВА ГУЛ

Омад баҳору аз миёни мо гузашту рафт,
Гуфтанд: Холӣ буд дасташ. На.
Вақте, ки меомад парастуҳои ҳампарвоз дидандаш,
Дар дастҳояш хӯшаҳои навраси уммед,
Дар кӯлабориши базри шодиҳои гумгашта,
Бо хандаву овоз меомад,
Он сарвҳои гӯшистода шунидандаш.
Омад баҳору аз миёни мо гузашту рафт,
Гул дошт, чидандаш.

## ҲАНӮЗ ОЁ... Ё

Чӣ фикрҳои ғамангез мезанад ба сарам,
Куҷоӣ, эй ки зи деринаҳои рафта ба бод?
Ҳанӯз ёди ту бо корвони роҳ задаст,
Ҳанӯз оё дар гӯшае аз ин дунё,
Замин ба рақси хиромидани ту менигарад?
Ба ноз меравию гул ба сабза мегӯяд:
Бубин, ки мегузарад!
Ҳанӯз...
Аммо ҳанӯз оё ҳастӣ?
Ё...

Клан, озармоҳи 1389

## ТАНДЕС

Дар хилвати ғамовари қабристон,
Бар ҷой истода,
Лабханд мезанад.

Лабханд дар гумони касон аст,
Дандон ба ҳам фишурда
Бонге ба дардро
Пушти лабони баста нуҳуфтааст,
Дар чашми бе нигоҳаш,
Хомӯшии ҳазор нагуфтааст.

В-инак, зи шӯхчашмии айём,
Мондаст аз убури калоғони солу моҳ,
Бар гӯшаи кулоҳаш
Нақше ба ришханд.

Рӯзе
Дар солҳои дур
Ӯро,
Бо ёди зиндагонии аз даст рафтае,
Ин ҷо нишондаанд,
Аммо дар ин ғуруби ғарибистон,
Бишнав зи лаҳни бе рамақи бод,
Ҳар ёдкарди синаи гӯре кушудан аст.

Тандес
Худ ҳикояти талхи набудан аст!...

## ҲАМЗОД

Ҳазор сол пеш,
Шабе, ки абри ахтарони дурдаст,
Мегузашт аз фарози боми ман,
Садом кард.
Чӣ ошност ин садо,
Ҳамон ки аз замони гоҳвора мешунидамаш,
Ҳамон ки аз даруни ман садом мекунад.
Ҳазор сол миёни ҷангали ситораҳо,
Паи ту гаштаам.
Ситорае нагуфт, к-аз ин сарои бекасӣ касе садот мекунад,
Ҳанӯз дер нест,
Ҳанӯз сабри ман ба қомати баланди орзуст,
Азизи ҳамзабон,
Ту дар кадом Каҳкашон нишастаӣ?...

## ЯГОНАГӢ

Бар санги гӯри тоза номе ҳаст,
Дорандаи ин номро ҳаргиз надидам ман.
Ин ҷо миёни сӯгворон ошноёнанд ва хешонанд
Ва мардумоне ҳам, ки чун ман
Дорандаи ин номро ҳаргиз надиданду намедонанд.

Аммо
Ҳар касе, ки ин ҷо ҳаст,
Бо хашму фарёде гираҳ дар мушт,
Медонад, ки ӯро кушт.

Бар гирди гӯри тоза ҷамъе сӯгворон аст,
Дигар касе ин ҷо намепурсад:
Ин хуфта дар хок аз куҷо ва аз кадомон аст?
Медонанд:
Ӯ фарзанди Эрон аст.

## ДАР РАСОИ ДӮСТ

***Дардест дар дилам, ки гар аз пеши оби чашм,***
***Бардорам остин, биравад то ба доманам.***
***Саъдии Шерозӣ***

Бонуи нозанин,
Мезони шони инсон.

Озар

Бо корвони сӯхтагон рафтӣ,
Нодида он сапедадами деркардаро,
Пинҳон нигоҳ дошта андар гулӯи сабр,
Буғзи фушурдаро.

Дар тангнои зулмати бунбаст,
Чашмат ба рӯшноии поёни ғор буд.
Ҳақ доштӣ, азиз,
Он рӯзи дилфурӯз,
Дур аст,
Аммо дурӯғ нест.

Бигзор,
Аз пеши оби чашм,
Бардорам остин,
Бонуи нозанин.

Клан, меҳрмоҳи 1396

**МУНДАРИҶА**

ҒАЗАЛИЁТ
БА НОМИ ШУМО
НИЁЗ
РАҲИЛ
САРВИ РАВОН
НАИ ШИКАСТА
ВАФО
НОЛА
ДОМИ БАЛО
НОЛАЕ БА ҲИҶРОН
АШКИ ВОПАСИН
ҚИССАИ ДАРД
ХОКИСТАР
МУРҒИ ПАРИДА
АШКИ НАДОМАТ
ХАНДАИ ҒАМОЛУД
ФАСОНАИ ШАҲР
ПАЁМИ ПАРАСТУ
ҲАМЕШАБАҲОР
ОХИР ДИЛ АСТ ИН
СОЯИ ГУЛ
ЁРИ ГУМШУДА
ЗАБОНИ НИГОҲ
СИРИШКИ НИЁЗ
СОЯИ ҲУМО
БЕНИШОН
ШАРМ ВА ШАВҚ
СОЯИ САРГАРДОН
АФСОНАИ ХОМӮШӢ
ДЕР
ТАРОНА
ТУНГИ ҒУРУБ
БАҲОНА
ДАР КӮЧАСОРИ ШАБ
ЛАБИ ХОМӮШ
БАЪД АЗ НИМО
ГИРЯИ ШАБОНА
ҚАДРИ МАРД
СИЛА
БЕДОДИ ҲУМОЮН
АЗАЛӢ
ДОСТОНИ ДИГАР
ПАРВОЗИ ХОКИСТАР
ОВОЗИ БАЛАНД
ОЙИНАИ ШИКАСТА
ОЙИНА ДАР ОЙИНА
НОЗ ВА НӮШ
ГИРЯИ ЛАЙЛӢ
ЛАЗЗАТИ ДАРЁ

ДАР ФИТНАИ РАСТОХЕЗ
БАҲОРИ СӮГВОР
ИН ИШҚ ЧӢ ИШҚ АСТ?
ДӮЗАХИ РӮҲ
ҲАМЕША ДАР МИЁН
НАҚШИ ДИГАР
ҲИСОР
ИНТИЗОР
ЗИНДОНИ ШАБИ ЯЛДО
ДИЛЕ ДАР ОТАШ
МУЖДАИ ОЗОДӢ
ХУНБАҲО
ШАБЕХУН
ЗИНДАВОР
ЁД ОР
БАР САРИ ОТАШИ ҒАМ
ДАР ПАРДАИ ХУН
ГУЛАФШОНИ ХУН
ПИЖВОК
ЧАРОҒИ СОИҚА
ДАР ҚАФАС
БА ПОЙДОРИИ ОН ...
ҚАҲРАБО
ХУН ДАР ҶИГАР
АЗИЗТАР АЗ ҶОН
БО НАИ КАСОӢ
ҲАМПАЙМОН
ПОИЗ
ҲУНАР — ГОМИ ЗАМОН
БАР ОСТОНИ ВАФО
ТАНГА
ИШҚИ ҲАЗОРСОЛА
САБР ВА ЗАФАР
НАҚШИ ПАРНИЁН
МУРҒИ ЧАМАНИ ОТАШ
ҶОН, ЭЙ СОҚӢ
ИНТИЗОР
РОЗҲО
РОҲЕ ВА ОҲЕ
ЗОДИ РОҲ
ГАНҶИ ГУМШУДА
РАВШАНИ ГӮЁ
МАРГИ ДУБОРА
МЕҲРГИЁҲ
ХУРШЕДПАРАСТОН
ҒАРИБОНА
ҒАМПАРАСТ
ДУРУСТШИКАСТА
САМОЪИ САРД
ҒАЗАЛИ ТАН

РАНҶИ ДЕРИНА
ОЙИНАИ АЙБНАМО
МАН ОН СУБҲАМ
ШАБГАРД
ҒУРУБИ ЧАМАН
ГӮШМОЛИ ПАНҶАИ ИШҚ
САРОИ СУРУД
СИЁҲ ВА САПЕД
ЧАНДУМИН ҲАЗОР...
ҲАСТ, ЭЙ СОҚӢ
КАМАНДИ МЕҲР
ЧАШМАИ ХОРО
ҲАМОШЁН
БА СИНАСАРДОН
ХОБ
САРГУЗАШТИ ЧАМАН
ДАРД
ЯГОНА
МУРҒИ ДАРЁ
ХОБ ВА ХАЁЛ
ГАҲВОРАИ ХОЛӢ
АЗ ИН ШАБҲОИ НОБОВАР
БАЙТУЛҒАЗАЛ
ТӮТИЁ
ЧАШМЕ КАНОРИ...
ҲАСРАТИ ПАРВОЗ
ДАР АВҶИ ОРЗУ
ДАР ДОМИ КУФР
ЧАНГИ ШИКАСТА
ҒАЗАЛИ КУҲНА
НАҚШИ ПАРЕШОН
НАМУД
ҲАМНИШИНИ ҶОН
МОҲ ВА МАРЯМ
ТО БА КАЙ БАНДАГӢ
ЭРОН
СУКУТИ ДИЛ
ЧАНД ИН ШАБУ...
СЕҲРИ СУХАН
АЗ БУНИ ҶОН
ПАРОКАНДА
ПИНДОШТ
ДАР МИЁНИ ИЛМҲОИ САРНАГУН
БӮИ РАСИДАН
ЧӢ МУБОРАК АСТ ИН ҒАМ...
ДУБАЙТИҲО
БЕДИЛ
ДАРЕҒ
ЧАНГИ ҲАЗИН
ТАНҲОӢ
ПАРӢ

ҶУДОӢ
ВАСЛ
САНГ
ГИРЯ
УМЕД
СУБҲИ ОРЗУ
ШИКАСТА
ДЕР
ГУЛИ ПАРПАР
ГУЛИ ЗАРД
САҲАРХЕЗОН
РУБОИЁТ
ДИЛИ ТАНГАМ
ҲАСРАТ
ОҲАНГИ САФАР
ҲАНӮЗ
ФАРЁД
ДАРСИ ВАФО
БУРД
ОН ИШҚ
ШУМОРА
ҒАМИ ШЕР
ЗИНДОН
ДИДОР
ҲАМЗОД
ОРЗУ
БОЛИ КАБӮТАР
ИШҚИ КУҲАН
ҚИТЪАҲО
ГУЛИ РӮЪЁ
САТУРН
МАСТ
БОНГИ ДАРЁ
БАР БАРГИ ГУЛ
ДУБОРА
ТАЛХ ЧУН БОДА...
МАСНАВИҲО
ШАМЪ ВА СОЯ
ОВОЗИ МОҲ
БАҲОРИ ҒАМАНГЕЗ
СОҚИНОМА
ЁДГОРИ ХУНИ САРВ
САМОЪИ СӮХТАН
ХУНИ БУЛБУЛ
ХОБИ ОЙИНА
САР ВА САНГ
ЧАШМИ БАСТА
БОНГИ НОЙ
ҚИССАИ ХУНИ ДИЛ
АШЪОРИ НИМОӢ

ОНО
САРОБ
НИГОҲИ ОШНО
ДАР ЛАБХАНДИ Ӯ
ШАБТОБ
ШАБИ СИЁҲ
МАРГИ РӮЗ
МЕХОҲАМ АЗ ТУ БИШНАВАМ
ИШҚИ ГУМШУДА
ОВОЗИ НИГОҲИ ТУ
ОШНОСӮЗ
АНДУҲРАНГ
НӮШИ НИГОҲ
ДАРДИ ГУНГ
АНДУҲ
БА САНГИ ЧАШМИ Ӯ
ПАРДА АФТОД
ОЗОДӢ
ШАБГИР
ЭЙ ФАРДО
МЕҲРГОНИ НАВ
ДИД
ДУХТАРИ ХУРШЕД
СУЛҲ
ШОЯД
ҒУРУБ
НУҚУС
КОБУС
БАР САВОДИ...
НИЛУФАР
ДЕВОР
МАРГИ ДИГАР
ЭҲСОС
КОРВОН
МАРҶОН
ЗАМИН
ЗИНДАГИНОМА
ДЕБОЧА
ОҲ, ОЙИНА
АРҒУВОН
ТАСВИР
ПАНДИ РӮДАКӢ
ЗИНДАГӢ
ШОИР
ТОСЁН
БӮСА
ГУРЕЗ
САРГУЗАШТ
ПАРДАГӢ
САНГВОРА
ТАШВИШ

ГИРЯ
ШИКАСТ
ҲАФТУМИН АХТАР
ҲАВЛ
МАН БА БОҒИ ГУЛИ СУРХ
ТАРҲ
СУРХ ВА САФЕД
ФАЛАҚ
МАРСИЯИ ҶАНГАЛ
ХОБ
ПАРАНДА МЕДОНАД
СУҚУТ
ГИРЯИ СЕБ
САБУҲӢ
ШОДБОШ
ОЗОДӢ
БОЗГАШТ
КАЙВОН СИТОРА БУД
ЗИ БОЛИ СУРХИ ҚАНОРӢ
БЕРУН ШУД АЗ ГУМОР
ГУЛҲОИ ЁС
ГӮРИ ШАБ
ШАБИ СИЁҲ
ЗАҲРХАНД
ЖОЛА
РАМИДА
БАР САНГИ ЧАШМИ Ӯ
ОЗОР
СУРУДИ РАСТОХЕЗ
БА НОЗИМ ҲИКМАТ
БАРОИ РОВЗЕНБЕРГҲО
ДАР ЗАНҶИР
ҚИССА
ДАРАХТ
БО БӮСАИ БАРОДАРӢ
МАРГИ ДИГАР
НОЁФТА
ПАРВОЗ
НОҚУС БАРОИ КӢ МЕЗАНАД?
ЁДГОРҲО ВА ЁДБУДҲО
ТО РАСИДАН ҲАНӮЗ БОЯД РАФТ
МЕБИНАМ ОН ШУКУФТАНИ ШОДИРО
СУБҲИ ДУРӮҒИН
КУНФАЯКУН
САРВИСТОН
МЕРОС
ОВОЗИ ҒАМ
САРОИ УМЕД
ОФТОБО, ЧӢ ХАБАР?
ДОС ВА ГУЛ
ҲАНӮЗ ОЁ... Ё

ТАНДЕС
ҲАМЗОД
ЯГОНАГӢ
ДАР РАСОИ ДӮСТ